**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН**
**БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ТДУ 378:800/809**

**ТКБ 74.58+81.2(0)**

**Б – 69**

**БОБОҶОНОВА МУНИРА ЮСУФҶОНОВНА**

# МЕТОДИКАИ АМАЛИСОЗИИ ҲАМКОРИҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ҶИҲАТИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТМАНДИИ КОММУНИКАТИВИИ ДОНИШҶӮЁНИ ИХТИСОСҲОИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ ДАР ЗИНАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБИИ ОМӮЗГОРӢ

Диссертатсия
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ,
профессор Маҷидова Б.

**ДУШАНБЕ – 2024**

# МУНДАРИҶА


**НОМГӮИ ИХТИСОРА ВА АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ..................... 3**

**МУҚАДДИМА....................................................................................... 4-19**

**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДОЛОГИИ РУШДИ ҲАМКОРИҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ МАКТАБИ ОЛӢ......................................................................................... 20-86**

1.1Таърихи масъалаҳои рушди ҳамкориҳои байналмилолии мактабҳои олӣ дар таҳқиқотҳои психологӣ ва педагогӣ.................... **20-32**

1.2.Равияи шахсиятӣ - фаъолнокӣ дар ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯён дар ҳамкориҳои байналмилалӣ........... **33-49**

1.3.Модели ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷиҳати ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯён.................................... **49-65**

1.4. Самтҳои рушди муносибатҳои байналмилалии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2018-2023).. **66-84**

**ХУЛОСАИ БОБИ 1.......................................................................... 84-86**

**БОБИ1. ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИННОВАТСИОНИИ ПЕДАГОГӢ ҶИҲАТИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТМАНДИИ КОММУНИКАТИВИИ ДОНИШҶӮЁНИ ИХТИСОСҲОИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ ДАР ҲАМКОРИҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ........................................................................... 87-174**

2.1. Истифодаи технологияҳои муосири таълим дар ташаккули ҳамкориҳои байналмилалӣ.................................................................. **87-102**

2.2. Технологияи ташаккули ҳамбастагӣ ва шарикии байналмилалӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ........................................................ **102-117**

2.3. Тамоюлҳои глобализатсияи иттилоотӣ ва фарҳангӣ дар рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ.................................................................. **118-125**

2.4. Санҷиши самаранокии модели ҳамкориҳои байналмилаӣ ва равияи шахсиятӣ-фаъолмандии донишҷӯён дар озмоиши таълимӣ.. **125-140**

**ХУЛОСАИ БОБИ 2.......................................................................... 141-142**

**Хулоса ва тавзеҳот.......................................................................... 143-150**

**Рӯйхати адабиёт.............................................................................. 151-174**

## НОМГӮИ ИХТИСОРА ВА АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ:

АНШХ – амалияи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ

ВАО – васоити ахбори омма

ГБЭ – гурӯҳҳои бисёрэтникӣ

ГО – гурӯҳи озмоишӣ
ГС – гурӯҳи санҷишӣ
ДДОТ – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

ДБЗХТ - Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

ЗА – забони англисӣ
ЗХ – забони хориҷӣ
КМД – кори мустақилонаи донишҷӯ
ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон
ИМА – Иёлоти Муттаҳидаи Америка

КСР – коэффитсиенти самаранокии таълим

ҚБФ- қобилияти байнифарҳангӣ

МБФ – муоширати байнифарҳангӣ

МТМ – маҷмӯаи таълимӣ-методӣ

МТМУ- муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ

МТОК – муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ

СБФ – салоҳиятмандии байнифарҳангӣ

СК – салоҳиятмандии коммуникативӣ

СДТ – стандарти давлатии таҳсилот

ТИП – технологияи инноватсионии педагогӣ

ТИК – технологияи информатсионӣ ва коммуникатсионӣ

ФР – Федератсияи Россия

ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзӯи таҳқиқот.** Зинаи таҳсилоти олии касбӣ заминаи асосӣ ва муайянкунандаи сатҳи касбияти ҷомеа ва таъмини тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ бо мутахассисони соҳибкасб мебошад. Дар замони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар зинаи таҳсилоти олии касбии кишвар дигаргуниҳои зиёде ба вуҷуд омаданд. Дастуру ҳидоятҳои Асосгузории сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо фаъолони соҳаи маориф (аз 28 августи соли 1995) барои ислоҳоти зинаи таҳсилоти олии касбии кишвар заминаҳои меъёрии ҳуқуқиро фароҳам овularанд. Дар ҳамин асос як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои соҳаи маорифи кишвар таҳия ва тасдиқ гардид. Аз ҷумла, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тасдиқи барномаи давлатии такмил ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020 ва тамдиди он то давраи солҳои 2030», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф", "Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ" (1996), "Стратегияи миллии рушди таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2015", "Барномаи давлатии рушд ва вориднамоии технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" (3 декабри соли 2004, таҳти № 468), "Стратегияи миллии рушди таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020", Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии касбӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ ҳуҷҷатҳое мебошанд, ки мазмуни таҳсилоти олии касбӣ, моҳияту муҳлати таълим ва усулҳои ташхиси сифати таҳсилоти олиро бо назардошти дастовардҳои умумибашарӣ муайян мекунад.

Гузариши муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар ба низоми кредитии таҳсилот ва ташаккули муносибати босалоҳият дар таълим имкон дод, ки ба зинаҳои таҳсилоти миллӣ, дараҷаҳои академии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи байналмилалӣ баҳогузорӣ карда шуда,

ҳалли проблемаҳои зерини муосири ҷаҳонишавии соҳаи маориф амалӣ гарданд. Аз ҷумла: –ҳамгироии низоми миллии таҳсилот дар фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ;–таъмини ҳаракати академии субъектҳои раванди таҳсилот;–таъмини озодии академии донишҷӯ ва омӯзгор.

Зимнан бояд қайд кард, ки дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон ҳамкориҳои байналмилалии кишвар дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ густариш ёфта, низоми таҳсилоти олии касбии кишвар ба фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ ворид шуд ва ташкили низоми кредитии таҳсилот ва ташаккули муносибати босалоҳият дар таълим дар миқёси ҷумҳурӣ ба яке аз равандҳои стратегии рушди ин соҳа табдил ёфт.

Тавре маълум аст, фарҳанги педагогӣ дар фаъолияти омӯзгорӣ ба омили асосӣ ва аз ҷиҳати касбӣ аҳаммиятнок мубаддал гардида, унсури муҳимми омодасозии касбии мутахассиси ояндаи забони хориҷӣ ба ҳисоб меравад. Ҷузъи муҳими таркибии ин раванд салоҳиятмандии коммуникативӣ мебошад, ки он аз маҷмӯи сифатҳои ҳамгирои шахсияти омӯзгор ҳамчун фарогирандаи донишу арзишҳои муносибати коммуникативӣ ва принсипҳои ахлоқии рафтори касбӣ иборат мебошад.

Қобили зикр аст, ки дар даҳсолаи охир рағбат ба масъалаҳои консепсияи коммуникатсияи байналмилалӣ афзуда истодааст. Вале дар илми педагогика ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ моҳият, мундариҷа ва таркиби падидаи муоширатии ҳамкориҳои байналмилалии мавриди таҳқиқот буда, нокифоя омӯхта шудаанд. Ин нуктаҳо мубрамии коркарди назариявӣ ва амалии масъалаҳои марбут ба ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷиҳати ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии омӯзгорони ояндаи забони хориҷиро дар раванди таълими муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгориро тасдиқ менамояд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ.** Масъалаҳои байналмилаликунонӣ ва иттилоотикунонии соҳаи маориф, рушди таҳсилоти олӣ ва ҳамкориҳои байналмилалии муассисаҳои таҳсилоти олӣ аз ҷониби муҳаққиқони рус: Е. Андреев, Ю.В.Бойко, И.И.Ганчеренок, Е.В.Гулбинская, В.П.Демкин,

М.Добринин, С.Д.Еникеева, Е.Г.Ермолева, В.П.Зинченко, В.Извозчиков, С.Лебедев, А.П.Лиферов, В.П.Панкратов, М.Пивоварова, Х.Себкова, П.Скотт, Р.Строгин, В.М.Филиппов, П.Фролкин ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Дар таҳқиқотҳои М.Б.Бабахонов, В.В.Бартолд, З.Р.Раҷабов, Л.Костепко, Н.Логофет, А.Мухтаров, А.В.Панков, Х.П.Соловев, Л.А.Перепелисина, А.Н.Халфин, М.Юлдошева, Х.Г.Сайфуллоев, Н.Т.Сатторова ва дигарон масъалаҳои таърихи инкишоф ва мустаҳкам шудани муносибатҳои Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла бо Россия, мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Бояд қайд кард, ки олимони рус Д.Абакумов, Н.В.Акинфиева, А.Н.Аринин, А.П.Владимирова, Ю.Л.Воробёв, Б.Гершунский, Ю.Д.Гранин, Н.П. Иванов, И.Ф.Кефели, В.Коптюг, К.Ляменков, Г.Малинетский, Х.А.Махутов, А.Б.Миронов, И.М.Могилевкин, М.Н.Осмова, А.Урсул таҳқиқотҳои худро ба омӯзиши стратегияи рушди устувори ҷомеаи ҷаҳонӣ ва нақши таҳсилоти олии касбӣ бахшиданд.

Доир ба ҷаҳонишавии ҳамкориҳои байналмилалӣ, сатҳи сифати таълим дар донишгоҳҳои хориҷӣ, вижагиҳои системаи кредитии таҳсилот муҳаққиқони хориҷӣ D.F.J.Campbell, B.Felderer, S.Davies, N. Guppy, A.Geuna, B.Martin, U.Schimank, M.Whines ва дигарон изҳори ақида намудаанд.

Ҳамчунин, асарҳои муҳаққиқони тоҷик Р.Алимов, Ш.Бобоев, Ҳ.Зарифӣ, З.Саидов, А.Сабуров, М.Тоштемиров, А.Шарифов ва К.Юлдошев оид ба рушди устувори таҳсилоти олӣ маводи пурмазмун ба шумор меравад.

Бояд гуфт, ки олимони тоҷик дар соҳаҳои педагогика, психология, лингводидактика ва фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз қабили С.Абдуллоев, Қ.Қодиров, И.Каримова, А.Нуров, С.Раҷабов, З.Раҷабов, Б.Тахохов, И.Тупайло, Р.Ҳошимов, Ф.Шарифзода, А.Шарифов, П.Ҷамшедов, Х.Г.Сайфуллоев, У.Юлдошев, Н.М.Юнусова, Д.Ашурова, Б.Маҷидова, Н.Н.Шоҳиён, З.Х.Сайфуллоева, Ҷ.Х.Файзализода ва дигарон дар омӯзиши

масъалаҳои рушди таҳсилоти оили касбӣ, ташаккули шахсият ва инкишофи муносибати босалоҳият таҳқиқотҳои назаррас анҷом додаанд.

Бо вуҷуди таҳқиқоти мавҷуда оид ба рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷиҳати ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни ихтисосҳои забонҳои хориҷӣ бояд қайд кард, ки як қатор **ихтилофот** миёни падидаҳои зерин мавҷуданд, ки *агар* онҳо ҳаллу фасли худро ёбанд: –тамоюли донишҷӯёну омӯзгорон ва корфармоён ба иҷрои талаботҳо вобаста ба баланд бардоштани сифати таҳсил дар мактаби олӣ таҳия карда шавад; –дараҷаи омодагии субъектҳои фаъолияти таълимӣ ба ҷустуҷӯи якҷояи вариантҳои мутобиқи такмили таҳсилоти ватанӣ коркард карда шавад; –ҳамон меъёрҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки ба талаботҳои пешрафти муосири илмию техникӣ ва иҷтимоӣ бомуваффақият мутобиқ шуда метавонанд, муқаррар карда шавад; –мутобиқати донишу малакаҳои мутахассисони маълумоти олидошта ба талаботҳои бозори меҳнати дохилӣ ва хориҷӣ нишон дода шавад;–таъсири ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи маориф ба сифати таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳат ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии доншҷӯёни ихтисосҳои забонҳои хориҷӣ дар зинаи таҳсилоти олии касбӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирад; –маълумоти оморӣ аз он шаҳодат диҳад, ки ҳарчанд дар ин самт анҷоми корҳо ба роҳ монда шуда, низоми кредитии таҳсил бомуваффақият ҷорӣ карда шудааст, вале, мутаассифона, сифати таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба талаботҳои муосир пурра мутобиқ нест; –дараҷаи омодагии касбии омӯзгорони аксар мактабҳои олӣ ба талаботи стандартҳои ҷаҳонӣ ҷавоб дода наметавонад;–ихтилофот байни тамоюли анъанавии усулҳои таълими забонҳои хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба мутолиаи матнҳои дорои фаъолияти байналмилалӣ ва афзоиши эҳтиёҷот ба малакаҳои муоширати шифоҳӣ ва хаттӣ бо назардошти ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷуён ҳал карда шавад.

Дар асоси ин ихтилофот мо проблемаи таҳқиқотро тавҷеҳ кардем, ки аз ошкор сохтани шароитҳои педагогие иборат мебошад, ки онҳо ба раванди

ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯён - омӯзгорониояндаи забонҳои хориҷии муассисаи таҳсилоти олии омӯзгорӣ таъсири самарабахш мерасонанд. Ин имконият дод, ки мавзӯи таҳқиқот муайян карда шавад: “Методикаи амалисозии ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷиҳати ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни ихтисосҳои забонҳои хориҷӣ дар зинаи таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ”.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзӯҳои илмӣ:** Таҳқиқот бо нақшаи илмӣ ва барномаҳои Раёсати илм ва инноватсияи ДДОТ ба номи С.Айнӣ мувофиқат мекунад. Илова бар ин вобаста ба мавзуи таҳқиқотӣ ДДОТ тавассути пешниҳоди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар татбиқи барномаҳои созмонҳои байналмилалии ACTR/ACCELS, ЮНЕСКО, БРСММ, Корпуси Сулҳ, Бунёди СОРОС, Хадамоти иттилоотии ИМА (USIS), Шӯрои Таҳқиқоти Байналмилалии Амрико (IREX), Шӯрои Бритониё дар Тоҷикистон, Бюрои ҳамкории забонӣ ва омӯзгории Сафорати Фаронса дар Тоҷикистон, Хадамоти мубодилаи академии Олмон (DAAD) ва ғайра ҳамкорӣ дорад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** - коркарди назариявӣ ва санҷиши озмоишии модели ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷиҳати ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни ихтисосҳои забонҳои хориҷӣ дар баланд бардоштани сифати таҳсилоти олии касбӣ дар донишгоҳҳои омӯзгории Тоҷикистон.

**Вазифаҳои таҳқиқот:**

1. Таҳлили назариявии проблемаи ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷиҳати ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни ихтисосҳои забонҳои хориҷӣ дар баланд бардоштани сифати таҳсилоти олии касбӣ амалӣ карда шавад.

2. Вазъи рушди фаъолияти байналмилалӣ ҷиҳати ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни ихтисосҳои забонҳои хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ ошкор гардонда шавад.

3. Моҳият ва мундариҷаи ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷиҳати ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни ихтисосҳои забонҳои хориҷӣ ва шароитҳои ташаккули онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ муайян карда шавад.

4. Модели ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷиҳати ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни ихтисосҳои забонҳои хориҷӣ ва технологияи амалигардонии он дар раванди таълим дар факултетҳои забонҳои хориҷии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ коркард карда шавад.

5. Меъёрҳо ва дараҷаҳои ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷиҳати ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни ихтисосҳои забонҳои хориҷӣ дар шароитҳои таълими таъҷрибавӣ-озмоишӣ муайян карда шаванд.

6. Самаранокии технологияҳои инноватсионии педагогӣ дар рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷиҳати ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни ихтисосҳои забонҳои хориҷӣ дар таълими таҷрибавии онҳо ошкор ва аз лиҳози озмоишӣ санҷида шавад.

**Объекти таҳқиқот -** раванди рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷиҳати ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни ихтисосҳои забонҳои хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогӣ.

**Предмет (мавзу)-и таҳқиқот** – методикаи амалисозии ҳамкориҳои байналмилалӣ дар ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни ихтисосҳои забонҳои хориҷӣ дар зинаи таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ.

**Фарзияи таҳқиқот**. Асоси таҳқиқотро назарияи зерин ташкил медиҳад: рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷиҳати ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни ихтисосҳои забонҳои хориҷӣ пурсамар хоҳад гардид, агар: –ҳамкории самараноки байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои узви ИДМ ва мамлакатҳои хориҷӣ ҳамоҳанг карда шавад; –

низоми дидактикие, ки азхудкуниии давра ба давраро дар ҷараёни омӯзиши фанҳои предметӣ ва касбӣ таъмин месозад, ба вуҷуд оварда ва дар амал ҷорӣ карда шавад; –меъёрҳо ва дараҷаҳои рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷиҳати ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни ихтисосҳои забонҳои хориҷӣ муайян карда шаванд; –модели рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷиҳати ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯён дар самаранокии технологияи инноватсионии педагогӣ дар раванди таълими забони хориҷӣ ошкор, тавсиф ва аз лиҳози озмоишӣ санҷида шавад; –дар раванди таълим бештар методҳо ва воситаҳои технологияҳои муоширатӣ, ки навъҳои гуногуни фаъолияти касбии донишҷӯёнро фаро мегиранд, истифода бурда шаванд. –низоми таълим дар мактабҳои олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таъмини технологияҳои инноватсионии омодасозии мутахассисоне, ки ба талаботҳои муосир ҷавобгӯ буда, дар бозори меҳнат рақобатпазиранд, навсозӣ карда шавад.

**Соҳаи таҳқиқот:** Муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо соҳаҳои зерини шиносномаи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мувофиқат мекунад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот.** Таҳқиқот дар се марҳила аз соли 2018 то соли 2024 гузаронида шуд.

**Дар марҳилаи якум - муқарраркунанда (2018-2019)** адабиёти илмӣ ва таълимию методӣ омӯхта шуда, усулҳои асосии омӯзиши мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ муайян гардиданд. Дар ҳамин марҳила аҳамияти мавзӯи таҳқиқотӣ асоснок ва дараҷаи таҳқиқи он пешниҳод гардида, заминаҳои илмии таҳқиқот таҳия ва фарзияи корӣ мухтасар ифода карда шуд. Ҳуҷҷатҳои оморӣ ва ҳисоботии мактабҳои олӣ, инчунин қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф омӯхта шуда, таҳқиқотҳои мавҷуда ва пештар гузарондашудаи баҳодиҳии самаранокии таъмини сифати таҳсилоти олии касбӣ дар шароити ҳамкории байналмилалӣ таҳлил ва

ташхис гардид. Пойгоҳ ва методҳои ташкилу баргузории кори таҳқиқотӣ интихоб карда шуд.

**Дар марҳилаи дуюм - ташаккулдиҳанда (2020-2021)** усул ва воситаҳои амалисозии модели технологияи таъмини сифати таҳсилоти олии касбӣ дар шароити ҳамкории байналмилалӣ баррасӣ гардида, ҷанбаи ташкилию техникӣ ва асоснокии мантиқию мазмунии он омӯхта шуд. Моҳият, мазмун ва хусусиятҳои хоси сифати таҳсилоти олии касбӣ дар шароитҳои муосир муайян гардиданд. Ихтилофҳо дар самтҳо ва усулҳои баланд бардоштани сифати таҳсилоти ватанӣ дар шароитҳои афзоиши суръати пешрафти илмию техникӣ ва иҷтимоӣ таҳқиқ карда шуданд. Ихтилофҳо дар фаҳмиши мазмун ва шаклҳои баланд бардоштани сифати таҳсилоти касбӣ, субъектҳои асосии ҷараёни таълим: омӯзгорон - донишҷӯён - корфармоён ошкор гардиданд.

**Дар марҳилаи сеюм - ҷамъбастӣ (2022-2024)** кори озмоишӣ ташкил ва баргузор карда шуд. Дар озмоиш шароитҳои педагогии салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогӣ коркард ва санҷида шуданд, ки инҳоро дар бар мегиранд: актуаликунонии ташаккули сифатҳои шахсиятии донишҷӯён (масъулиятшиносӣ, мустақилият, ташаббускорӣ, ҷидду ҷаҳд, фарҳанги ботинӣ, донишмандӣ ва ҳоказо) дар муҳити тамоюли гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогӣ; истифодаи технологияҳои гуманитарӣ дар омодасозии касбии омӯзгорониояндаи забонҳои хориҷӣ; баҳодиҳии дараҷаи ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогӣ. Тафтиши таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ ва шароитҳои ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии омӯзгорони оянда ҳангоми омӯзиши ЗХ дар муҳити бисёрэтникии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогӣ ғояҳои асосии фарзияро тасдиқ карда, татбиқшавандагии амалӣ ва таъсирбахшии худро исбот намуд.

Муайянсозии ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогӣ дар аввал ва охири таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ дар гурӯҳҳои озмоишӣ ва санҷишӣ натиҷабардорӣ ва ҷамъбаст шуданд.

Дар ҳамин асос маълумотҳои гирифташуда таҳлилу тафсир ва коркарди омории маводи таҳқиқот гузаронида шуд, инчунин тавсияҳои амалӣ ва натиҷаҳои умумии таҳқиқот пешниҳод гаштанд. Ба ғайр аз ин, барасмиятдарории кори диссертатсионӣ анҷом ёфт ва дурнамои омӯзиши масъалаи таҳқиқот муайян гардид.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот**. Асосҳои назариявии диссертатсияро дастовардҳои илмии олимон ва мутафаккирони гузаштаи русу аврупоӣ, таҳқиқоти мутахассисони собиқ шуравӣ, муҳаққиқони муосири ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаи педагогика, ки ба таҳлили масъалаҳои ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ва салоҳиятмандии коммуникативӣ бахшида шудаанд, ташкил медиҳад.

Муаллиф барои омӯзиш ва таҳлилу баррасии ҳаматарафаи паҳлуҳои гуногуни мавзӯъ ба таълифоти педагогии муҳаққиқони ватанӣ, аз қабили С.А.Абдуллоев, Қ.Б. Қодиров, И.Х.Каримова, А.Нуров, С.Р. Раҷабов, З.Ш. Раҷабов, Б. Тахохов, И.Л. Тупайло, Р.И. Хошимов, А. Шарифов, П.Ҷамшедов, У.Р.Юлдошев, Д.Ашурова, С.С. Авғонов ва дигарон такя намудааст. Дар ин ҷо метавон ба асару мақолаҳои донишмандони тоҷик: Ф.Шарипов, Х.Ғ. Сайфуллоев ва дигарон ишора намуданд, зеро дар ин таҳқиқот аз онҳо ба таври васеъ истифода бурда шудааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқот**ро оид ба ҷараёни ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷиҳати ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни ихтисосҳои забонҳои хориҷии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ муносибатҳои коммуникативӣ (И.Л. Бим, Н.И. Гез, С.Э.Негматов, Е.И. Пассов, Х.Г.Сайфуллоев, З.Х.Сайфуллоева, В.В. Сафонова ва дигарон), фарҳангшиносӣ (Е. В. Бондаревская, И. С. Кон ва дигарон), шахсиятӣ-фаъолмандӣ (И. С. Якиманская, Е. В. Бондаревская, Л. С.

Виготский, С. Л. Рубинштейн, А. А. Леонтев ва дигарон), байнифарҳангӣ (П.А.Сорокин, И.И.Лейфа, Ю.Н.Трил ва дигарон), системавӣ (А.Г.Асмолов, О.А. Абдулина, А.И.Кукуев ва дигарон); асарҳо доир ба методикаи таълими забонҳои хориҷӣ марбут ба проблемаи салоҳиятмандии коммуникативӣ ва фарҳанги муошırати нутқӣ; пажӯҳишҳои касбшиносии омӯзгори забони хориҷӣ; муносибатҳо оид ба таълими муоширати касбии забони хориҷии мутахассисони оянда дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ ташкил медиҳанд. Таҳлили қоидаҳои бунёдӣ ва назариявии Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забон», «Дар бораи маориф», Консепсияи мактаби миллӣ, Стандарти давлатии таҳсилот, Консепсияи таҳсилоти муттасил, назарияи раванди яклухти педагогӣ, назарияи ташаккули шахсият, ҳамчунин санадҳои директивии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд.

**Ба сифати сарчашмаи маълумот** осори фалсафӣ, фарҳангшиносӣ, психология, ҷомеашиносӣ ва педагогии олимон доир ба масъалаҳои ҳамкориҳои байналмилалӣ, муносибати босалоҳият, салоҳияти коммуникативӣ, моделҳои таҷрибавӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва ғайра истифода гардиданд.

Масъалаҳои салоҳиятмандии коммуникативӣ, хусусиятҳои миллӣ-фарҳангии ин ё он миллат, зарурати инкишофдиҳии ҳусни таваҷҷуҳ ва парвариши таҳаммулпазирӣ дар ҳамкориҳои байналмилалӣ дар осори муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ имрӯз дар якчанд самт мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд: салоҳиятмандии коммуникативии байнифарҳангии донишҷӯён дар раванди омодагардонии касбӣ (С.Н.Алиев, З.Х.Сайфуллоева, И.Е.Павленко), консепсияи гуфтугӯи фарҳангҳо дар таҳсилот ва таълими забонҳои хориҷӣ (В. С. Библер, А.И. Кукуев, С.Э.Неъматов, В. В. Сафонова, Е. И. Пассов); ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангӣ (И. А. Зимняя, А.П.Бостанжи, А.П.Садохин, Х.Г.Сайфуллоев, Р.А.Свиридон, И.С.Соловёва, В.П.Фурманова);. Асарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон;

санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таҳсилот, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020, Барномаи давлатии такмил ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020 ва тамдиди он то давраи солҳои 2030 ва ғайра ташкил намудаанд.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Барои ҳалли вазифаҳои таҳқиқот **усулҳои** зерини умумиилмӣ ва махсус истифода бурда шуданд: –усулҳои эмпирикӣ (мушоҳида, тавсиф, пурсиш, моделсозӣ); –усулҳои таҳлили назариявӣ (ретроспективӣ, қиёсӣ, мунтазам);–усулҳои омории коркарди маълумотҳо; –таҳлили назариявии адабиёти илмию педагогӣ; –таҳлили стандартҳои таҳсилот, барномаҳои омодагӣ аз рӯи фанҳои касбӣ.

Қисми озмоиши таҳқиқот дар заминаи факултети забони англисӣ ва забонҳои Шарқ, инчунин факултети забонҳои романӣ-германии ДДОТ ба номи С. Айнӣ ва факултетҳои забони англисӣ ва забонҳои романӣ-германии ДБЗХТ ба номи С.Улуғ зода гузаронда шуд. Дар озмоиш 14 омӯзгори забонҳои англисӣ ва олмонӣ ва 470 донишҷӯи курсҳои I-IV, ки оид ба ихтисосҳои «Омӯзгори забони англисӣ», «Омӯзгори забонҳои олмонӣ (фаронсавӣ)» таълим мегирифтанд, ширкат варзиданд.

**Пойгоҳи таҳқиқот:** Ба сифати пойгоҳи таҳқиқот Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ ва Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода интихоб гардиданд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот** иборатанд аз:

1.Дар илми педагогика ва таърихи маорифи Тоҷикистон методикаи амалисозии ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷиҳати ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни ихтисосҳои забонҳои хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогии Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯхта шуд.

2.Методологияи инкишофи ҳамкориҳои байналмилалии мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷустуҷӯи роҳҳои нави баланд бардоштани сифати таҳсилоти олии касбӣ пешниҳод гардид.

3.Дастовардҳои ҳамкориҳои байналмилалии донишгоҳҳои Тоҷикистон дар самти баланд бардоштани сифати таҳсилоти олии касбӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

4.Қавоиди консептуалии равияи шахсиятӣ-фаъолмандӣ ҷиҳати ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни ихтисосҳои забонҳои хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогӣ коркард гардид.

5.Моҳият ва сохтори салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯён зимни таълими муошират бо забони хориҷӣ дар муҳити бисёрзабонӣ муайян ва қисматҳои он (забонӣ, коммуникативӣ, мавзӯӣ, тамоюли шахсиятӣ, таълимӣ) муайян гардида, иҷрои мундариҷавии онҳо мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

6.Модели ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷиҳати ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни ихтисосҳои забонҳои хориҷӣ дар самаранокии технологияҳои педагогӣ зимни таълими муошират бо забони хориҷӣ коркард ва пешниҳод гардид.

7.Пешниҳоди низоми санҷиши ташаккулёбии салоҳиятмандии коммуникативии омӯзгорониояндаи забонҳои хориҷӣ, ки меъёрҳои коммуникативӣ, фарҳангшиносӣ, касбӣ ва шахсиятӣ-фаъолмандӣ ва нишондодҳои фарогир аз рӯйи меъёр.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.**

1.Модели ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷиҳати ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯён дар самарабахшии технологияҳои педагогӣ зимни таълими муошират бо забони хориҷӣ мақсад, вазифа, маҷмӯи принсипҳо, давраҳои ташаккулёбии он ва меъёрҳои баҳогузориро дорост.

2.Таркиби қисматҳои салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯён аз қисматҳои забонӣ, коммуникативӣ, мавзӯӣ, таълимӣ, шахсиятӣ-фаъолмандӣ ва мундариҷаи фарҳангшиносии онҳо иборат мебошад.

3.Қавоиди консептуалии равияи шахсиятӣ-фаъолмандӣ ба ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯён дар шароитҳои бисрёзабонии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогӣ мусоидат менамояд.

4.Раванди ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯён ба ҳамкориҳои байналмилалӣ дар заминаи коммуникатсияи байнифарҳангӣ алоқаманд мебошад.

5.Шароитҳои ташкилию педагогӣ ба таъмини сифати баланди таҳсилоти олии касбӣ: ташкили ҳаракати академии субъектҳои таълим, рушди робитаҳои бисёрҷонибаи илмӣ ва илмию методии мактабҳои олии кишварҳои гуногун, рушди пайвастаи инфрасохтори мактабҳои олӣ, рақамикунонии таҳсилот дар мактабҳои олӣ, таҳияи барномаҳои таълимӣ (онлайнӣ) ва иштироки мактабҳои олӣ дар татбиқи лоиҳаҳои байналмилалӣ мусоидат мекунанд.

6.Шароитҳои ташкилӣ-педагогӣ дар баланд бардоштани самаранокии ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯён: фаъолияти боҷидду ҷаҳди махсус, ки ба шавқу рағбати онҳо барои омӯзиши фарҳанги ғайрзабонӣ таҳрик медиҳад; методҳои тамоюли фарҳангӣ зимни омӯзиши забони хориҷӣ; робитаҳои байналмилалӣ дар рафти инкишофи салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯён таъсир мерасонанд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки дар диссертатсия дар асоси талабот ба мутахассиси ояндаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогӣ модели ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷиҳати ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯён дар самарабахшии технологияҳои педагогӣ зимни таълими муошират бо забони хориҷӣ коркард шуд: банизомдарории мақсад, вазифаҳо ва маҷмӯи принсипҳо, мундариҷаи таълим, шароитҳои педагогӣ, давраҳои таҳқиқоти озмоишӣ ва меъёрҳои арзишмандии маҳорат ва малакаҳои ташаккулёфта гузаронида шуд. Диссертатсияи мазкур дар заминаи таҳлили адабиёти илмӣ ва омӯзиши равандҳои ҷаҳонишавӣ навишта шуда, дар он нисбат ба хусусиятҳои рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон хулосаҳои илман асоснок баён гардидаанд. Бинобар ин, таҳқиқоти мазкур, пеш аз ҳама, дар шароити Тоҷикистон барои таҳқиқи минбаъдаи раванди

ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ заминаи илмию назариявӣ ба шумор меравад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** ба модели пешниҳодгардида асос меёбад, ки он аз дидгоҳи назариявӣ асоснок ва ба таври озмоишӣ барои ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯён-бакалаврҳо ва самарабахшии технологияҳои инноватсионӣ ҳангоми таълими коммуникатсияи байнифарҳангӣ санҷида шуда ба ҳисоб меравад.

Хулосаҳои ҳосилшуда ба ҳаллу фасли масъалаҳои алоқаманд бо соҳаи ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ мусоидат намуда, ба сифати асоси назариявӣ барои гузаронидани таҳқиқотҳои минбаъдаи илмӣ, инчунин таҳияи сиёсати давлатӣ дар соҳаҳои фарҳанг ва маориф хизмат мекунанд. Маводи кори диссертатсиониро зимни корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, ташкилу гузаронидани чорабиниҳои давлатӣ, таҳияи назария, стратегия ва барномаҳои соҳавӣ, таҳияи курсҳо, дастурҳои таълимӣ, барномаҳо доир ба илмҳои ҷомеашиносии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, инчунин дар ҷараёни ташкилу гузаронидани машғулиятҳои таълимӣ дар муассисаҳои таълимӣ истифода бурдан мумкин аст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот:** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо дуруст гузоштани вазифаҳо, истифодаи маълумотҳои омори расмӣ; асоснокии мавқеъҳои методологӣ; мутобиқат ба маҷмуи усулҳои истифодашуда оид ба предмети таҳқиқот, вазифаҳои гузошташуда ва таҷрибаи шахсии муҳаққиқи рисолаи мазкур таъмин мешавад. Илова ба ин, мувофиқати натиҷаҳои таҳқиқот бо дигар корҳои пажуҳишудаи муҳаққиқ ва бо муқаррароти ибтидоии назариявӣ муайян гардид.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар мавзуи “Методикаи амалисозии ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷиҳати ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни ихтисосҳои забонҳои хориҷӣ дар зинаи таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ” аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар гирифтани натиҷаҳои илмӣ бо гузоштани масъала, таҳияи асосҳои методологии таҳқиқот, мақсади умумӣ ва методикаи озмоиш аз рӯйи масъалаи таҳқиқот, таҳияи модели ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷиҳати ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯён дар самарабахшии технологияҳои педагогӣ зимни таълими муошират бо забони хориҷӣ барои тақвияти фаъолмандии мустақилонаю маърифатии донишҷӯёни мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин роҳбарӣ ва иштирок дар кори озмоишӣ муайян мегардад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.**

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар мавридҳои зерин баррасӣ гардидаанд:

–гузориш ва муҳокимаҳои мунтазам дар ҷаласаҳо ва семинарҳои илмӣ-методии кафедраи методикаи забони англисии ДДОТ ба номи С.Айнӣ; –маърӯзаҳо дар конфронсҳои илмӣ-амалии ДДОТ ба номи С.Айнӣ;–суханронӣ дар конфронсҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ, байналмилалӣ ва мизҳои мудаввар ; –мулоҳизаҳои асосии диссертатсия ва қисмати озмоишии таҳқиқот дар корҳои таълимӣ ва беруназтаълимии ДДОТ ба номи С.Айнӣ мавриди санҷиши зарурӣ қарор гирифта, амалӣ гаштаанд; –мазмуни асосии рисола дар ҷаласаи васеи кафедраи методикаи таълими забони англисӣ ва кафедраи педагогикаи умумии ДДОТ ба номи С.Айнӣ мавриди муҳокима қарор гирифтааст; –қоидаҳои асосии диссертатсия ва қисми озмоишии таҳқиқот дар корҳои таълимӣ, берун аз таълимӣ дар ДДОТ ба номи С.Айнӣ ва ДБЗХТ ба номи С.Улуғзода санҷида шудаанд.

**Интишорот аз рӯи мавзӯи диссертатсия.**

Натиҷаҳои асосӣ дар маводи Паёми ДДОТ ба номи С.Айнӣ, маҷмӯаҳои маводи конфронсҳо инъикос ёфтаанд, аз санҷиши зарурӣ гузаштанд, дар конфронсҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, мизҳои мудаввар, семинар ва тренингҳо васеъ баррасӣ шудаанд, дар 10 мақола инъикос ёфтаанд, аз ҷумла 4 мақола дар нашрияҳои тавсиякардаи КОА-и назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ба табъ расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми кори диссертатсионӣ**. Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, ҳашт зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Муҳтавои диссертатсия дар ҳаҷми 174 саҳифаи чопӣ инъикос ёфта, дар дохили кор 7 ҷадвал, 6 диаграмма мавҷуд мебошад. Рӯйхати адабиёти истифодашуда 205 номгӯй ва сарчашмаҳоро фаро мегирад.

# БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ РУШДИ ҲАМКОРИҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ДОНИШГОҲҲОИ ТОҶИКИСТОН

## 1.1. Таърихи масъалаҳои рушди ҳамкориҳои байналмилалии мактабҳои олӣ дар таҳқиқоти психологӣ ва педагогӣ

Барои таъмини пешрафти ҳамагуна соҳаи фаъолият, пеш аз ҳама, бояд фаъолияти он ба низом даровада шавад. Низом ин маҷмуи унсурҳои бо ҳам пайвастшуда мебошад. Тавре Конаржевский Ю.А. менависад, низом маҷмуи унсурҳои ба ҳам алоқаманд буда, барои ноил шудан ба ҳадафҳои мушаххас пешбинӣ шудааст [65;9]. Мувофиқи таърифи Блауберг И. В. низом мафҳумест, ки барои дониш тавассути принсипҳои мушаххаси объекти интегралӣ, воситаҳои расмию муайяни консептуалӣ ва такрористеҳсолӣ хизмат мерасонад; одатан ин такрористеҳсолӣ бо як самти муайяни амалӣ, масалан, вобаста ба вазифаҳои идоракунӣ ба амал бароварда мешавад [21;214] .

Низомҳои табиию иҷтимоии пайваста инкишофёбанда дар гардиши нави давраҳои рушд ба мавқеъҳое ворид мешаванд, ки онҳо ба низоми мобайнии рушди тамаддун таъсир мерасонанд.

Низоми маориф низ аз лаҳзаи ба вуҷуд омаданаш ҳамеша дар пешрафт қарор дорад ва «...маънои пешрафт куллан тағйир ёфтан набуда, балки ягонагии тағйирёбии мушаххаси низомро аз ҳолати камтартиб ба ҳолати танзимшуда ва баръакс, ҳамчун раванди мураккабшавии он, тағйирёбии низомро аз лаҳзаи пайдоиш то аз байн рафтани он ифода мекунад» [5;168-169] . Низоми маориф худташкилкунанда, кушода, синергетикӣ буда, қодир ба инъикос, худшиносӣ, дигаргунсозии доимӣ ва ғанисозии сифатӣ мебошад.

Сабабҳои пайдоиши нав, инчунин сабабҳои вайроншавӣ падидаҳои зиддиҳамдигарӣ мебошанд, ки амали онҳо падидаи дигарро муайян мекунад, ба вуҷуд меорад ё тағйир медиҳад [117;188]. Маҳз ҳамбастагии падидаҳост, ки низоми маориф дар муҳити беруна ва дохилӣ пайваста тағйир меёбад.

Низоми муосири маориф бояд бартарӣ дошта бошад, – мегӯяд Ф.Шарипов – зеро он бояд ба насли наврас дар бораи муҳити нави иттилоотии ҷомеа, малакаҳои амалии истифодаи имкониятҳои он, инчунин ташаккули ҷаҳонбинии нав дар асоси дарки нақши ҳалкунандаи иттилоот ва равандҳои иттилоотӣ дар таъмини ҳаёти ҷомеа ва инсон маълумот диҳад.

Аз ин рӯ, масъалаи иттилоотикунонии маорифро дигар танҳо ҳамчун масъалаи инструменталӣ-технологӣ ё проблемаи пур кардани инфрасохтори соҳаи маориф бо компютерҳо, воситаҳои алоқа ва дар заминаи онҳо офаридани технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии маориф баррасӣ кардан мумкин нест. Имрӯз проблемаи тағйир додани мақсад ва муҳтавои таълим, самти принсипнокии нави он ба проблемаҳои ҷомеаи иттилоотӣ муҳим гардида, ҳалли куллиро тақозо мекунад [166;3 ] .

Аз ин рӯ, низоми маориф бо шароитҳои пайдоиши иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ муайян гардида, он ҳолатҳоеро ошкор менамояд, ки барои ҳар як фард, ҷомеа, давлати алоҳида ва тамаддуни башарӣ аҳамияти афзалиятноки раванди рушди маорифро нишон медиҳанд.

Таҳқиқотҳои муосир аз тағйирёбии тамаддуни зеҳнӣ, иттилоотӣ, энергетикӣ шаҳодат медиҳанд, ки дар ибтидои аср як қатор инқилобҳои башардӯстона, навоварона, зеҳнӣ, иттилоотӣ, фарҳангӣ, маърифатӣ ва инқилоби сифатиро муайян мекунанд. Самт аз мавқеи афзалияти «миқдор»-и хизматрасонӣ, маҳсулот, муносибатҳо, низомҳо, равандҳо ва ғайра ба мавқеи афзалияти «сифат»-и онҳо дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти инсон дарак медиҳад.

Ҳамин тавр,

- солҳои 50-60 – даврони самаранокӣ;

- солҳои 70-80 – даврони сифат;

- солҳои 80-90 - даврони натиҷагирӣ;

- аз солҳои 90-ум то имрӯз – давраи навоварӣ, ки бо зарурати ташаккули воситаҳои эҷоди инноватсия ва истифодаи минбаъдаи онҳо дар рушди низомҳои иҷтимоию иқтисодӣ муайян гардида, дар он рақобат дар сатҳи дохилӣ ва беруна вуҷуд дорад.

Муҳаққиқи амрикоӣ Ф.Янсен мафҳуми муомилоти сифатро, ки дар даврабандии инкишофи тамаддун дар нимаи дуюми асри 20 ифода меёбад, чунин баррасӣ кардааст: [178;90 ](рас. 1).




**Расми 1. Навгонӣ аз рӯи тақсимоти Ф.Янсен**

Муҳаққиқи дигар Макарян А.С. бо назардошти мушкилоти дурнамо ва ҷаҳонишавии рушди инсонӣ муайян кардааст, ки «яке аз нишондиҳандаҳои асосии рушди инсонӣ, ки аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ба тавri умум эътироф шудааст, имкониятҳои баланд ва афзояндаи таҳсилот ва сатҳи маърифатнокии аҳолӣ мебошад» [88;160].

Аз ин рӯ, имрӯз индекси рушди инсонӣ (HDI) [195] яке аз рейтингҳои бонуфузтарин дар байни бисёр рейтингҳои ҷаҳонӣ мебошад, ки аз соли 1990 дар Гузориши мустақили рушди инсонӣ (HDR) [194;144-147] нашр шуда, аз ҷониби як гурӯҳи таҷрибаомӯзони пешбари ҷаҳонӣ ва олимон дар доираи Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид (UNDP) анҷом дода шудааст. Индекси мазкурро иқтисодшиноси покистонӣ Маҳбуб ул-Ҳақ таҳия кардааст [43; 461].

Индекси рушди инсонӣ (HDI) арзёбии муқоисавии камбизоатӣ, саводнокӣ, таҳсилот, давомнокии умр ва дигар нишондиҳандаҳои кишвар буда, имкон медиҳад, ки сатҳи зиндагии аҳолии 177 кишвари ҷаҳон арзёбӣ ва муқоиса карда шавад. Он ҳамчун дурнамо дар сатҳи байналмилалӣ, миллӣ, минтақавӣ таҳия карда шудааст.

Дар ин замина, ҷанбаҳои умумию назариявии идоракунии низоми маорифро олимон Ушинский К. Д., Бунаков Н. Ф., Пирогов Н. И., Иорданский Н. Н., Корф Н. А. ва дигарон таҳқиқ кардаанд. Муҳаққиқон

Кричевский В. Ю., Митин С. Н., Поташник М. М., Давиденко Т. М., Татяченко В. С., Орлов А. А., Третяков П. И., Тонконога Е. П., Шамова Т. И., Худоминский П. В. ва дигарон низ дар омӯзиши равишҳои консептуалии идоракунии низомҳои таълимӣ саҳми арзанда гузоштаанд.

Вазъияти сифатан нави рушди ҷомеа ба тағйир ёфтани хусусияти инкишофи афзалиятноки тамоми қисмҳои соҳаи ичтимоию фарҳангӣ таъсир мерасонад. Муайян намудани консепсияҳои нави рушди ҷомеа шарти ҳатмии баланд бардоштани мавқеи ичтимоии маориф ба шумор меравад. Мазмуни таълим, хусусиятҳои асосии низоми маориф, принсипҳои ташкили низом, сохтори он ба муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста буда, ин муносибатҳо сохтори ичтимоии ҷомеа, тағйирот ва ҷараёни онро дар бар мегиранд, талаботро нисбат ба таълим ва сифати он муайян мекунанд.

Таҳияи дастурҳои методии рушди мактаби олӣ бояд тавре ба роҳ монда шавад, ки дар он маориф омили пешрафти тамоми инсоният ва қувваи пешбарандаи ичтимоию фарҳангии ҷамъият бошад. Ба андешаи Ядрина М., нерӯи мусбати маориф шарти ҳатмии ҳифзи фазои ягонаи ичтимоию фарҳангӣ, устувории ҷомеа, кафили таъмини баробарии конфессияҳои гуногун ва фарҳангҳои миллӣ, рафъи низоъҳои ичтимоӣ ва зиддиятҳои қавмӣ мебошад [40;155].

Масъалаҳои назария ва амалияи тарбияи менеҷерони соҳаи маориф дар таҳқиқоти З. А. Исаева, масъалаҳои татбиқи равиши ҳамгироӣ дар идоракунии рушди мактаби олии касбӣ дар таҳқиқоти С. З. Тайбогарова ва дигарон мавриди баррасӣ қарор гирифта, андешаҳои ҷолиб пешниҳод шудаанд.

Дар заминаи таҳқиқи илмии проблемаҳои менеҷмент дар низоми маориф ҳуҷҷатҳои консептуалии рушди низоми маориф дар асри 21 таҳия гардиданд. Тамоюлҳои рушди маориф зимни таҳлилу баррасии таҳқиқотҳои муосир имкон медиҳанд, ки таърифҳои гуногуни олимоне, ки ба унсурҳои таҳсилоти инноватсионӣ тавсиф медиҳанд, муқоиса карда шаванд.

Низоми маорифро Я. М. Нейматов раванди «фарзанди оянда» медонад [105;67]. Ба гуфтаи В.Е. Шукшунов, низоми маориф ин низоми иммунии ҷомеа буда, бар зидди таназзули фарҳангу ахлоқ, падидаҳои зиддиҷамъиятию ғайрикасбӣ ва ҷаҳолат дар ҷомеа мубориза мебарад, зеро “агар низоми маориф дар ҷомеа ба зуҳуроти номатлуб муқовимат нишон надиҳад, ҷомеа аз байн меравад” [110;73].

Ҷомеаи демократӣ ба аъзоёни худ дастрасии баробар ба ҳама имтиёзҳо ва мутобиқсозии ҳаматарафаи институтҳои худро тавассути шаклҳои гуногуни зиндагии муштарак фароҳам меорад. Маориф дар чунин ҷомеа дар инсон таваҷҷуҳи шахсӣ ба муносибатҳои иҷтимоӣ, идоракунии ҷомеа ва чунин тафаккуреро ба вуҷуд меорад, ки ба туфайли он тағйирот дар ҷомеа тадриҷан сурат мегирад [127;154].

Бо асос ба тасрифи муосири рушди ҷомеа, ин раванди тағйироти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ буда, дар он самти сармоягузорӣ, истифодаи захираҳои табиӣ, рушди шахсият, соҳаи илм ва рушди технологӣ, тағйироти институтсионалӣ бо ҳамдигар тавъам шуда, иқтидори ояндаву имрӯзаро баҳри қонеъияти орзуву эҳтиёҷоти инсон ва таъмини сифати зиндагии одамон мустаҳкам мекунанд [22;303].

Файласуф ва ҷомеашиноси рус Илинский И.М. ҳангоми таҳқиқи проблемаи инқилобҳои таълимӣ қайд карда буд, ки «... маориф як ҷузъи ҳастӣ ва механизми асосии интиқоли донишҳои ҳосилшуда ба наслҳои оянда мебошад»[53;13].

Дар охири асри XVIII, ки инқилоби илмӣ оғоз ёфта буд, ба рушду нумуъи донишҳои илмӣ нигаронида шуда буд ва ба ташаккули мазмуни таълим ҳамчун асоси аз ҷиҳати педагогӣ мутобиқи илмҳо, ки мафҳуми асосии он тарбия буд, таъсир расонд. Мазмуни таълим заминаи аз ҷиҳати педагогӣ мутобиқшудаи илмҳо мебошад, яъне ба донишомӯзон дониш аз маҷмӯи илмҳои гуногун пешниҳод карда мешавад. Тағйирот дар кашфиётҳои илмӣ ва муносибатҳои иҷтимоӣ, ки дар асри 20 ба вуҷуд омад, мазмуни илм

ва истеҳсолотро тақвият дод ва мутобиқи он инсон «қувваи истеҳсолкунанда» ба шумор меравад.

Г. Гегел, Ж. Кант, Ж. Ж. Руссо ва Ж. Г. Песталотси ба алоқаҳо дар байни маориф ва фарҳанг ишора кардаанд. Д. С. Лихачёв фарҳангро «падидаи бузурги яклухт» номид ва он одамонеро, ки дар як фазои муайян зиндагӣ мекунанд, аз аҳолии оддӣ ба халқ, миллат табдил медиҳад. Мафҳуми фарҳанг бояд дин, илм, маориф, меъёрҳои ахлоқу рафтори одамон ва тартиботи ҷамъиятиро дар бар гирад [85].

Тибқи таҳқиқоти Валиская А. П., Красновский Е. А., давраи инноватсионии рушди тамаддуни асри XXI бо самти башардӯстона пурра намудани мундариҷаи таълимро тақозо мекунад.

Инъикоси сохтори донишҳои илмӣ, ки асоси мундариҷаи таълим маҳсуб меёбад тавассути принсипи предметии таҳияи мундариҷаи таълим амалӣ гардида, ду равишро дар бар мегирад:

• ба гуфтаи М. Д. Ҷадрина принсипи объект, дар «ғояи низомсозии раванди таълим аз рӯи объектҳои воқеият» асос ёфтааст [40];

• принсипи мавзӯъ ҳамчун маҷмуи донишу малака ва маҳоратҳое, ки барои азхудкунӣ ба донишомӯзон ва донишдиҳандагон зарур аст, пешниҳод мегардад.

Муҳаққиқони соҳаи дидактика арзиши иҷтимоии дониш, иҷтимоӣ гардонидани шахсият, воридшавии фаъоли инсон ба ҷомеаро қайд намуда, ба интиқоли яклухти донишҳо ишора мекунанд. Омилҳои иҷтимоию педагогӣ ба танзими моҳияти илмии донишҳо ва идеологикунонии таълим равона кардани мундариҷаи таълимро зарур мешуморанд.

Ҳамин тавр, дар чоряки охири асри XX дигаргуниҳои ғоявию иҷтимоӣ дар шуури педагогӣ ва рушди маориф ба назар мерасанд, ки дар таҳқиқотҳои Валитская А. П., Булкин А. П., Илинский И. М. баррасӣ шудаанд. Ба андешаи ин олимон, парадигмаи муосири таҳсилот равишҳо ва ақидаҳои инноватсиониро дар раванд ва муҳтавои таълим мутаҳид кардааст, ки онҳо дар вазифа, предмет, мазмун, мақсадҳои ниҳоӣ, сатҳҳои таълим; нақши

донишҳои ҷамъиятию гуманитарӣ; вазифаҳои педагогӣ ва ғайраҳо ифода гардидаанд. Ин консепсияи мазмуни таълим ба принсипҳои тафаккури инсонпарварӣ мувофиқ буда, дар солҳои 80-уми асри XX аз ҷониби кормандони лабораторияи проблемаҳои умумии дидактикаи Институти илмӣ-таҳқиқотии педагогикаи умумии Академияи илмҳои педагогии ИҶШС таҳия шуда буд.

Дар ин самт муҳаққиқони тоҷик Миралиев А., Шарипов Ф., Авғонов С. Назаров Р. ва дигарон низ таҳқиқотҳои муҳимро ба анҷом расонидаанд. Аз ҷумла Ф.Шарипов қайд мекунад, ки иттилоотикунонии муассисаҳои таълимӣ ва такмили идоракунии онҳо мушкилоти асосии низоми маориф мебошад. Ҳамзамон, дар идоракунии самараноки муассисаи таълимӣ фаъолияти иттилоотӣ-таҳлилӣ муҳим буда, он дар маълумотҳои боэътимод, фаврӣ, мушаххас ва саривақтӣ асос ёфтааст. Ҳарчанд бо таассуф гуфтан мумкин аст, ки сатҳи истифодаи ТИК дар соҳаи идоракунии маориф аз суръати умумии иттилоотикунонии маориф хеле ақиб мондааст [166;23].

Дар ин ҷо ндешаи муҳаққиқ Ф.Шарипов ба давраи то соли 2010 мувофиқат мекард. Хушбахтона, соҳаи маориф дар давоми солҳои охир мавриди таваҷҷуҳи хосаи роҳбарияти олии кишвар қарор дошта, ҳамасола маблағҳои зиёд барои рушди ин соҳа ҷудо мегарданд, ки ин ба пешрафти соҳаи маориф таъсири қавӣ мерасонад. Ҳоло раванди иттилоотикунонии соҳаи маориф хеле хуб ба роҳ монда шуда, аксари муассисаҳои таълимӣ аз ин раванд бархурдор гаштаанд.

Муҳаққиқ А. Миралиев, ки дар ин самт таҳқиқот анҷом додааст, қайд мекунад, ки дар конститутсияи на танҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки дигар давлатҳо низ ҳуқуқи ҳар як шахс ба интихоби касб ва намуди шуғл мувофиқи касб, майлу қобилият, маълумот ва бо назардошти талаботи ҷамъият ба мутахассисони соҳибкасб мушаххас муайян карда шудааст. Ин ҳуқуқ имкониятҳои ҳар як одамро барои ишғол намудани мавқеи худ дар бозори меҳнат васеъ мегардонад. Аммо хусусиятҳои инфиродию психологии одамон, фарқҳо дар байни коргарони меҳнати фикрӣ ва ҷисмонӣ,

номутобиқиҳо дар байни ҷойҳои кори дилхоҳ ва майлу қобилиятҳои шахс имкониятҳои худмуайянкунии касбиро маҳдуд мекунанд. Аз таҳлили таҳқиқоти олимон бармеояд, ки майлу хоҳишҳои касбии насли наврас аксар вақт бо эҳтиёҷ ба кадрҳо мувофиқат намекунанд, дар байни ҳадафҳои касбӣ, хусусиятҳои психофизиологии шахс ва талаботҳои касбомӯзӣ зиддиятҳои намоён вуҷуд доранд [95; 242-245].

Вобаста ба ҷанбаҳои методологӣ ва назариявии рушди маориф муҳаққиқ С. Авғонов қайд мекунад, ки дар шароити имрӯза дар раванди таълим ба ташаккули салоҳиятнокии донишҷӯён, аз он ҷумла ба салоҳиятнокии коммуникативӣ, диққати махсус равона менамоянд. Дар раванди таълим омӯзонидани донишҷӯён ба муоширати зеҳнӣ вазифаи аввалиндараҷа ҳисобида мешавад, ки дар доираи он донишҷӯён имконият пайдо менамоянд мустақилона бо забонҳои хориҷӣ робитаи коммуникативиро ба роҳ монанд, фаъолона муҳокимаронӣ ва таҳлил намоянд. Истифодаи қобилият ва маҳорати ҳамкориҳои коммуникативӣ аз тарафи донишҷӯён дар раванди таълим барои фаъолияти касбии онҳо аҳамияти калидӣ дорад [3].

Тавре муҳаққиқ Р. Назаров менависад, воқеан ҷаҳоншавӣ, аз як тараф, раванди объективӣ бошад, аз тарафи дигар, раванди субъективӣ аст. Равшан аст, ки Тоҷикистон наметавонад аз ширкат дар равандҳои ҷаҳонишавӣ канорагирӣ кунад, аммо вазифаи асосӣ ҳифзи ҳувият, инсони фарҳангсолор ва тафаккури шахсият мебошад [102;198].

Консепсияи сеюм – мафҳуми мазмуни тарбияи инсонпарварӣ ба мавқеъҳо ва ғояҳои педагогикаи гуманистӣ асос ёфтааст, ки дар он мундариҷаи таълим ҳамчун таҷрибаи иҷтимоии аз ҷиҳати педагогӣ мутобиқшудаи башарият амал мекунад. Он аз ҷиҳати сохтор ба фарҳанги инсонӣ бо тамоми пуррагии сохториаш мувофиқ аст ва худшиносӣ инкишоф додани қувваҳои зеҳнӣ, истеъдодро мақсади асосии тарбия ва қобилияти одам мешуморад. Инчунин, ба таҳкими мавқеъҳои педагогикаи хориҷӣ ва дохилӣ, таваҷҷуҳ ба ташаккули мустақилияти донишҷӯ, эҳтиром ба шахсияти

ӯ, барқарор кардани муносибатҳои эътимодбахш, инсондӯстона дар байни субъектҳои раванди таълим нигаронида шудааст; моҳияти он айни замон «ба амали мақсаднок табдил додани таҷрибаи ҷамъиятӣ ва таҷрибаи шахсӣ, шинос кардани одам бо тамоми бойгарии маданияти инсоният» мебошад [72;87 ].

Ташкили раванди таълим дар мактабҳои олии Тоҷикистон ба дидактикаи анъанавии таърихан ташаккулёфта асос ёфтааст ва дар он объекти идоракунӣ раванди азхудкунии «маҷмуи донишҳо» мебошад, ки дар асоси моделҳои классикии дониш дар соҳаҳои илмӣ ташаккул ёфтааст.

Ҳадафи аввалиндараҷаи рушди низомҳои таълимӣ дар ҳазораи 3-юм тағйир додани ақидаҳо ва ҷаҳонбинӣ дар бораи моҳияти инсон мебошад, ки сабаби тағйирот дар фазоипедагогӣ баҳри аз нав омухтани ҳадаф ва вазифаҳои низоми муосири маориф дар доираи тасрифоти нави таҳсилот мегардад.

Равандҳои инноватсионӣ навсозии низоми ташкили раванди таълим, баланд бардоштани рақобатпазирии муассисаи таълимӣ, эҷоди модели миллии таълимро бо назардошти тамоюлҳои байналмилалии ташкили таълим ва таъмини муттасилии раванди таълим пешбинӣ менамоянд.

Масъалаҳои ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон, махсусан олии касбӣ педагогӣ бо кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва кишварҳои хориҷӣ дар тайёр кардани мутахассисони баландихтисос яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти онҳо мебошанд.

Ба андешаи олимон, «таърихи муносибатҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Точикистон бо муассисаҳои таҳсилоти олии касбии дигар кишварҳо аз солҳои 30-юми асри XX, аз замони ташкил ёфтани аввалин донишгоҳҳои кишвар оғоз мегардад. Дар солҳои 30-80-уми асри XX муносибатҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон асосан бо муассисаҳои таҳсилоти олии кабии кишварҳои Иттифоқи Шуравӣ ба роҳ монда шуда буд» [166;54].

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1993 узви Ассотсиатсияи байналмилалии

Академияҳои илмҳо, ки дар Украина бо мақсади ташкили ҳамкориҳои байни академияҳои кишварҳои гуногун таъсис ёфтааст, мебошад. Имрӯз Ассотсиатсия 22 узви комилҳуқуқ дорад, соли 2019 муовини раиси он академик Раҳимӣ Ф. Қ. – намояндаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон интихоб гардид.

17 январи соли 1997 дар шаҳри Маскав Ҷумҳурии Тоҷикистон Созишнома оид ба ҳамкорӣ дар бораи ташаккули фазои ягонаи (умумии) таълимии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақилро имзо кард.

Соли 2003 дар кишвар Консепсияи миллии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид, ки дар он зикр гардидааст, ки «Системаи маорифи муосири Тоҷикистон дар ҳолати тағйироти иҷтимоию фарҳангӣ ва ҳамгироӣ ба фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ қарор дорад» [68;47].

Роҳбарияти кишвар, Пешвои муаззами миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди ислоҳот дар соҳаи маорифи кишвар таваҷҷӯҳи зиёд доранд. Аз ҷумла зикр мегардад, ки «...дар ин раванд як ҳақиқатро бояд дар назар дошт: дар ҷаҳони муосир кишваре, ки барои баланд бардоштани сатҳи маорифи ҷомеа таваҷҷуҳи зиёд дода, техникаи нав ва технологияи муосирро ҷорӣ менамояд, муваффақияти бузургро ба даст меорад» [203].

Дар асоси нуктаи ишорагрдида, соли 2012 «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020» эълон гардида, он ба «навсозии системаи маориф то пурра иҷро намудани рисолати як захираи асосии баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии ҷомеа ва шаҳрванд равона шудааст, инчунин ба чолишҳои иқтисодиёти кишварҳои рӯ ба тараққӣ ва равандҳои ҷаҳонишавӣ самаранок вокуниш нишон медиҳад» [147;90].

Имрӯз рушд ва таҳкими муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ аҳамияти махсус дошта, самти ояндадортарини ҳамкорӣ дар самти гуманитарӣ ҳисобида мешавад. Соҳаи маориф ва илми Тоҷикистон раванди фаъоли ҳамгироӣ ба ҷомеаи ҷаҳониро ба роҳ монда, ҳамкориҳои Тоҷикистону кишварҳои ҷаҳонро дар ин самт рушд медиҳад. Ҷумҳурии то аз

соли 1992 то имрӯз бо зиёда аз 160 кишварҳои хориҷӣ созишномаи байниидоравӣ ва байниҳукуматӣ оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи маориф ва илм ба имзо расонидааст.

Ҳамгроии Тоҷикистон бо низоми таҳсилоти ҷаҳонӣ, ба имзо расидани конвенсияву санадҳои байналмилалӣ аз ҷониби кишвар, эътирофи дипломҳо, табодули донишҷӯён ва мутахассинои илмӣ дар ҳамкориҳои байналмилалӣ дар ин самт имкониятҳои фарох фароҳам овард. Дар соҳаи маориф созишномаҳои мавҷуда ба шаҳрвандони ҷумҳурӣ имкон медиҳанд, ки таҳсилро дар асоси бурсияҳо дар донишгоҳҳои ИДМ ва муассисаҳои таълимии хориҷи дуру наздик идома диҳанд.

Тавре таҳлили рушди соҳаи маориф дар Тоҷикистон маълум намуд солҳои 1994 - 2019 теъдоди донишҷуёне, ки аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳсил ба донишгоҳҳои хориҷа аз ҳисоби бурсияҳо фиристода шудаанд, 10 маротиба (аз 59 ба 5993 нафар) афзуд. Дар ин давра, шумораи кишварҳое, ки донишҷӯён аз Тоҷикистон фиристода шудаанд - 10 маротиба - аз 4 ба 40 афзоиш ёфта, аз соли 2015 аз ҷониби вазоратҳо, донишгоҳҳо ва созмонҳои байнулмилалӣ, ки дар Тоҷикистон фаъолият доранд, ироаи квотаҳои таҳсилот оғоз ёфт. Дар маҷмӯъ, аз соли 1994 то соли 2019 аз ҳисоби квотаҳои таълимӣ беш аз 34 ҳазор нафар шаҳрвандони ҷумҳурӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии хориҷи кишвар таҳсил карда истодаанд [68;47]. Имрӯз Тоҷикистон дар соҳаи маорифи байналмилалӣ зиёда бо 40 кишвари ҷаҳон ҳамкорӣ дорад.

Дар соҳаи маориф аз кишварҳои хориҷаи дур бо Чин (Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин дар бораи ҳамкориҳои илмию техникӣ), Туркия (Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Туркия дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи илм ва технология), Эрон (Созишномаи илмӣ, техникӣ ва иқтисодӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон), Ҷумҳурии Чехия (Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Чехия дар бораи муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва ҳамкорӣ дар соҳаи

илм ва технология) созишномаҳои ҳамкорӣ ба роҳ монда шудааст [41;192].

Шумораи созишномаҳое, ки байни донишгоҳҳо дар доираи ИДМ ба имзо мерасанд низ сол аз сол меафзояд. Шумораи донишҷӯёни кишварҳои узви ИДМ, ки дар мактабҳои олии Тоҷикистон таҳсил мекунанд рӯ ба афзоиш ниҳодааст. Оид ба шумораи донишҷӯёни Тоҷикистон дар хориҷи кишвар дар соли таҳсили 2019-2020 вобаста ба кишварҳо дар ҷадвали 1 маълумот оварда шудааст .

Таҳлили маълумоти дар ҷадвали 1 овардашудаи ба мо имкон медиҳад ба хулосае оем, ки аз шумораи умумии донишҷӯёни Тоҷикистон, ки дар хориҷа таҳсил мекунанд, қисми зиёди онҳо (қариб 3/4) дар донишгоҳҳои Федератсияи Россия таҳсил мекунанд.

**Ҷадвали 1.Теъдоди донишҷӯёни дар хориҷа таҳсилкунанда (2019-2020)**

| Кишвар | Шумора | Фоиз (%) |
|---|---|---|
| Россия | 24604 | 72, 2 |
| Хитой | 4075 | 12, 0 |
| Белоруссия | 1151 | 3, 4 |
| Қазоқистон | 959 | 2, 8 |
| Қирғизистон | 698 | 2, 0 |
| ИМА | 321 | 0, 9 |
| Полша | 293 | 0, 9 |
| Туркия | 283 | 0, 8 |
| Украина | 220 | 0, 6 |
| Олмон | 172 | 0, 5 |
| Ҳиндустон | 147 | 0, 4 |
| Ӯзбекистон | 54 | 0, 1 |
| Дигар кишварҳо | 1088 | 3, 4 |
| **Ҳамагӣ:** | **34065** | 100, 0 |

Теъдоди квотаҳои таҳсилӣ дар донишгоҳҳои Россия барои шаҳрвандони Тоҷикистон низ ҳамасола афзоиш меёбад. Ҳамин тариқ, агар дар соли 2016 342 квота ҷудо шуда бошад, пас то соли 2019 ин шумора тақрибан ду баробар афзуда, аз 650 ба 902 ҷой дар соли 2020 гузашт. Илова бар ин, ҷавонони Тоҷикистон имкони дохил шудан ба донишгоҳҳои Россияро дар асоси умумӣ доранд.

Дар ин самт махсусан нақши намояндагии ташкилоти “Россотрудничества”-ро дар Тоҷикистонро зикр намудан бамаврид аст, ки татбиқи як қатор лоиҳаҳо ва барномаҳоеро, ки ҷиҳати тавсеаи содироти таҳсилоти Россия дар ҷалби донишҷӯёни кишварҳои дигар пешбинӣ шудаанд, таъмин менамояд. Инчунин, барномаҳои мазкур ба рушди ҳамкориҳои илмии байналмилалӣ ва таҳкими ҳамкориҳои хатмкунандагони донишгоҳҳои Россия ва собиқ кишварҳои ИДМ нигаронида шудаанд.

Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон интернатсионализатсияи таҳсилоти олиро ҳамчун яке аз самтҳои муҳим бо мақсади ҳамгироии мактабҳои олии Тоҷикистон ба фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ дар бар мегирад. Мактабҳои олии Тоҷикистон аз таҷрибаи донишгоҳҳои кишварҳои дигар ҳарчӣ бештар истифода бурда, қадамҳои худро пайваста бо он чизе, ки дар ҷомеаи ҷаҳонии таҳсилот нав аст, муқоиса мекунанд.

Муносибатҳои фаъоли ҳамаҷонибаи байналмилалӣ ба таҳсилоти олии ватанӣ имкон медиҳанд, ки фаъолияти худро мувофиқи талаботи иқтисоди бозаргонии дар кишвар ҷоришаванда бомуваффақият аз нав созад ва бо ин роҳ боқӣ мондан ва рушди минбаъдаи таҳсилоти олӣ ва илми донишгоҳро дар шароити нави мавҷудият таъмин намояд.

Ҳамин тариқ, сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф ба ташкили системаи ҷудогонаи ҳамкориҳои байналмилалӣ нигаронида шудааст. Равандиислоҳоти системаи маориф ба таъсиси фазои ягонаи (умумии) таълим дар доираи ИДМ ва ворид шудан ба фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ рост меояд.

Дар кишвар ҷиҳати бомуваффақият расидан ба ин ҳадаф шароитҳо мавҷуданд, зеро дар соҳаи таҳсилоти олӣ аз технологияҳои муосири таълимӣ истифода бурда, барои ворид гардидани ҷавонони Тоҷикистон ба барномаҳои байналмилалии соҳаи таҳсилоти олӣ имкониятҳои воқеӣ фароҳам меорад [41; 195].

## 1.2. Равияи шахсиятӣ-фаъолнокӣ дар ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯён дар ҳамкориҳои байналмилалӣ

Равияи шахсиятӣ-фаъолиятнокӣ ба тасвири муназзами ҳодисаҳо асос ёфтааст, ки мазмуни он тадқиқоти психология, психолингвистика ва педагогикаи гуманистист. Асосҳои психологии муносибатро асарҳои Л. С. Виготский, А. Н. Леонтев, С. Л. Рубинштейн, П. Я. Галперин ва Д. Б. Элконин ташкил медиҳанд. Асосҳои лингводидактикӣ онро А. А. Леонтев дар соҳаи психолингвистика асоснок намуда характеристика ва сохти оперативии амали нутқронӣ, вазифаҳои он дар просесси амалҳои фикрӣ; механизми дохилие, ки тавлид ва дарки нутқро барномарезӣ ва тарҳрезӣ намудааст, Н. И. Жинкин ғояи сохтории забон дар таҳқиқотҳои Н.Хомский. Ҷузъи педагогии равия ба асарҳои самти гуманистӣ дошта дар асарҳои И.И. Бетской, П. Ф. Каптерев, Н. И. Пирогов, В. Сухомлинский ва дигарон инъикос гардидаанд.

Дониш ғайр аз маҳорати муайян ва қобилияти истифодабарии онҳо масъалаи тарбияи одам ва ба фаъолияти реалӣ тайёр кардани ӯро берун аз девори муассисаи таълимӣ ҳал намекунад. Равияи шахсиятӣ-фаъолнокӣ маънои аз ҷониби муаллим аз нав дида баромадани тафсирҳои муқаррарии раванди таълим, пеш аз ҳама онро ҳамчун муошрати дониш, ташаккули малакаҳо тавсиф додаанд, яъне он танҳо ҳамчун ташкилоти азхудкунии маводи таълимӣ; схемаи субъектию объекти муошират, амали мутақобилаи муаллим ва хонандагон; объектии омӯзиш танҳо ҳамчун маҷмӯи донишҳои андӯхташуда мебошад [70;15].

Хусусияти фанни «забони хориҷӣ» аз он иборат аст, ки омӯзиши ба ташаккули салоҳияти коммуникативӣ нигаронидашуда танҳо дар шароити равияи шахсиятӣ-фаъолнокӣ сурат гирифта метавонад, ки ду ҷузъро дар бар мегирад: шахсият (ё ба шахсият нигаронидашуда) ва ба фаъолият асосёфта мебошад. Ба андешаи И. Зимняя, онҳо «бо ҳамдигар зич алоқамандaнд, ки фард дар он ҳамчун субъекти фаъолият баромад мекунад. Дар навбати худ

дар баробари амали омилҳои дигар, масалан, муошират инкишофи шахсии ӯро муайян мекунад» [49;16].

Барои фаҳмидани нақши ҷузъҳои дар боло зикршуда дар таълими забони хориҷӣ ва бахусус забони англисӣ ва олмонӣ, дар банди оянда мо ба ҷузъҳои шахсӣ ва фаъолияти равиши шахсият-фаъолият муфассалтар таваҷҷуҳ хоҳем кард.

Бояд таъкид кард, ки дар ҷузъи шахсии худ ин равишро метавон бо равиши ба донишҷӯ нигаронидашуда, ки дар заминаи психологияи гуманистии А. Маслоу ва Ч. Роҷерс ташаккул ёфтааст, алоқаманд кард. Дар осори муосири муҳаққиқони рус (И. С. Якиманская, Е. В. Бондаревская, В. В. Сериков) мафҳуми куллии омӯзиши ба шахсият нигаронида омадааст. Тибқи ин консепсия омӯзиш ба ташаккули шахсияти донишҷӯ нигаронида шудааст.

Равияи ба шахсият нигаронидашуда инчунин дар назар дорад, ки муаллим ба қадри имкон хусусиятҳои миллӣ, синну сол ва мақоми хонандагонро ба назар мегирад. Саволҳо, супоришҳо, эродҳое, ки ба донишомӯз дар заминаи равиши шахсият нигаронида шудаанд, фаъолияти инфиродӣ, зеҳнӣ, нутқии донишомӯзро дастгирӣ ва ҳавасманд менамояд. Ҳангоми роҳнамоӣ намудан, таваҷҷуҳи аз ҳад зиёдро ба хатову норасоиҳо ва ё амалҳои нобарор равона мекунанд.

Дар асоси гуфтаҳои боло мо метавонем муқаррароти асосии муносибати шахсро дар раванди таълим мураттаб созем:

Ҳадафҳои амалӣ бояд вазифаи марказии ташаккул, инкишоф, тарбияи донишҷӯ ҳамчун шахси фаъол, боваринок ва мустақил бошад, ки ӯ чӣ тавр самаранок ҳамкорӣ ва муошират карданро аз худ менамоянд. Вазифаи асосии раванди педагог ҷори кардани таълим ба рушди шахсии инсон мебошад.

Дар раванди педагогӣ ду субъект - шогирд ва муаллим фаъолона ҳамкорӣ мекунанд.

Дар самти тарбия ва таълим омӯзгор фаъолиятеро ташкил мекунад, ки дар онҳо муносибатҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муқарраршуда ва байнишахсӣ,

инкишофи сифатҳои мусбати шахс (эҳсосӣ-баҳодиҳӣ, ҳавасмандӣ, зеҳнӣ ва ғ.) амалӣ мегарданд.

Биёед принсипҳои асосии муносибати шахсиятӣ - фаъолмандиро нисбат ба донишҷӯ чунин қайд кардан мумкин аст:

Ягонагӣ ва робитаи фаъолияти маърифатӣ ва коммуникатсионӣ; мавҷудияти ҳавасмандии дохилӣ; дарк намудани аҳамияти мавзӯъ ба шахсият; бароҳатии омӯзиш; худидоракунӣ раванди омӯзиш ва ғайраҳо.

Нисбат ба омӯзгор принсипҳои зеринро таъкид кардан мумкин: самти ихтисоси мавзуъӣ ба фанни таълимӣ ва фаъолияти шахсӣ; мавҷудияти инсонпарварӣ; омодагӣ ба ҳамкорӣ.

Дар мавриди таълими умумии забонҳои хориҷӣ ва бахусус забонҳои англисӣ ва олмонӣ, омӯзиши ба донишомӯз нигаронидашуда маънои онро дорад, ки ҳар як намуди фаъолияте, ки донишҷӯ анҷом медиҳад, дар амалисозии он бояд маънои шахсӣ дошта бошад, зеро танҳо таҷриба аз призмаи арзишҳои шахсӣ, даркҳо мегузарад, маҳоратро донишомӯз аз худ карда метавонад. Муаллим вазъиятеро ба вуҷуд меорад, ки дар он ҳар як донишомӯз дар синф бояд ҳадафи худро вобаста ба мавзӯи дарс муайян карда тавонад, ҳангоми омӯзиши мавзӯъ, бо истифода аз суръат ва усулҳои мувофиқтарини кор маҳсули худро барои худ эҷод кунад. Ҳама мавзуъҳои курси забонҳои хориҷӣ («Оила», «Дӯстон», «Мусиқӣ», «Табиат» ва ғайра) аллакай дорои иқтидори бузурги шахсиро дар бар мегиранд. Ба омӯзгор ҳамагӣ лозим аст, ки ба шогирдон ёрӣ диҳад, ки хоҳиши мувофиқ ба мавзӯи пешниҳодшуда ҳал намудан проблемаи шахсии худро дар доираи ин мавзӯъ ҳал кардан пайдо кунанд.

Дар заминаи таҳлили мазкур чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки истифодаи технологияи ба шахс нигаронидашудаи таълим барои татбиқи равиши фардӣ ва тафриқавии таълим шароити зарурӣ фароҳам оварда, сатҳи фаъолияти эҷодиро маърифатии донишомӯзонро баланд мебардорад, барои инкишофи ҳамаҷонибаи шахсияти донишҷӯён шароит фароҳам меорад дар

шахс зарурати азхудкунии амиқи дониш, раванди ташаккули салоҳиятҳои асосӣ дар дарси забони хориҷиро ба вуҷуд меорад.

Ҷанбаи дуюми равияи шахсиятӣ-фаъолнокӣ ҷузъи фаъолияти донишомӯз мебошад. Ҳарчанд табиист, ки чунин тафовути байни онҳо шартӣ буда, танҳо аз ҷиҳати назариявӣ имконпазир аст.

Ҷузъи фаъолият инчунин барои ташаккули муносибати шахсиятӣ-фаъолнокӣ шартҳои гуногунҷабҳа дорад. Дар фалсафа фаъолиятро «тарзи махсуси инсонии муносибат бо олам - «фаъолияти объективӣ» мефаҳманд; фаъолият ҷараёнест, ки дар он одам табиатро эҷодкорона тағйир дода, бо хамин худро субъекти фаъол ва ҳодисаҳои табиие, ки вай азхуд мекунад, объекти фаъолияти худ мегардонад». Дар психология фаъолият як намуди фаъолияти ҷамъиятиест, ки хоси инсон буда, характери созанда, бошуурона, мақсаднок дорад. Психологи маъруф асосгузори равиши фаъолият А. А. Леонтев дар асари худ «Фаъолият. Шуур. Шахсият» навиштааст: «Зиндагии инсон чист? Ин маҷмуи аниқтараш, системаи фаъолияти пай дар пай мебошад» [82;4]. Дар «Энсиклопедияи педагогӣ» таърифи ин падида чунин оварда шудааст: «Фаъолият ин амали мутақобилаи фаъол бо воқеияти атроф мебошад, ки дар рафти он мавҷудоти зинда ҳамчун субъекти мақсаднок ба объект таъсир расонида, талаботи худро қонеъ мегардонад» [82;5].

Мо мехоҳем қайд намоям, ки равиши фаъолият ин аст:

– он имкон медиҳад, ки ҷузъҳои асосии фаъолияти омӯзгор ва шогирдони ӯ аз як мавқеъи ягонаи методӣ баррасӣ ва хусусияти ҳамкорӣ ошкор карда шавад;

– хусусиятҳои хоси фаъолияти иштирокчиёни ҷараёни педагогӣ имконият медиҳад, ки тавассути проексияи нуқтаҳои консептуалии умумии назарияи фаъолияти самти педагогӣ омӯхта шавад;

– вазифадор мегардонад, ки фаъолияти педагогиро чун хусусияти интегративии ҳамкории омӯзгор ва донишомӯз ҳисобем;

– эътироф намудан вазифаи омӯзгор ҳамчун омили фаъолияти махсус интихобшударо муҳимтарини ташаккули шахсияти донишҷӯ ҳисобида мешавад;

– ҷараёни таълимро ҳамчун тағйирёбии доимии намудҳои гуногуни фаъолият муайян кунад;

– раванди педагогиро мувофиқи ҷузъҳои таркибии фаъолияти донишҷӯ ташкил диҳад [37;46].

Хусусиятҳои асосии намуди фаъолияти таълими забонҳои хориҷӣ дар самти коммуникативии таълими забони хориҷӣ зоҳир мешавад. Ин хусусият дар он аст, ки аз рӯи мақсад ва моҳияти худ, пеш аз ҳама, бо як намуди алоҳидаи фаъолияти нутқронӣ алоқаманд аст. Татбиқи амалии равиши фаъолият дар таълими забонҳои хориҷӣ ва бахусус забони олмонӣ аз он иборат аст, ки омӯзиши муошират бояд дар ҷараёни иҷрои намудҳои самараноки кор – гӯш кардани нутқи забони хориҷӣ, хондани матнҳо, навиштан ва гуфтугӯ сурат мегирад, ки дар он ҳама намудҳои фаъолият на ҳамчун мақсади шахсӣ, балки ҳамчун роҳи ҳалли масъалаҳо ва вазифаҳои мушаххаси шахсӣ барои донишомӯз муҳим ба ҳисоб меравад.

Рушди маориф дар Тоҷикистон самтҳои афзалиятноктаринии сиёсати иҷтимоии кишвар ҳисобида мешавад. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон низомномаҳои ҳамаи намудҳои мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ миёна ва олии касбиро вобаста ба талаботи замони нав таҷдиди назар намуд. Ин ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ заминаи боэътимоди амалӣ сохтани ислоҳоти куллии соҳаи маориф ва таъмини пешрафти соҳа дар давраи гузариш ва такмилу таҳкими соҳаи маориф шароиту имконият фароҳам овcovered.

Айни замон калимаи “таълим” маънои нав касб карда, гузариш аз таълими касбии “функсионалӣ” ба “инкишофи шахсият”-ро дар асоси иваз намудани афзалиятҳо пешбинӣ менамояд: аз фармоиши давлатӣ барои омодасозии мутахассисони соҳибихтисос ба қонеъ гардонидани талаботи

инфиродии шахс ба донишомӯзӣ, ки ин қобилияту маҳорат ва малакаҳои ҳар як фардро ба инобат гирифта, ба инкишофи худшиносии ӯ мусоидат мекунад дар бар мегирад. Ин принсип дар кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон бо таҳияи барномаҳои нави таълимӣ мувофиқи малакаҳо ва имкониятҳои инфиродии донишҷӯён ва омӯзгорон ба амал бароварда мешавад.

Ҳоло дар кишвар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии дахлдор таҳия гардида, шароиту имкониятҳои мусоид фароҳам оварда шудаанд, ки татбиқи самараноки модели миллии маорифро таъмин менамояд. Мувофиқи стандарти байналмилалӣ таснифи ихтисосҳо дар низоми таълими бисёрзинагии омодасозии мутахассисон ҷорӣ карда шуд. Зарурати моҳиятан баланд бардоштани сифат ва такмили низоми таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, методологияҳо, технологияҳо ва ташкили таълими донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ аҳамияти бештар касб мекунад. Аз ҷумла, бо дастури Сарвари давлат Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 аз 29 сентябри соли 2020, № 526 таҳия гардида қабул гардид. Дар ин замина таҳқиқотҳои зиёде ба рушди низоми маорифи Тоҷикистон дар робита бо рушди муносибатҳои байналмилалӣ дар соҳаи маориф бахшида шудаанд, амалӣ гардидаанд.

Дар ин замина, мактабҳои олии кишвар барои беҳтар намудани сатҳу сифати раванди таълиму тарбия аз тамоми имконоти мавҷуда босамар истифода мебаранд. Раванди ҷаҳонишавии таҳсилот, ҷараёни рушди илм ва талаботи имрӯза ба таълиму тарбияро ба назар гирифта, раёсати донишгоҳҳо ба такмили барномаҳои таълимӣ тибқи стандартҳои муосири давлативу байналмилалӣ, ҷорӣ намудани технологияи навини омӯзиш ва баҳогузорӣ, инкишофи шахсиву касбии ҳар як корманд, афзоиши миқдори корҳои илмиву инноватсионӣ ва мукаммалгардонии пояи моддӣ-техникии донишгоҳҳо аҳамияти бештар дода, самтҳои афзалиятнокро дар фаъолияти донишгоҳҳо муайян намудаанд. Вазифаҳои стратегии донишгоҳҳои кишвар маҳз ба сифатан беҳтар намудани таҳсилот равона гардида, барои инкишофи

малакаву маҳорати касбӣ, қобилияти зеҳнию фарҳангӣ ва ташаккули худшиносии миллии донишҷӯён диққати махсус дода мешавад.

Имрӯзҳо гузариш ба низому усулҳои байналмилалии таълим аз тарафи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва дар сатҳи баланд омода кардани кадрҳои баландихтисос таталаботи замон аст. Чунки ҷараёни ҷаҳонишавии бозори умумизеҳнӣ ва меҳнат дар назди кардрҳои оянда талабот ва меъёрҳои дақиқу ҷиддӣ пеш мегузорад. Татбиқи ислоҳот дар низоми илму маорифи мамлакат дар зинаҳои таҳсилот ҷараён дошта, ба стандарти ҷаҳонӣ мутобиқ намудани таълиму тарбия ва тайёр кардани кадрҳо вазифаи муҳими ин самт ба шумор меравад. Дар мактабҳои олӣ ба таври самаранок технологияи муосири таълим ворид гардида, барои тақвияти иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва донишҳои назариявию амалӣ, яке аз самтҳои муҳими фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ маҳсуб меёбад, шароитҳои мусоид фароҳам оварда шуданд.

Яке аз унсурҳои муҳим дар низоми таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷараёни инкишофи инфрасохтори иҷтимоӣ, суръатбахшӣ ба рушди иҷтимоӣ ва дигаргунсозиҳо дар иқтисодиёт, соҳаҳои иҷтимоию маънавӣ, аз ҷумла дар таҳсилоти олии касбӣ мебошад.

Тавре Абакумов Д. А. менависад, дар ҷамъият барои рушди устувор бояд роҳ кушода бошад, масъалаҳои асосии демократия, демография, тандурустӣ, экология ва ғайраро баррасӣ намояд, ки он аз нуқтаи назари тарбия ва таълим сурат мегирад [1;48].

Ба андешаи О. Абдулина, барои рушди таҳсилоти олӣ бояд баҳодиҳии омилҳои таърихие ба роҳ монда шавад, ки вазъият, мазмун ва интихоби воситаҳои фаъолияти таълимиро муайян менамояд [2;35-40].

Ба таъкиди Авдулов А. Н. дар назди мактаби олӣ вазифа гузошта шудааст, ки ба талаботҳои нав қатъиян рӯ оварда, дар фаъолияти худ онҳоро пурра ба назар гирад. Ба инобат гирифтан на танҳо мутобиқ шудан, балки пешгӯӣ кардан, таъсир расонидан, бевосита такмил ёфтанро низ мефаҳмонад. Таҳсилоти олӣ бояд дар таъмини рушди устувори башарият, пайгирии

самтҳои табодули донишу малакаҳо, паст кардани нобаробарӣ дар сатҳи байналмилалӣ ва дар дохили кишварҳои алоҳида, мубориза бо табъиз ва бекорӣ саҳм гузорад [4;89].

Дар тули асрҳо бисёр унсурҳои умумии ташкилӣ, маънои ва арзишӣ ташаккул ёфтаанд ва ба мо имкон медиҳанд, ки онҳоро ҳамчун иқтидори ҷиддии муттаҳидкунандаи ҳамкории фаъоли байналмилалӣ баррасӣ кунем. Вале, бо вуҷуди ин, дар ҷаҳони босуръат тағйирёбанда ниёз ба дид ва парадигмаи нав дар бораи таҳсилоти олӣ вуҷуд дорад.

Аз нуқтаи назари Айнштейн В. роҳҳои асосии ҳалли мушкилотҳои мактаби олӣ инҳо мебошанд: тамоюли умумии демократикунонӣ ва гуманизатсияи маориф; ташаккули фазои ягонаи таълимӣ; мубодилаи дониш, ба роҳ мондани ҳамкориҳои байналмилалӣ ва таҳияи технологияҳои замонавӣ, аз ҷумла дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ [7;89-91].

Рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раванди гузариши он ба вазъияти нави сифатӣ, яъне рушди устувор, бевосита аз он вобаста аст, ки он чӣ гуна шахсро тарбия мекунад ва таҷрибаи таърихии он чӣ гуна дарк ва аз худ карда хоҳад шуд.

Махсус таъкид бояд гардад, ки яке аз самтҳои боло бурдани сифати таълим дар донишгоҳҳои Тоҷикистон тавассути рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ ин омӯзиши таҷрибаи пешқадами кишварҳои хориҷӣ ва ба роҳ мондани курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон дар хориҷи кишвар ба ҳисоб меравад. Омӯзиши таҷрибаи пешқадами кишварҳои хориҷии пешрафтаи дуру наздик собит мекунад, ки манбаи асосии рушди босуръати иҷтимоию иқтисодии кишвар такмил додани дониш ва касбро пайгирӣ намояд. Аз ин рӯ, ҳамасола муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ кӯшиш мекунанд, ки якчанд омӯзгорро барои гузаштан аз курсҳои такмили ихтисос ба кишварҳои хориҷӣ фиристанд.

Мусаллам аст, ки таъмини сифати таҳсилот дар мактабҳои олии кишвар яке аз муҳимтарин тадбирҳо маҳсуб мешавад, ки дар пешрафти самтҳои мухталифи илму маорифи мамлакат заминаи мусоид фароҳам месозад. Аз ин

рӯ, такмилу таҷдиди нақшаву барномаҳои таълимӣ, стандартҳои давлатии таълимӣ, таҳияи маводҳои мухталифи омӯзишӣ, татбиқи усулҳои наву замонавӣ ба идоракунии сифати таҳсилот ва таъмини базаи моддиву техникӣ мусоидат мекунад. Ба хусус, таҳияи Стандартҳои давлатии таълимӣ ва тасдиқи онҳо аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин дар асоси онҳо таҷдиду коркарди нақшаву барномаҳои нави таълимӣ дар донишгоҳҳо яке аз самтҳои муҳим буда он барои таҳкими сатҳу сифати таҳсилот мусоидат хоҳад кард. Ин аст, ки то оғози соли таҳсили 2019-2020 беш аз 1000 барномаи таълимӣ таҳия гардида, дар ҷаласаҳои кафедраҳо ва шӯроҳои таълимӣ-методии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ баррасӣ ва тасдиқ гардиданд.

Дар шароити муосири имрӯза таъминоти илм, истеҳсолот, мақомоти идора бо мутахассисони баландихтисос яке аз вазифаҳои муҳимтарини маориф мебошад, чунки иқтидори зеҳнӣ ба омили муайянкунандаи рушду нумуи ҷамъият табдил меёбад.

Сарфи назар аз дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва афзоиши ҳарсолаи маблағгузорӣ аз буҷет, дар соҳаи маориф ҳамоно мушкилиҳое ҷой доранд, ки ҳалли онҳо ба баланд бардоштани самараи низоми таҳсилоти олӣ ва ба талаботи бозори меҳнат наздик овардани нишондиҳандаҳои сифатию миқдории он мусоидат карда наметавонад. Ба қатори проблемаҳои асосии рушди соҳаи маориф ва таҳсилоти олии касбӣ инҳоро дохил кардан мумкин аст:

– сатҳи паст ва норасоӣгии тахассусии ҳайати кормандони педагогӣ ва омӯзгорони дараҷаи унвони илмидошта дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ;

– аз рӯи фанҳои дақиқ ва забонҳои хориҷӣ норасоии кадрҳо;

– заминаҳои моддиву техникӣ ба талаботҳои замонавӣ ҷавобгӯ несанд;

– норасоии таҷҳизоти зарурӣ дар кабинетҳои лабораторӣ ва фаннӣ;

– ба талаботи бозор ҷавобгӯ набудани омодагии касбии хатмкунандагон аз рӯи сохтори ихтисосҳо ва сифат;

– норасоии адабиёти таълимӣ- методӣ ва воситаҳои аёнӣ;

– тибқи талабот ҷалб нашудани корфармоён дар доираи фармоиш дар омодасозии кардҳои техникӣ ва хизматрасон;

– мавҷуд набудани механизми ҷалби маблағҳои қисми хусусии иқтисод ба ташкили таҳсилоти касбӣ ва омодасозии мутахассисон;

– дар таҳсилоти фосилавӣ, зинаи магистратура таъсири сусти механизми идоракунии самаранок ва назорати ташкили раванди таълим;

– барои ҳар як самти касбҳо таҳия нагардидани нақшаҳои ягонаи таълимӣ;

– ташкили нопурраи курсҳои такмили ихтисос;

– дастгирӣ наёфтани ҳалли масъалаҳои соҳаи маориф аз тарафи бахши хусусӣ;

– номукаммалии нақша ва барномаҳои таълимӣ;

– номутобиқии физиологӣ-психологии донишҷӯён ба касби интихобшуда;

– аз тарафи воситаҳои ахбори умум суст ва ё начандон дуруст инъикос шудани ҷараёнҳои навсозӣ дар соҳаи маориф ва дар натиҷа дастгирӣ наёфтани ин ҷараёнҳо аз тарафи ҷомеа ба сабаби пурра сарфаҳм нарафтан ба ҳадафу моҳияти онҳо.

Хатмкунандагони мактабҳои миёна ба пуррагӣ дарк намекунанд, ки дар шароити имрӯзаи иҷтимоию иқтисодӣ соҳиби касб шудан кафили фаъолияти муваффақонаи меҳнатии онҳо маҳсуб меёбад.

Бозори имрӯзаи меҳнат қисми зиёди хатмкунандагони мактабҳои олиро аз рӯи ихтисос ва дараҷаи тахассусии касбкардаашон бо ҷойҳои корӣ таъмин карда наметавонад. Дар натиҷа таҳсилоти олӣ дар кишвар беқурб гардида, хароҷоти беҳуда ба таҳсилот зиёд мегардад.

Дар шароити имрӯзаи рушди иқтисодиёти ба дониш асосёфтаи маориф яке аз омилҳои пешрафти иқтисодии давлат мегардад. Рушди ҷомеа, таъмини амнияти ҷамъияту давлат, сифати зиндагии мардум, расидан ба сатҳи ҷаҳонии иқтисодиёт, азхудкунии имкониятҳои нави технология муосир ва умуман рушди иҷтимоӣ бевосита ба сатҳи рушди маориф, ташкили ҷараёни мураттабу босифати таълиму тарбияи донишомӯзон ва дар маҷмуъ аз сатҳи саводнокии миллат вобаста аст.

Дар ин самт қабули “Стратегияи миллии рушди маориф барои солҳои 2012-2020” ва “Стратегияи миллии рушди маориф маориф то солҳои 2030” ва дигар барномаҳои давлатӣ, ки барои таъмини рушди соҳаи маориф равона шудаанд, воридшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷомеаи ҷаҳонӣ, ба имзо расидани созишномаю санадҳои байналмилалӣ, ҳамгироӣ ба низоми ҷаҳонии маориф, табодули донишҷӯён ва мутахасисони илмӣ, эътирофи диплому дигар вазифаҳои марбут ба омодасозии мутахассисон ва таҳқиқотҳои илмӣ ба ҳамкории васеи байналмилалӣ роҳ кушод ва ин ҳамкориҳо ҳамаҷониба вусъат ёфта истодаанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи созишномаҳои амалкунандаи соҳаи маориф мунтазам ба шаҳрвандони Тоҷикистон барои идомаи таҳсил дар мактабҳои олии кишварҳои хориҷӣ бурсияҳо ҷудо карда мешаванд, ки теъдоди онҳо сол то сол афзоиш меёбад [147 ;90].

Аммо ташвишовар ин аст, ки теъдоде аз шаҳрвандони Тоҷикистон, ки тибқи квотаҳои ҷудошуда ва созишномаҳои байнидавлатӣ дар хориҷи кишвар таҳсил мегиранд, баъди хатми донишгоҳҳои хориҷӣ ба ватан баргаштан намехоҳанд. Ҳамчунин, мутахассисони варзида фаъолияти худро баъди хатми донишгох дар хориҷи кишвар, барои беҳтар намудани шароити иқтисодию иҷтимоии худ идома дода, сокини ин кишварҳо мегарданд.

Бартараф намудани мушкилиҳо дар низоми маориф, ташаккули дурнамои нави идоракунии таҳсилоти олии касбӣ ва муайян намудани ҳадафҳои рушди он пешгӯии ҳамаҷонибаи тағйироти низоми таҳсилоти олии касбиро бо назардошти афзалиятҳои соҳаи маориф талаб мекунад.

Табодули донишҷӯён як ҷузъи ҷудонашавандаи барномаи барқарор кардани робитаҳои байналмилалӣ дар байни донишгоҳҳои ҷаҳон мебошад, ки зарурати низоми мубодилаи кредит, интиқоли кредитҳо барои таъмини меъёрҳои объективии муқоиса ва баҳодиҳии дастовардҳои таълимӣ аз рӯи намуди ECTS - низоми аврупоии интиқоли кредит ҳангоми гузаштан аз як донишгоҳ ба донишгоҳи дигар ба шумор меравад.

Бештари донишгоҳҳои Тоҷикистон бо донишгоҳҳои хориҷи кишвар шартномаву созишномаҳои ҳамкориро ба роҳ монда дар асоси ин ҳуҷҷатҳо тарафҳо дар самти табодули донишҷӯён, магистрантон ва докторантон, инчунин такмили ихтисоси омӯзгорон ҳамкорӣ мекунанд. Аз ҷумла, ДДОТ ба ном С.Айнӣ, ки дар заминаи фаъолияти ӯ дар самти ҳамкориҳои байналмилалӣ рисолаи таҳқиқотии мо дар он ҷо анҷом дода шудааст, бо зиёда аз 85 мактаби олии кишварҳои хориҷӣ ҳамкориҳои дуҷониба дорад. Шуъбаи робитаҳои байналмилалӣ дар асоси Оиномаи муассисаи давлатии таълимии ДДОТ ба ном С.Айнӣ ва низомномаи шуъба, ки бо қарори Шӯрои олимони донишгоҳ тасдиқ шудааст, бо Маркази Конфутсия, сафоратҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон, Ӯзбекистон, Фаронса, Украина, Белоруссия, Ҷумҳурии Федералии Олмон, Федератсияи Россия, ИМА, Маркази фарҳангии ҳамкории Россия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон робитаҳои мутақобилан судманд барқарор намудааст.

Бо мақсади ба низом даровардани тартиби таҳсили шаҳрвандони хориҷӣ дар донишгоҳ ДДОТ ба ном С.Айнӣ “Қоидаҳои ҳатмӣ барои шаҳрвандони хориҷӣ” амал менамояд, ки шаҳрвандони хориҷӣ танҳо баъди имзои ин ҳуҷҷат ва бастани қарордод бо донишгоҳ метавонанд таҳсил намоянд.

То ба ҳолати 14-уми июни соли 2022 дар донишгоҳ 4616 нафар шаҳрвандони хориҷӣ дар зинаҳои гуногун таҳсил менамоянд, ки нисбат ба соли гузашта 15 нафар зиёд мебошанд. Аз ин теъдод 4 нафар ба ҳайси унвонҷӯ, 1 нафар ба ҳайси докторант, 2 нафар дар зинаи магистратура ва 3 нафар шунаванда дар назди факултети филологияи тоҷик дар шуъбаҳои

рӯзона ва таҳсилоти фосилавӣ таҳсил менамоянд, ки дар маҷмуъ намояндагони 7 давлати хориҷи кишвар мебошанд.

Дар самти табодули донишҷӯён ва аспиранту магистрон аз ДДОТ ба номи С. Айнӣ, аз ҷумла, ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Бошқирдистон ба номи М. Акмуло 16 нафар магистр ва 2 нафар аспирант, Донишгоҳи давлатии Марин 1 нафар магистр ва Донишкадаи Елабугаи Донишгоҳи федералии Қазон 1 нафар аспирант барои идомаи таҳсил фиристода шуданд.

Дар соли таҳсили 2021-2022 зиёда аз 15 нафар устодони донишгоҳ барои иштирок дар конференсияҳои байналмилалӣ, симпозиумҳо ва семинару нишастҳо ба мамолики хориҷи кишвар сафарҳои хидматӣ намуданд.

Шуъбаи робитаҳои байналмилалии ДДОТ ба номи С.Айнӣ дар самти бастани шартнома ва созишномаҳо ба донишгоҳҳои хориҷи кишвар ба як қатор комёбиҳо ноил гашта, барои густариши робитаҳои дуҷонибаи донишгоҳҳои Тоҷикистон ва хориҷи кишвар корҳои назаррасро ба анҷом расонидааст. Донишгоҳ айни замон беш аз 85 шартнома ва созишномаҳои ҳамкории дуҷониба бо донишгоҳҳои хориҷӣ ва дохилӣ бастааст.

Дар ин замина, Стипендияи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дурахшандагон» дар таъмин намудани ҳамкориҳои байналмилалӣ нақши муҳим дорад. Ҳоло он ягона муассисае аст, ки дар кишвар ҷиҳати омодасозии мутахассисони баландихтисос дар хориҷи кишвар барои рушди иқтисодиёти миллӣ саҳми назаррас мегузорад ва бо муассисаи давлатии «Маркази барномаҳои байналмилалӣ»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар алоқамандӣ фаъолият менамояд. Ин ҳама бо ташаббус ва ғамхориҳои бевоситаи Пешвои муаззами миллат барои пешрафти рушди неруи зеҳнии инсонӣ, омодасозии кадрҳои баландихтисос ва омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонӣ дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 апрели соли 2009 таъсис ёфтааст. Марказ бо татбиқи банди 5 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 апрели соли 2009 «Дар бораи таъсиси Стипендияи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» вазифадор шудааст, ки якҷоя бо Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии

Тоҷикистон таҳсили шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар давлатҳои хориҷӣ назорат намояд. Маркази мазкур тибқи се барнома шаҳрвандони ҷумҳуриро дар зинаҳои гуногуни таҳсилот ба таври ройгон дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва илмии хориҷи кишвар ба таҳсил фаро мегирад.

Интихоби донишҷӯён, магистрҳо, аспирантҳо, докторантҳо ва унвонҷӯёни арзандаю болаёқат барои таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ ва илмии давлатҳои хориҷӣ тибқи банди 3 Низомномаи Стипендияи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дурахшандагон» мувофиқи салоҳияти Комиссияи ҷумҳуриявӣ оид ба интихоб ва омодасозии мутахассисон дар муассисаҳои таълимӣ ва илмии давлатҳои хориҷӣ амалӣ мегардад.

Низомномаи Стипендияи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дурахшандагон» бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 августи соли 2008 бо мақсади дастгирии шахсони лаёқатманд ва бо назардошти талаботи иқтисодиёти миллӣ омодасозии мутахассисон дар муассисаҳои таълимӣ ва илмии давлатҳои хориҷӣ дар зинаҳои гуногун тасдиқ шудааст.

Вазорату идораҳои дахлдор номгӯи ихтисосҳои барои иқтисодиёти ҷумҳурӣ заруриро ба Комиссияи ҷумҳуриявӣ оид ба интихоб ва омодасозии кадрҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва илмии давлатҳои хориҷӣ пешниҳод менамоянд. Ҳар як нафаре, ки соҳиби идрорупулии мазкур мегардад, аз ҳисоби фонди махсуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Пешвои муаззами миллат барои таҳсил, истиқомат, хизматрасонии тиббӣ, роҳкиро ва идрорпулии ҳармоҳа маблағгузорӣ карда мешавад. Инчунин, донишҷӯён пас аз хатм бояд ба ватан баргашта, аз рӯи ихтисосаш дар муассисаҳои давлатӣ на камтар аз 5 сол фаъолият намояд. Таъйини мутахассисони ҷавоне, ки тибқи квотаҳои давлатӣ ё роххати мақомоти давлатӣ мактабҳои олиро хатм кардаанд, ба мансабҳои категорияи ҳафтум маротибаи аввал бе озмун сурат мегирад.

Созишномаҳои байниҳукуматӣ имконияти дигари омодасозии мутахассисони ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ заруриро дар хориҷи мамлакат амалӣ мегардонад. Тибқи ин созишномаҳо шаҳрвандони мо имконият доранд, ки дар давлатҳое, ки бо кишвари мо дар соҳаи маориф ҳамкорӣ ба роҳ мондаанд, таҳсил намоянд. Масалан, ҳамасола аз ҷониби Федератсияи Россия, Беларус, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Қирғистон, Қазоқистон, Озарбойҷон, Украина, Кувайт ва имсол аввалин маротиба аз тарафи Руминия, Венгрия ва Австрия бурсияҳои таҳсилӣ ба шаҳрвандони ҷумҳурӣ пешниҳод шуд. Бо воситаи бурсияҳои мазкур шахрвандони кишвар метавонанд таҳсил ва истиқомати ройгон дошта, стипендияи ҳармоҳа пардохт карда мешавад. Озмуни бурсияҳои таҳсилӣ тибқи шартномаҳои байниҳукуматӣ аз тарафи намояндагии давлатҳои дар боло зикргардида сурат мегирад.

Созишномаҳои байниидоравӣ ҳамчун шартномаи ҳамкорӣ яке аз роҳҳои ба таҳсилот дар хориҷи кишвар ҷалб кардани ҷавонон мебошад. Марказ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои байналмилалӣ» ва тибқи оинномаи худ ҳуқуқ дорад, ки бо донишгоҳои хориҷи кишвар созишномаи ҳамкорӣ барои таҳсили шаҳрвандонро ба имзо расонад. Тибқи ин барнома, шаҳрвандони ҷумҳурии мо имконияти ба тариқи буҷавӣ таҳсил намудан, таъмини хобгоҳ ва стипендияи ҳармоҳаро дар донишгоҳҳое, ки бо Марказ шартномаи ҳамкорӣ доранд, пайдо мекунанд ва Марказ бо зиёда аз 125 донишгоҳҳои хориҷи мамлакат тибқи ин барнома ҳамкорӣ ба роҳ мондааст. Озмуни ин бурсияҳо аз тарафи намояндагони донишгоҳҳои ҳамкор баргузор карда мешавад. Бо даъвати Марказ намояндагони донишгоҳҳо ҳамасола дар ноҳияҳо барои дастрас будани имкониятҳои таҳсил дар хориҷи кишвар озмунҳоро барпо менамоянд. Масалан дар соли хониши 2019-2010 тибқи ин барнома аз ҷониби донишгоҳҳои ҳамкори хориҷӣ 3500 нафар шаҳрвандони кишвар ройгон ба таҳсил фаро гирифта шудаанд, ва маблағи як солаи таҳсили шартнома дар ин донишгоҳҳо аз 1500 то 3500 доллари амрикоиро ташкил медиҳад.

Дар маҷмуъ то соли 2020 зиёда аз 30000 шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Стипендияи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дурахшандагон», созишномаҳои байниҳукуматӣ ва шартномаҳои байниидоравӣ дар донишгоҳҳои хориҷи мамлакат таҳсил намуданд истодаанд. Ҳатто дар давраи пандемияи COVID-19, ки ҳамаи давлатҳои ҷаҳонро ба ташвиш овардааст таҳсили шаҳрвандони мо дар ин давлатҳо ба тариқи фосилавӣ давом ёфта, донишҷӯёни тоҷик дар ҳолати карантин қарор доштанд. Ҳоло озмуни бурсияҳои таҳсилии Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Венгрия, Украина ва Озарбойҷон ба анҷом расида, бақайдгирии бурсияҳои таҳсилии Ҷумҳурии Қазоқистон, Стипендияи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дурахшандагон» ва 15 донишгоҳҳои Федератсияи Россия тибқи шартномаҳои байниидоравӣ идома дорад. Муассисаи давлатии «Маркази барномаҳои байналмилалӣ»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаракат мекунанд, ки барои таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва илмии хориҷи кишвар довталабони болаёқат, забондон ва дорои ахлоқу одоби ҳамидаро ба таҳсилу касбомӯзи ҷалб намуда, ҳамкориро бо донишгоҳҳои хориҷи кишвар дар равияҳои техникӣ, риёзӣ ва табиатшиносӣ ҳамасола зиёд намояд [202].

Хатмкардагони донишгоҳҳои олии кишварҳои хориҷӣ, ки тибқи Стипендияи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дурахшандагон» таҳсил кардаанд, ҳоло дар соҳаҳои мухталифи кишвар кору фаъолият доранд. Дар байни онҳо номзадҳою доктcorrect илм, профессорон, котибони илмӣ, роҳбарони сохторҳои гуногуни муассисаҳои илмӣ-таълимӣ, вакилони парлумон ва дорандагони ҷоизаи “Исмоили Сомонӣ” низ ҳастанд.

Аз гуфтаҳои боло хулоса баровардан мумкин аст, ки фаъолияти байналмилалии мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи истиқлолият хеле ҷоннок гардида, ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардидаанд. Тавре қайд кардем, барои бастани шартномаҳои дуҷониба дар байни донишгоҳҳои Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ, хусусан бо

кишварҳои Аврупо, ба низоми кредитӣ гузаштан зарур буд, яъне низоме, ки дар Аврупо маъмул аст. Ин масъала зина ба зина ҳалли худро ёфта, дар як муддати муайян низоми кредитӣ дар низоми маорифи Тоҷикистон ҷорӣ гардид. Дар ин замина, мактабҳои олии Тоҷикистон бо мактабҳои олии кишварҳои хориҷӣ созишномаҳои ҳамкорӣ баста, дар самти табодули донишҷӯёну омӯзгорон ҳамкории зичро ба роҳ монда истодаанд.

Ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ба рушди ҳамкориҳо дар соҳаҳои иқтисод, сиёсат, менеҷмент, фарҳанг, тандурустӣ ва дигар соҳаҳо мусоидат карда метавонад. Рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ аз нуқтаи назари таъмини гуманизатсияи раванди таҳсилот ва тарбияи мутахассиси ҷавобгӯ ба талаботҳои муосир муҳим ва зарур ба ҳисоб меравад. Дар ин замина, самти нави рушди ҳамкориҳо дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ба роҳ мондани ҳамкориҳои судманд бо кишварҳои узви ИДМ буда, ин ҳамкориҳо ба манфиатҳои аслӣ ва стратегии Тоҷикистон мувофиқат мекунанд. Ташаккули фазои ягонаи таълимӣ дар ИДМ шарти зарурии рушди минбаъдаи ҳамкориҳо дар соҳаҳои гуногун, ба хусус дар соҳаи маориф мебошад. Зеро ҳамкориҳо дар соҳаҳои мухталиф ба умумияти маънавии таърихии ҷумҳуриҳои собиқ шӯравӣ асос ёфтааст ва таҳкими минбаъдаи онҳо бо мақсади ташкили робитаҳои бештар дар ҳама соҳаҳо, аз ҷумла таҳсилоти олии касбӣ, ба таъмини ҳамбастагии устувор мусоидат хоҳад кард.

## 1.3. Модели ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷиҳати ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯён

Модели ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷиҳати ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯён дар ҷараёни таълими муошират бо забони хориҷӣ барои дарки рафтори фарҳангӣ дар муошират шомили иқтидори бузург буда, донишҳоро оид ба хусусиятҳои дигар фарҳанг ташаккул медиҳад. Дар асоси муқоисаи фарҳанги худӣ ин модел воқеиятро таҳлил

намуда, рафтори донишҷӯ ба такомули шахсияти фарҳангӣ-забонӣ ва гуфтугӯи фарҳангҳо ҳамчун мақсади ниҳоӣ мусоидат мекунад.

Дар асоси равияҳои коммуникативӣ, интегративӣ, когнитивӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, тамоюли шахсиятӣ мо модели ҳамкориҳои байналмилалиро ҷиҳати ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни донишгоҳҳои омӯзгорӣ ҳангоми таълими муошират бо забони хориҷӣ коркард намудем, ки қисматҳои он ба ҳам вобаставу тобеанд, ки ин яклухтии моделро тасдиқ мекунад.

Тавре маълум аст, таҳсилоти бисёрфарҳангӣ «ҷараёни азхудкунии дониш оид ба гуногуншаклии фарҳангии муҳити атрофи кишварҳои пайваста омӯхташаванда ва муносибатҳои тарафайни миёни фарҳангҳо дар олами имрӯзаи бисёрфарҳанг, инчунин ташаккули мавқеи фаъолонаи ҳаётиву маҳорат дар ҳамкории байнифарҳангӣ бо намояндагони кишварҳо ва фарҳангҳои мухталиф тибқи принсипи гуфтугӯи фарҳангҳо» амалӣ мегардад [114;57].

Истифодаи усулҳои гуфтугӯи фарҳангҳо ба «созмондиҳии фазои муайяни эмотсионалии ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамдигарэҳтиромгузории барои таълим қулай, бароҳандозии муносибатҳои субъект-субъектии миёни омӯзгор ва донишҷӯён, ки иқтидори шахсиятии ахириҳоро фаъол мегардонад, рушди салоҳиятҳои коммуникативии донишҷӯён мусоидат карда, имкон фароҳам меоварад, ки нуқтаи назари худ оид ба ин ё он мавзӯъ тавҷеҳ карда шавад» [136;52]. Дар Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбии насли нав [145;17] намудҳои нави фаъолиятмандӣ - коммуникативӣ ва лоиҳавӣ, ки хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олиро барои онҳо омода месозанд, зикр мегарданд. Омӯзгорони ояндаи забонҳои хориҷӣ бояд ба амалӣ намудани коммуникатсияҳо дар дараҷаҳои гуногуни фаъолияти шахсӣ, муайян кардани мундариҷаи фаъолияти касбии оянда ва комил гардондани донишҳои касбии худ қобилият дошта бошад, инчунин барои худтакомулдиҳии шахсиятӣ ва касбии худ саъй кунанд. Гузариш ба стандартҳои нави таҳсилот, ҷустуҷӯи роҳҳои муосири пешниҳоди мавод ва

муносибатҳои нав ба азхудкунии маводҳое, ки ба рушди лаёқатҳои зеҳнӣ ва эҷодии донишҷӯён равона карда шудаанд, имконият медиҳанд. Робитаи босалоҳият дараҷаи баланди фаъолиятмандии донишҷӯро дар ташкил намудани ҷараёни таълим пешбинӣ мекунад [151;55-56].

Ба даст овардани тахассуси донишҷӯёнро ба назар гирифта, шаклҳои нави вазифаҳо ва машқҳои омӯзишӣ - фарҳангшиносӣ коркард гардидаанд, ки ба азбарнамуди донишҳои нави умумифарҳангӣ ва байнифарҳангӣ - маҳоратҳои амалии ҳамкории расмӣ, таълим дар заминаи дониш, маҳорату малакаҳо иҷтимоӣ, инкишофи қобилиятҳо барои тафаккури эҷодкоронаи равонагардида, тафаккури интиқоди ва таҳлили фарҳангӣ-контрастивии иттилооти хориҷӣ нигаронида шудаанд.

Аз соли 2019 ин ҷониб дар кафедраи методикаи таълими забони англисии ДДОТ ба номи С.Айнӣ маҳфили илмӣ-таҳқиқотии «Муоширати байнифарҳангӣ» зери роҳбарии номзади илмҳои педагогӣ, иҷрокунандаи вазифаи дотсент И. Мавлонова амал мекунад.

Самтҳои асосӣ барои кори таҳқиқотӣ инҳо ба ҳисоб мераванд:

– *хусусиятҳои ҳамкории байнифарҳангӣ дар гурӯҳҳои бисёрэтникии ДДОТ ба номи С.Айнӣ:* бо донишҷӯён тренингҳо, соатҳои тарбиявӣ, чорабиниҳои беруназдарсӣ дар гурӯҳҳои таълимии бисёрэтникӣ мегузаронанд. Натиҷаҳои ин чорабиниҳо баррасӣ карда мешаванд, тренингҳо гузаронида мешаванд ва баъд барномаи махсуси корӣ таҳия карда мешаванд.

– *ташаккул додани таҳаммулпазирӣ ба тафовутҳои фарҳангӣ дар муҳити донишҷӯён*. Айни замон дар бисёр муассисаҳои таҳсилоти олии ҶТ ба масъалаҳои мусолиҳаи байниэтникӣ, таҳаммулпазирӣ ва мубориза бо ксенофобия таваҷҷуҳи хос зоҳир мекунанд. Зуҳуроти манфӣ дар ҳамкориҳои байналмилалӣ аз чанд тараф нофаҳмӣ ба миён меорад, агар ба одамон имкони ба ҳамдигар аз наздик ошно шудан ва шинохтан дода шавад, зуҳуроти манфӣ кам хоҳанд гашт[151;34].

Дар татбиқи қоидаҳои раванди Болония, ки ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ ва ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода, ки ба ин раванд ҳамроҳ гардидаанд марбут ба омодасозии бакалавру магистрон барномаҳои муштарак бо мушарраф гардонидани дараҷаҳои муштарак, асосан магистрӣ, дар таҳсилоти олии ҶТ пешниҳод карда шудаанд, ҳарчанд онҳо нисбатан камшуморанд. Дар ин замина барномаҳои зеринро ёдрас намудан мумкин аст:

•солҳои охир ба ДДОТ ва ДБЗХТ омӯзгорон аз, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Ҷумҳурии Федеративии Олмон ва Британияи Кабир (Энни Чема, Ҷейн Ҷорҷ, Айлин, Дени Лем, Линда Либигх ва дигарон) ташриф овардaнд. Омӯзгорон ва донишҷӯёни факултаҳои забонҳои англисӣ ва Шарқ, технология ва соҳибкории ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ оид ба лоиҳаҳои зерин бо ҶФО фаъолият кардаанд;

•барномаи «ТЕМПУС» Про-тренинг бо ширкати ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев, Донишгоҳи милли Тоҷикистон, Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.Осимӣ, Донишгоҳи Эстонияи шаҳри Нарва ва донишгоҳҳои Олмон, ки низоми кредити раванди Болонияро дар амал ҷорӣ мекарданду он ба наздиксозии нақшаҳои таълимӣ барои омодагардонии мутахассисони «бакалавр» ва «магистр» равона карда шуда буданд.

Дар барномаҳои мазкур ва муштарак дараҷаҳои гуногуни ҳамгирої ба даст оварда шуда, ба забони таълим ва корҳои хатми тахассусӣ талаботи гуногун пешниҳод карда мешаванд.

Ҷолиб аст, ки «донишҷӯёни тоҷик бо муаллимони хориҷии ба ДДОТ, ДБЗХТ ташрифоварда ва донишҷӯёни хориҷие, ки забони тоҷикиро меомӯзанд, шинос шуда, оид ба таърихи донишгоҳ, ба ҷойҳои тамошобоби шаҳри Душанбе, ба маросимҳои тоҷикӣ нақл мекунанд. Баъд одатан шабнишиниҳо, озмунҳо, мусобиқаҳои варзишӣ ва ғайра гузаронда мешаванд. Чунин вохӯриҳо ба ташаккули муносибати хайрхоҳона ба соҳибони забони

мавриди омӯзиш қарор мегиранд ва онҳо ба донишҷӯён таъсири мусбат мерасонанд, доираи ҷаҳонбинии донишҷӯёни тоҷик ва хориҷиро густариш медиҳанд, ба рафъ намудани монеаҳои забонӣ ва фарҳангӣ дар муошират ва таҳкими дӯстии миёни ҷавонони тоҷик, англис, олмонӣ ва ғайра, инчунин дар таҳкими сулҳ дар ҶТ мусоидат менамоянд» [135;84].

Аз гуфтаи боло ба чунин хулоса омадан мумукин аст, ки кори берун аз аудиторӣ кори банақшагирифта ва мақсадноки муаллим, ногузирӣ, ки якҷоя ба иҷрои вазифаи ягона: ёрирасонӣ ба донишҷӯ барои бемалол ворид шудан ба фарҳанги ғайр тавассути дарки мусбати забон ва фарҳанги соҳибони онҳо, фаҳмиши менталитет, ойину анъанаҳои миллӣ ва муносибатҳои тарафайни байнишахсӣ кӯшиш менамоянд. Робита ба ин суханони М. М. Бахтин бамавриданд: «Мо ба назди фарҳанги бегона масъалаҳои наве мегузорем, ки худи он нагузошта буд, мо дар он ба ин масъалаҳо ҷавоб меҷӯем ва фарҳанги бегона ба мо ҷавоб дода, дар пешорӯямон ҷанбаҳои нав, умқҳои нави маъноии худро мекушояд» [18;362].

Вобаста будани кори берун азсинфие, ки бо фаъолияти касбӣ ин хусусияти мусобиқавӣ дорад ва дар чаҳорчӯбаи наздикшавии бештари донишҷӯ ба шароитҳои воқеии фаъолияти касбӣ мусоидат намуданд, озмуни «Беҳтарин дар касби худ», олимпиадаҳо оид ба забони англисӣ, викторинаи «Мамлакатҳои англисизабон» ва ҳоказо гузаронда мешаванд. Дар раванди чорабинии берун аз аудиторӣ муҳассилини Тоҷикистон барои аз худ кардани забони англисӣ бо унсурҳои мероси фарҳангӣ, танзим ва анъанаву одатҳои кишвари забони мавриди омӯзиш шинос мешаванд.

Дар рафти таҳқиқот моҳият, мундариҷа ва хусусиятҳои салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни донишгоҳҳои самти омӯзгорӣ муайян карда шуданд. Қисматҳои сохтории он дар ин асос ҷудо карда шуданд:

– иттилоотӣ (маҷмӯи донишҳои коммуникативӣ ва байнифарҳангӣ, устувории шавқу рағбати маърифатӣ);

– арзишӣ (мустақилияти мулоҳизаҳои баҳогузорӣ, принсипҳо ва мақсадҳои аз лиҳози иҷтимоӣ аҳамиятнок);

– консептуалӣ (маҷмӯи дидгоҳҳо, принсипҳо, ақидаҳое, ки робита ба воқеияти атрофро муайян мекунанд ва назари оламро куллан ва мавқеи одамро дар ин олам муайян менамоянд);

– тамоюлӣ (дарки зеҳнии донишу маҳоратҳои коммуникативӣ ва байнифарҳангӣ, фаҳмиши захираҳои ҳаётии худ, қобилиятҳо, хударзёбӣ, таҷрибаи фаъолияти рефлексивӣ);

– амалиётӣ (омодагӣ ва маҳорати истифодабарии донишҳо, принсипҳо барои қабули қарорҳо ва татбиқгардонии фаъолияти касбӣ);

– пешбинишаванда (қобилияти истифодабарии дастгоҳи донишӣ-арзишӣ ва ҷаҳонбинӣ-рефлексивӣ барои пешбинии оқибатҳои бехатари фаъолияти омӯзгори оянда ва ғайра).

Бо мақсади ташкили ҷараёни ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни донишгоҳҳои омӯзгорӣ ҳангоми ҳамкориҳои байналмилалӣ дар муошират бо забони хориҷӣ модели функсионалӣ-сохториеро коркард ва татбиқ намудем, ки қисматҳои мақсаднокӣ, мундариҷавӣ, тартиботӣ ва санҷишӣ-баҳогузориро фаро гирифт. Қисматҳои модел бо назардошти хусусияти ташаккули салоҳияти мазкур дар донишгоҳҳои омӯзгорӣ бо мундариҷаи пурра фаро гирифта шуда, қисматҳои модели сохторӣ-функсионалӣ пайдарпай ҷойгир мешаванд, якдигарро аз ҳисоби таъиноти функсионалӣ пурра ва вобаста кунонида, тадриҷан ҷараёни комили ташаккули салоҳиятмандии коммуникативиро тартиб медиҳанд (расми 1).

Мундариҷаи кор оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷиҳати салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни донишгоҳҳои омӯзгорӣ самтҳои назариявӣ ва амалиявиро фаро мегирад. Равиши назариявии ташаккулдиҳии донишҳои нутқӣ-коммуникативиро дар ҷараёни омӯзиши фанни «Амалияи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ АНХШ» пешбинӣ мекунад. Равиши

амалиявӣ ташаккул додани малакаҳо ва маҳоратҳои нутқӣ-коммуникативиро дар ҷараёни таъсиррасонии мутақобилаи фаъолияти боҷидду ҷаҳди самтгирии муоширатӣ-фарҳангӣ пешбинӣ мекунад (ширкат дар кори маҳфили мутахассисони ҷавон барои гузаронидани чорабиниҳо дар заминаи гуфтугӯи фарҳангҳо).

***Расми 1. Модели ҳамкориҳои байналмилалӣ (ҲБ),***
***ҷиҳати ташаккули салоҳиятмандии коммуникативӣ (СК)***



Асоси модели ҳамкориҳои байналмилалиро мақсади такомулдиҳии раванди ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ зимни таълими забони хориҷӣ ташкил дод. Дар амал ҷорисозии он ҳалли як қатор вазифаҳоро пешбинӣ менамояд:

– ташаккули донишҳо оид ба фарҳанг, воқеият, анъана ва боигарии миллии кишвари забони мавриди омӯзиш ва фарҳанги кишвари худ, маҳорати муаррифии ватани худ ва фарҳанги он дар шароитҳои муоширати байнифарҳангии ғайрзабонӣ;

– ташаккули маҳорат ва малакаҳои нутқӣ-муоширатӣ;

– ташаккули таҷрибаи байнифарҳангиву тамоюли арзишӣ;

– рушди қобилиятҳои маърифатӣ, маҳоратҳои зеҳнӣ, низоми муносибатҳои шахсиятӣ, муносибатҳои эмотсионалӣ-арзишӣ ба ҷаҳон ва ғайра дар донишҷӯён.

Қонуниятҳои асосие, ки ҳамкориҳои байналмилалӣ ва муҳимияти ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёнро дар ҷараёни таълими муошират бо забони хориҷӣ фаро мегиранд, бар ақидаи мо, вобастагии ташаккули салоҳияти дар боло қайдшуда аз фарҳанги бунёдии шахсияти донишҷуёни донишгоҳҳои омӯзгорӣ ва хусусиятҳои синнусолии онҳо, вобастагии салоҳияти байнифарҳангӣ аз сифатҳои касбӣ ва шахсии омӯзгор, фарҳанги педагогии вай, вобастагии салоҳияти коммуникативӣ аз ташкили шароитҳои бароҳати психологӣ дар раванди таълим мебошанд. Дар раванди ҳамкориҳои байналмилалӣ чунин принсипҳои умумипедагогӣ принсипҳои асосӣ шуданд:

– гуманистикунонии раванди таҳсилот,

– тамоюли шахсиятӣ;

– мураттабӣ ва муттасилӣ;

– шуурнокӣ ва фаъолмандии эҷодӣ;

– илмӣ будан;

– алоқамандии таълим бо ҳаёт;

– талаботҳое, ки асоси таҳсилоти иҷтимоӣ-фарҳангиро ташкил медиҳанд - профессор В. В. Сафонова:

•таълими забони хориҷӣ дар заминаи музокираи фарҳангҳо;

•такя ба донишҳои байнифаннӣ ва фарҳангшиносии муҳассилин;

•такя ба иқтидори зеҳнии донишҷӯён ҳангоми интихоби муоширати таълимӣ бо забони хориҷӣ, равияи гуманистии ҷараёни таълим [139;28].

Чор давраи пайдарпайи алгоритми ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯён муайян карда шудаст, ки вобастигии онро дар бар мегирад: ангезавӣ-мақсаднокӣ, гуфтугӯӣ-мубоҳисавӣ, коллективӣ-эҷодӣ ва ташкили бозиҳои нақшофарӣ, ки ба инкишофи бомақсад, давра ба давра ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии омӯзгорӣ дар ҷараёни таълими забони англисӣ нигаронида шудааст.

Принсипҳои методологии омодасозии коммуникативии донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии омӯзгорӣ дар заминаи парадигмаи байнифарҳангии таҳсилот асоснок карда шуданд: фарҳангсозгорӣ, бисёрфарҳангӣ, гуфтугӯи фарҳангҳо, ки раванди таҳсилотро ба рушди гуманистӣ, бисёрфарҳангии шахсиятии донишҷӯёне, ки барои ҳамкории байналмилалӣ қобилият доранд, тамоюл медиҳанд.

Қисмати мақсаднокии модел аз лиҳози функсионалӣ пеш гузоштани мақсадҳо ва муайян кардани вазифаҳои ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии омӯзгориро дар раванди таълими забони хориҷӣ пешбинӣ мекунад ва барои ҳосил намудани мақсад - ташаккулдиҳии салоҳияти мазкур тавассути ҳалли вазифаҳои зерин майлон мебахшад, яъне:

– азхуд кардани донишҷӯён асосҳои арзишӣ-меъёрии ҷаҳони муосир;

– рушд додани кӯшиш ва омодагӣ ба фаъолияти аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳамиятнок;

– фароҳам овардани муҳити инфиродӣ бо назардошти арзишҳои умумиинсонӣ ва дарки масъулияти шахсӣ.

Иҷрои вазифаҳои номбаргардида дар асоси риоя ва иҷро гадидани принсипҳои зерини педагогӣ амалӣ мегарданд:

•гуманистикунонӣ ва гуманитарикунонӣ,

•шаҳрвандӣ,

•фарҳангсозгорӣ,

•муттасилӣ,

•шуурнокӣ ва фаъолиятнокии эҷодӣ,

•инфиродикунонӣ ва ҷудогардоние, ки асосҳои талабот ба раванди ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёнро муайян мекунад.

Аз таҳлили адабиёти истифодашуда, таҳлили таҷрибаи пешқадами омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагоги роҷеъ ба мавзӯи кори таҳқиқотӣ мо омилҳоеро ошкор гардондем, ки онҳо метавонанд ба ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯён дар ҷараёни таълими муошират бо забони хориҷӣ таъсир гузоранд:

1. Омилҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ:

– робита ба мамлакатҳои мазкур: нигоҳ ба олами забони мавриди омӯзиш;

– стандартҳои муҳити худи иҷтимоӣ-фарҳангӣ.

2. Омилҳои иҷтимоигардонии ҷамъиятӣ:

– кор, хонавода, ҳамсолон, мактаб, муассисаи таҳсилоти олии касбӣ,.

3. Омилҳои фардӣ:

– ҷаҳонбинӣ, донистани забони хориҷии мавриди омӯзиш, синну сол, ҷинс, имкониятҳои зеҳнӣ, ангезанокӣ ва шавқу рағбат.

Омилҳои мазкур ба донишҷӯён дар раванди ташаккул ёфтани тасаввурот оид ба ҷаҳони забони хориҷии омӯхташаванда ҳиссаи худро мегузоранд. Вобаста ба ин В. В. Сафонова таъкид месозад, ки ҳангоми моделсозӣ дар муносибати муоширатӣ ва байнифарҳангӣ тавассути забони хориҷӣ ба

қоидаҳои зерин таваҷҷуҳи хоса бояд зоҳир кард: дар идрок ва арзёбии падидаҳои муоширатии фарҳанги ғайр ҳамон ҷаҳонбинии иҷтимоии толибилм нақш мебозад, ки зери таъсири таҷрибаи байнифарҳангӣ дар фарҳанги худӣ ташаккул ёфта, маҳз бо ин сабаб назари худи донишҷӯ ҳангоми омӯзиши забони хориҷӣ набояд сарфи назар карда шавад, балки дар вақти интихоби мавзӯъҳои таълимӣ ва тарҳрезии вазифаҳои таълимӣ он ба ҳисоб гирифта шавад [139;28].

Дар натиҷа модели ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷиҳати ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии омузгоронии ояндаи забонҳои хориҷии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ дар таҳқиқоти мо чунин шакл гирифт:

– сифатҳои аз лиҳози касбӣ аҳамиятноки шахсияти донишҷӯ;

– кушодарӯйӣ, идроки ғояҳои нав, мушоҳидакории иҷтимоӣ-фарҳангӣ, эҳтироми худвижагии фарҳанги забони ғайр, пазириши ғояҳо ва арзишҳои он, таҳаммулпазирӣ, муносибати мусбат бо соҳибони фарҳанги забони ғайр, боадабӣ, идоракунии вазъи эмотсионалии худ дар муошират байнифарҳангӣ ва педагогӣ;

– донишҳо оид ба моҳияти коммуникатсия дар ҳамкориҳои байналмилалӣ;

– психологияи этникӣ: низоми миллии арзишҳо, хусусиятҳои хислати тоҷикон ва халқи кишвари забони мавриди омӯзиш;

– биниши воқеиятҳои фарҳанги мо аз ҷониби халқи соҳиби забони хориҷӣ;

– мавҷудияти маҳоратҳо, яъне ҳаммонанд кардан, таҳлил намудан ва муқоиса кардани воқеиятҳо ва падидаҳои фарҳанги забони хориҷӣ ва худӣ;

– интихоб намудани услуби рафтори нутқӣ ва ғайринутқӣ.

Ба модел методҳои тамоюли шахсиятдошта, яъне методи таълими проблемавӣ, методи таълим дар ҳамкорӣ, методи лоиҳаҳо, методи бозии нақшофарӣ ва ҳоказоро ворид кардем.

Ҳангоми таҳияи модел мо воситаҳои нисбатан босамараи ташаккули салоҳиятмандии коммуникативӣ: МТМ-и муосири ватанӣ ва хориҷӣ, маводҳои саҳеҳи аудиоӣ ва видеоӣ, захираҳои иттилоотии шабакаи Интернет, хидматҳои почтаи электронӣ, маводҳои чопии рӯзномаву маҷаллаҳои муосир, реклама, воситаҳои аёнии тасвирӣ, китобҳои дарсӣ оид ба кишваршиносӣ, адабиёти бадеиро дохил кардем.

Қисмати ҷамъбастии модел аз чунин натиҷа иборат мебошад - баланд бардоштани дараҷаи ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбии педагогӣ дар ҷараёни таълими муошират бо забони хориҷӣ.

Муайян кардани самаранокии татбиқи модели ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии ҷудо кардани нишондодҳо ва дараҷаҳои ташаккулёбии салоҳияти номбаршударо талаб менамуд.

Маълум, ки дар донишҷӯён муқоис бо хонандагон нутқи матнӣ дар шароитҳои раванди таълим аз ҳолатӣ зудтар инкишоф меёбад. Аз ин сабаб ҳолатҳои муошират дар таҳқиқоти мо дар асоси матнҳои тамоюли байнифарҳангӣ моделсозӣ карда шуданд. Онҳо, бо тафовут аз матнҳои ихтисосдодашудаи маҳдуд, ки барои ҳама муҳассилини гурӯҳ дилбазан ва нофаҳмоянд, фарқ мекунад. Он бояд барои ҳама донишҷӯёни гурӯҳи таълимӣ шавқовар мебошанд [133;97].

Мавзӯи умумие, ки кулли донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгориро муттаҳид гардонд, «*Донишгоҳи омӯзгорӣ – боргоҳи илму маърифат*» номида шуда буд. Мавзӯи зикршуда, аз як қатор зермавзуъҳо иборат буд, ки барои омӯзгорони забонҳои хориҷӣ аз ҷиҳати иҷтимоӣ-фарҳангӣ мароқангез буда, ба мақсади ташаккулдиҳии салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён мувофиқат менамуданд.

Моделсозии номабаршуда аз омилҳои зерин иборат буд:

– «аввалан, шавқу рағбат пайдо мегардад, ки ангезаи ботиниро тақвият мебахшад;

– дуюм, имконияти муттаҳид гардондани ҳама иштирокдорон дар гурӯҳ, аз ҷумла омӯзгорон ҳамчун иштирокдорони бевоситаи муошират, такмил меёбад;

– сеюм, табиият ва озодии муошират ба даст оварда мешавад, ки дар чорчӯбаи ихтисосдиҳии маҳдуди толибилмон номумкин аст;

– чорум, монеаҳои психологӣ ва забонӣ аз миён бардошта мешаванд, ки ин бояд ворид гаштан ба муоширати воқеиро осон гардонад» [152;69].

Барои таҳлили ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯён асос ёфтан лозим буд. Воқеияте ҳамчун асос хидмат расонд, ки иштибоҳҳои имконпазир асосан иштибоҳҳои дорои хусусияти байнифарҳангӣ буданд. Бо мақсади татбиқи салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯён нақши кори пешакии сомондодашуда барои фаҳмидани омилҳои асосии ҳаётӣ муҳим буд, ки онҳо ба ҷараёни ташаккулдиҳии салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни донишгоҳҳои омӯзгорӣ дар ҷараёни таълими муошират бо забони хориҷӣ таъсир гузоштанд.

Модели ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбии педагогӣ ташкили илман асосноки низомӣ-сохтории фаъолияти таълимист, ки ба омода намудани хатмкунандаи муассисаҳои таҳсилоти олӣ барои шарикии кории сермаҳсул дар муоширати корӣ нигаронида шудааст.

Модели методологӣ аз як чанд омилҳо иборат аст, аз ҷумла:

1.Парадигмаи алоқаи байнифарҳангии таҳсилот, ки самтҳои муосирро дар педагогика бо воситаи дар амалияи педагогӣ ҷорӣ намудани принсипҳои зерин муайян менамояд:

– принсипи фарҳангдӯстӣ ҳамчун принсипи мувофиқати мақсадҳои таҳсилот бо фарҳангшиносӣ, ки ҳамчун воридшавии инсон ба олами фарҳанг фаҳмида мешавад; барои шиносоии муҳассилин бо гузашта ва имрӯзи фарҳанги ҷаҳонӣ дар асоси ҳамкории шахсият дар низоми «Ман - гурӯҳи иҷтимоӣ - ҷомеа - тамаддуни ҷаҳонӣ» мусоидат мекунад;

– принсипи «гуфтугӯи фарҳангҳо», ки дар раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогӣ равона намудани он имкон медиҳад, ки вазифаҳои таҳсилоти бисёрфарҳангӣ ҳал карда шаванд, зеро он ба муносибати мусбат ба фарқиятҳои фарҳангӣ ва тарбияи донишҷӯён дар руҳияи сулҳу осоиш, таҳаммулпазирӣ, ҳусни тафоҳум ва ҳамкории байналмилалӣ мусоидат мекунад.

2. Ҳамгироии равияҳо:

– равияи ба шахсият нигаронидашуда воридшавии донишҷӯёнро ба фаъолият ҳамчун роҳи асосии инкишофи сифатҳои шахсиятӣ ва мавқеи фаъолонаи донишҷӯ актуалӣ мегардонад:

– равияи салоҳиятмандӣ ба омодагии амалии донишҷӯ ба муколамаи самарабахш нигаронида мешавад ва мантиқи принсипан дигари ташкили фаъолияти таълимӣ ва маҳз мантиқи ҳалли вазифаҳо ва проблемаҳои начандон инфиродӣ, балки бештар гурӯҳӣ, ҷуфтӣ, коллективиро пеш мегузорад;

– равияи коммуникативӣ мундариҷаи томи модели муаллифиро муайян кард.

Ҳамчун принсипҳои дидактикие, ки талаботи асосиро ба ташкили раванди педагогӣ муайян карданд, инҳо амал намуданд:

– равиши гуманистӣ ва шахсиятӣ, ки ба ташаккули ҷаҳонбинии гуманистии донишҷӯён ҳамчун танзимгари маънавии муошират, ҳамдигарфаҳмӣ, ҳамкорӣ мусоидат мекунад;

– шуурнокӣ ва фаъолнок;

– мураттабӣ ва муттасилӣ;

– дастрасӣ, демократикунонии муносибатҳо ва хусусияти коллективии таълим.

Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯён дар асоси принсипҳо ва муносибатҳои методологӣ муайян карда шуданд. Шароитҳои муҳими педагогӣ аз инҳо иборат мебошанд:

– актуалӣ гардондани ташаккули сифатҳои шахсиятии донишҷӯён:

– масъулиятнокӣ;

– мустақилият;

– ташаббускорӣ;

– фаъолиятнокӣ;

– фарҳанги ботинӣ;

– пурдонӣ ва ҳушёрию зиракӣ дар муҳити тамоюл дар ҷараёни таълими муассисаи таҳсилоти олӣ;

– истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар омодагардонии касбии омӯзгорони ояндаи забонҳои хориҷӣ.

Дар таҳқиқоти мазкур зери мафҳуми шароитҳои педагогӣ маҷмӯи низомии имкониятҳои объективӣ, ҳолатҳои раванди педагогие фаҳмида мешавад, ки онҳо аз ҷониби омӯзгор ба таври мақсаднок фароҳам оварда мешаванд ва дар муҳити таҳсилот татбиқ мегардад, қобилиятҳои байнифарҳангиии донишҷӯёнро дар раванди омӯзиши фанҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогӣ таъмин мекунанд.

Зарурат ва кифоягии шароитҳои педагогии ҷудокардашуда бо роҳи таҷрибавӣ-озмоишӣ муайян карда шуд ва тавассути сохтор ва меъёрҳои салоҳиятмандии коммуникативӣ, самтгирӣ ба худинкишофдиҳӣ ва худтакомулдиҳии донишҷӯён ҷиҳати хусусиятҳои коммуникативиашон бо ҳосил кардани таҷрибаи коммуникативӣ тасдиқ карда шуд.

Шароити муҳими ташкили мақсадноки омодагии байнифарҳангии донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбии педагогӣ коркарди модели ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷиҳати ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯён аст, ки он тамоюли афзалиятнок, принсипу шароитҳои ташаккули муоширати салоҳиятмандонаи донишҷӯёнро муайян мекунад ва яклухтии раванди таҳсилотро таъмин менамояд.

Барои тафтиши имкониятҳои прагматикии модели коркардшудаи ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷиҳати ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогӣ дар заминаи факултети забони англисӣ ва забонҳои Шарқ, инчунин факултети забонҳои романӣ-германии ДДОТ ба номи С. Айнӣ ва факултети забони англисӣ ва факултети забонҳои романӣ-германии ДБЗХТ ба номи С.Улуғзода дар давраи аз соли 2019 то соли 2023 кори таҷрибавӣ-озмоишӣ гузаронда шуд. Дар озмоиш 14 омӯзгори забонҳои англисӣ ва олмонӣ ва 470 донишҷӯи курсҳои I-IV, ки оид ба ихтисосҳои «Омӯзгори забони англисӣ», «Омӯзгори забонҳои олмонӣ (фаронсавӣ)» таълим мегирифтанд, иштирок карданд. Тибқи мақсаду вазифаҳои таҳқиқот озмоиши педагогӣ аз се давра: муқарраркунанда, ташаккулдиҳанда ва ҷамъбастӣ иборат буд. Ба сифати методи асосии таҳқиқот озмоиши ташаккулдиҳанда истифода мешуд, ки объективият ва исботшавандагии тафтишро ба туфайли ҷудокунии репрезентативӣ, мавҷудияти гурӯҳҳои озмоишӣ (ГО) ва санҷишӣ (ГС), ташхиси такрорӣ, эътимоднокии омории маълумотҳои озмоишӣ таъмин гардонд.

Мо «Методикаи санҷиши дараҷаи салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогӣ»-ро коркард намудем, ки имкон дод дараҷаи салоҳиятмандӣ дар муошırати муҳассилин дар раванди озмоишро коршиносон (экспертҳо) ва донишҷӯён ташхис кунанд. Гурӯҳи коршиносонро омӯзгороне, ки мустақиман бо иштирокчиёни гурӯҳҳои озмоишӣ ва санҷишӣ кор мекарданд ва донишҷӯён-сарварони ин гурӯҳҳо ташкил доданд.

Тавре маълум аст, санҷиши ҳаматарафаи салоҳиятмандии коммуникативӣ мушкил аст, аз ин рӯ муайян кардани қисматҳои асосӣ ва хусусиятҳои мундариҷавии онҳо барои арзишдоварии минбаъда муҳим буд.

Дар асоси муносибати муосир ба масъалаи инкишоф ва такомули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯён - омӯзгорони ояндаи забонҳои хориҷӣ, ки дар он таълим ҳамчун омили худинкишофдиҳӣ ва

худтакомулдиҳӣ дар заминаи амалиёти худ баррасӣ мегардад, ташхиси салоҳиятмандӣ бояд худташхисдиҳӣ ва худтаҳлилкунӣ бошад.

Масъалаи санҷиши салоҳиятмандӣ дар раванди озмоиш наметавонист танҳо бо василаи иттилоъдиҳии озмоишшаванда ҷиҳати натиҷаҳои тестгузаронӣ ҳал карда шавад, раванди ташхисро тавре ташкил кардан муҳим буд, ки ҳангоми он иштирокчиён иттилооти таъсирбахш гиранд, то дар асоси он худашон ислоҳи зарурии рафтори иҷтимоӣ-фарҳангиашонро амалӣ гардонанд.

Ҳамин тариқ, модели ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷиҳати ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогӣ ҳангоми таълими муколама бо забони хориҷӣ ва истифодаи технологияҳои педагогӣ ба татбиқгардонии он дар раванди таълими тамоюли шахсии забони хориҷӣ мусоидат кард.

## 1.4 Самтҳои рушди муносибатҳои байналмилалии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2018-2023).

Барои муайян кардани рушди муносибатҳои байналмилалии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва вазифаҳои минбаъда дар ин самт зарур аст, ки фаъолияти ҳадди ақали 6-солаи онҳоро дар мисоли ДДОТ ба номи С.Айнӣ баррасӣ намоем. Бо дарназардошти он, ки дар ҷумҳурӣ 47 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ фаъолият менамояд ва баъзеи онҳо дар самти муносибатҳои байналмилалӣ чандон фаъолияти хуб надорад, дар аввал мо самти муносибатҳои байналмилалии 16 муассисаеро, ки дар ин самт нисбатан фаъоланд, мавриди таҳлил қарор додем. Маълумоте, ки барои таҳлил ҷамъоварӣ намудем, дар асоси ҳисоботе, ки муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар давоми 6 соли охир ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод кардаанд, таҳия гардидааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ дар баъзе самтҳои муайяни муносибатҳои байналмилалӣ фаъолият намуда, ба дастовардҳои муайян ноил шудаанд. Яке аз самтҳои муҳими муносибатҳои байналмилалии онҳо ба имзо расонидани созишномаҳои ҳамкорӣ бо муассисаҳои таҳсилоти олии касбии хориҷӣ мебошад. Бастани чунин созишномаҳо ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ имконият фароҳам овардааст, ки дар асоси он ҳамкориҳоро ба монанди, таҷрибаомӯзии кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат, вусъат додани зудҳаракатии омӯзгорону донишҷӯён, мубодилаи академии донишҷӯёну омӯзгорон, якҷоя таҳия намудани маҷаллаҳои илмӣ, баргузор кардани конференсияҳои байналмилалии муштарак ва дигарҳоро ба роҳ монанд.

Дар ҷадвали зерин самти баимзорасонии созишномаҳои муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар бо муассисаҳои таҳсилоти олии кишварҳои хориҷӣ нишон дода шудаанд:

***Ҷадвали 2. Маълумот оид ба шартномаҳои баимзорасонидаи мактабҳои олии Тоҷикистон бо мактабҳои олии кишварҳои хориҷӣ дар солҳои 2018-2023***

| Номи донишгоҳ | | | Теъдоди созишномаҳои ҳамкорӣ | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| № | | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | ҳамагӣ |
| 1 | Донишгоҳи миллии Тоҷикистон | 24 | 18 | 5 | 14 | 22 | 31 | **114** |
| 2 | Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ | 20 | 20 | 37 | 20 | 20 | 24 | **141** |
| 3 | Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуали ибни Сино | 10 | 12 | 10 | 10 | 12 | 18 | **72** |
| 4 | Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон | 10 | 12 | 6 | 10 | 9 | 11 | **58** |
| 5 | Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур | 14 | 12 | 16 | 47 | 14 | 18 | **121** |
| 6 | Донишгоҳи технологии Тоҷикистон | 13 | 15 | 4 | 10 | 10 | 13 | **65** |
| 7 | Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон | 19 | 10 | 8 | 6 | 6 | 10 | **59** |
| 8 | Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода | 4 | 5 | - | 2 | 24 | 8 | **43** |
| 9 | Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон | 8 | - | 2 | 21 | 1 | 8 | **40** |
| 10 | Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ | 9 | 8 | 5 | 14 | 16 | 12 | **64** |
| 11 | Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон | 16 | 10 | 10 | 10 | 20 | 14 | **80** |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 12 | Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев | 3 | 9 | - | - | - | 3 | **15** |
| 13 | Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон | 11 | 5 | 1 | 5 | 10 | 8 | **40** |
| 14 | Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров | 10 | 20 | 15 | 14 | 10 | 13 | **82** |
| 15 | Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ | 3 | 2 | 2 | 2 | 9 | 13 | **31** |
| 16 | Донишкадаи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода | 3 | 2 | 2 | 2 | 2 | 8 | **19** |

Натиҷагири аз ҷадвали 2 дар диаграммаи зерин чунин пешниҳод мегардад.

***Диаграмаи 1. Маълумот оид ба шартномаҳои баимзорасонидаи мактабҳои олии Тоҷикистон бо мактабҳои олии кишварҳои хориҷӣ дар солҳои 2018-2023***



Мазмуни аксари созишномаҳо ин омӯзиш ва истифода аз таҷрибаи навтарини таълимиву илмии ҳамдигар, ташкили табодули омӯзгорону донишҷӯён бо мақсади бозомӯзӣ ва такмили маҳорати касбӣ, роҳандозӣ намудани чорабиниҳои муштараки байналмилалии илмиву таълимӣ ва эҷодӣ, иштирок дар амалигардонии лоиҳаҳои муштараки илмӣ – таҳқиқотиро дар бар мегирад.

Дар доираи баъзе созишномаҳои имзошуда чорабиниҳои илмиву таълимӣ ва эҷодии муштарак мунтазам баргузор гардида, дар онҳо омӯзгорону донишҷӯёни донишгоҳҳо ширкат варзидаанд ва табодули маводҳои илмиву таълимӣ ба роҳ монда шудааст.

Натиҷаи таҳлилҳои созишномаҳои баимзорасида нишон дод, ки ҳарчанд муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо муассисаҳои шарик ҳамкориро дуруст ба роҳ монда бошанд ҳам, вале аксарияти муассисаҳо аз рӯйи созишномаҳои ҳамкорӣ намекунанд. Яъне, созишнома танҳо дар рӯйи қоғаз асту халос, ки ин ба манфиати кор нест. Масалан, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар давоми 6 соли охир бо 114 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ созишномаҳо ба имзо расонида бошад ҳам, вале дар амал ҳамагӣ бо 10 муассиса ҳамкорӣ мекунад. ДДОТ ба номи С.Айнӣ дар давоми 6 соли охир бо 64 муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ созишномаҳои ҳамкорӣ ба имзо расонидааст, лекин ҳамагӣ бо шаштои онҳо ҳамкории амалӣ дорад.

Аз ин рӯ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳуриро зарур аст, ки барои дар амал татбиқ намудани бандҳои созишномаҳои баимзорасида чораҳои амалӣ андешанд, зеро он ба нафъи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мебошад.

Самти дигари муҳими фаъолияти муносибатҳои байналмилалӣ гузаштани омӯзгорон аз курсҳои такмили ихтисос дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии хориҷӣ мебошад, зеро таҷрибаи дигар кишварҳо барои омӯзгорони мо хеле зарур ва басо муҳим аст. Дар ҷадвали зерин маълумот оид ба теъдоди омӯзгорони муассисаҳо, ки давоми солҳои 2018-

2023 дар назди муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва дигар ташкилотҳои хориҷӣ аз такмили ихтисос гузаштанд, наишон дода шудааст:

***Ҷадвали 3.*** **Теъдоди омӯзгорон, ки дар хориҷи кишвар аз курсҳои такмили ихтисос гузаштаанд дар солҳои 2018- 2023**

| **Номи донишгоҳ** | | **Такмили ихтисос дар хориҷи кишвар** | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **№** | | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | **2023** | **ҳамагӣ** |
| 1 | Донишгоҳи миллии Тоҷикистон | 3 | 15 | 2 | 2 | 17 | 26 | **65** |
| 2 | Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ | 20 | 10 | 24 | - | 20 | 32 | **106** |
| 3 | Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуали ибни Сино | 10 | 5 | 5 | 10 | 13 | 21 | **64** |
| 4 | Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон | 50 | 25 | 50 | 25 | 50 | 18 | **218** |
| 5 | Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур | - | 1 | 1 | 2 | 1 | 8 | **13** |
| 6 | Донишгоҳи технологии Тоҷикистон | 3 | 9 | 1 | 14 | 5 | 8 | **40** |
| 7 | Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон | 10 | 20 | 10 | 20 | 20 | 12 | **92** |
| 8 | Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода | - | - | - | - | 4 | - | **4** |
| 9 | Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон | 2 | 2 | 2 | 2 | 4 | 4 | **16** |
| 10 | Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ | 8 | 17 | 26 | 2 | 30 | 26 | **109** |
| 11 | Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон | 4 | 3 | 3 | 5 | 2 | 18 | **35** |
| 12 | Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев | 15 | 33 | - | 14 | 27 | 2 | **58** |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 13 | Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон | - | - | - | 23 | - | 6 | **29** |
| 14 | Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров | 50 | 50 | 25 | 25 | 83 | 23 | **256** |
| 15 | Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ | 3 | 2 | 2 | 2 | 4 | 6 | **19** |
| 16 | Донишкадаи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода | 5 | 5 | 5 | 5 | 6 | 12 | **38** |

***Диаграммаи 2. Теъдоди омӯзгорон, ки дар хориҷи кишвар аз курсҳои такмили ихтисос гузаштаанд дар солҳои 2018- 2023***




Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки баъзе донишгоҳҳо ба ин аҳамияти хоса дода, омӯзгорони худро ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Белорус ва дигар кишварҳои аврупоӣ ҷиҳати гузаштан аз курси такмили ихтисос равон кардаанд, ки ин барои боз ҳам баланд бардоштани сатҳу сифати фаъолияти касбии омӯзгорон ва донишҷӯён таъсири мусбат мерасонад. Бояд қайд кард, ки дар ин самт Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров (256 нафар),

Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Россия (218 нафар), ДДОТ ба номи С.Айнӣ (109 нафар) хеле фаъол буда, Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода (4 нафар) ва Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур (13 нафар) ба ин масъала кам таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд. Аз ин рӯ, минбаъд ба тамоми муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ зарур аст, ки ба ин самт таваҷҷуҳи хоса зоҳир намоянд.

Самти дигари фаъолият дар муносибатҳои байналмилалӣ ин ҷалби грантҳо ва лоиҳаҳои инноватсионӣ мебошад. Ҷалби грантҳо ва лоиҳаҳои инноватсионӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ имконият фароҳам меорад, ки базаи моддию техникии худро мустаҳкам намоянд ва ин ба сатҳу сифати таҳсил таъсири мусбат мерасонад. Дар ин замина бояд гуфт, ки аксари муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ бо ҷалби грантҳо ва лоиҳаҳо лабораторияҳо ва таҷҳизоти мухталифро харидорӣ ва насб намуданд. Ба ин масъала ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки мавриди баррасии рисолаи мо қарор доранд, таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, ҳамаи онҳо якчанд лоиҳаҳоро амалӣ кардаанд. Дар ин самт Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино, Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии Хоруғ нисбатан фаъолтар буданд. Дар ҷадвали зерин маълумот оид ба лоиҳаҳои байналмилалӣ ва истифодаи бурсияҳои сармоягузорӣ, ки муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ дар соли 2018-2023 амалӣ кардаанд, оварда мешавад.

***Ҷадвали 4. Руйхати лоиҳаҳои байналмилалӣ ва истифодаи бурсияҳои сармоягузорӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ дар солҳои 2018- 2023***

| **Номи донишгоҳ** | | **Лоиҳаҳои байналмилалӣ** | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **№** | | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | **2023** | **ҳамагӣ** |
| 1 | Донишгоҳи миллии Тоҷикистон | 2 | 3 | 2 | 3 | 2 | 1 | **13** |
| 2 | Донишгоҳи техникии | - | 5 | 1 | 2 | 3 | 2 | **13** |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ | | | | | | | |
| 3 | Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуали ибни Сино | 2 | 1 | 2 | 5 | 5 | 4 | **19** |
| 4 | Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон | - | 1 | 1 | 1 | 1 | - | **4** |
| 5 | Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур | 2 | 1 | 4 | 3 | 3 | 1 | **14** |
| 6 | Донишгоҳи технологии Тоҷикистон | - | 1 | 2 | 1 | 2 | 1 | **7** |
| 7 | Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон | 1 | 2 | 1 | 1 | 2 | 1 | **8** |
| 8 | Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода | 1 | 1 | - | 1 | 1 | - | **4** |
| 9 | Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон | 1 | 1 | 1 | 1 | 3 | - | **7** |
| 10 | Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ | - | - | 2 | 1 | 1 | 2 | **6** |
| 11 | Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон | - | - | 1 | 1 | 2 | 3 | **7** |
| 12 | Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев | - | 2 | 5 | 3 | 2 | 1 | **13** |
| 13 | Донишгоҳи давлатии | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | - | **5** |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон | | | | | | | |
| 14 | Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров | 2 | 2 | 1 | 1 | 1 | 3 | **10** |
| 15 | Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ | - | - | 3 | 3 | 3 | - | **9** |
| 16 | Донишкадаи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода | - | 1 | 1 | 1 | 1 | 2 | **6** |

***Диаграмаи 3. Руйхати лоиҳаҳои байналмилалӣ ва истифодаи бурсияҳои сармоягузорӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ дар солҳои 2018- 2023***




Самти дигари фаъолияти байналмилалии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ сафарҳои устодону кормандони муассисаҳо ба хориҷи кишвар ҷиҳати иштирок дар симпозиуму конфронсҳо ва семинарҳои илмии

байналмилалӣ мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки раванди мазкур дар давраи КОВИД-19 нисбатан суст гардида буд. Бояд қайд кард, ки дар як соли охир нишондодҳо ба куллӣ фарқ карда, ин раванд рӯ ба афзоиш аст. Дар самти сафарҳо ва иштироки омӯзгорону кормандони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино (204 нафар), Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур (157 нафар) ва Донишгоҳи технологии Тоҷикистон (145 нафар) хеле фаъол мебошанд. Аз Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ 4 нафар ва Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода 7 нафар дар чорабиниҳои сатҳи байналмилалӣ иштирок карданд. Зимнан, бояд қайд кард, ки «Тартиби фиристодани кормандони дастгоҳи марказии Вазорати маориф ва илм ва зерсохторҳои он ба хориҷи кишвар», ки бо фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15.01.2019 №265 тасдиқ шудааст, айни ҳол амал мекунад, вале на ҳамаи муассисаҳо ин тартибро риоя мекунанд. Дар ҷадвали зерин маълумот оид ба сафарҳои омӯзгорону кормандони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ ба хориҷи кишвар дар солҳои 2018- 2023 нишон дода шудааст.

***Ҷадвали 5. Руйхати сафарҳои омӯзгорону кормандони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ ба хориҷи кишвар дар солҳои 2018- 2023***

| **Номи донишгоҳ** | | **Миқдори сафарҳо** | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **№** | | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | **2023** | **ҳамагӣ** |
| 1 | Донишгоҳи миллии Тоҷикистон | 10 | 10 | 10 | 10 | 17 | 23 | **80** |
| 2 | Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ | 4 | 28 | 4 | 10 | 23 | 18 | **87** |
| 3 | Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуали ибни Сино | 20 | 20 | 30 | 30 | 72 | 32 | **204** |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 4 | Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон | 23 | 21 | 6 | 10 | 39 | 22 | **121** |
| 5 | Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур | 20 | 20 | 30 | 30 | 21 | 36 | **157** |
| 6 | Донишгоҳи технологии Тоҷикистон | 27 | 24 | 4 | 19 | 47 | 24 | **145** |
| 7 | Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон | 49 | - | 17 | - | 13 | 33 | **112** |
| 8 | Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода | 6 | 12 | 6 | 13 | 1 | 12 | **50** |
| 9 | Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон | 10 | 10 | 10 | 10 | 26 | 25 | **91** |
| 10 | Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ | 1 | 19 | 1 | 7 | 11 | 26 | **65** |
| 11 | Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон | 2 | 2 | 1 | 7 | 8 | 20 | **40** |
| 12 | Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев | 15 | - | 33 | 14 | 27 | 8 | **97** |
| 13 | Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон | 11 | 14 | - | 3 | 11 | 21 | **60** |
| 14 | Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров | 20 | 20 | 20 | 10 | 10 | 32 | **112** |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 15 | Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ | 19 | 10 | 10 | 10 | 10 | 16 | **75** |
| 16 | Донишкадаи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода | 1 | 1 | 1 | 2 | 2 | 18 | **25** |

***Диаграммаи 4. Руйхати сафарҳои омӯзгорону кормандони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ ба хориҷи кишвар дар солҳои 2018- 2023***




Яке аз самтҳои хеле муҳими ҳамкориҳои байналмилалӣ ин табодули донишҷӯён мебошад, ки он натанҳо барои васеъ шудани ҷаҳонбинии донишҷӯён кӯмак мерасонад, инчунин барои баланд бардоштани рейтинги донишгоҳ дар арсаи байналмилалӣ мусоидат мекунад. Бояд таъкид намуд, ки навобаста ба пешравиҳо дар ин самт, ҳамоно мушкилиҳо низ ба назар мерасанд, аз чумла нокифоя будани табодули донишҷӯёну омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ бо муассисаҳои таҳсилоти олии касбии хориҷӣ.

Бояд қайд кард, ки Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (196 нафар), ДДОТ ба номи С.Айнӣ (123 нафар), Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Россия (117 нафар) ва Донишгоҳи молия ва иқтисод (101 нафар) дар ин самт хеле пешсаф ва фаъоланд. Аммо Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев бо назардошти ҳисоботе, ки ба Вазорати маориф ва илм пешниҳод кардаанд, дар давоми 6 соли охир ягон донишҷӯро ба хориҷи кишвар нафиристодааст. Аз Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ин нишондиҳанда ҳамагӣ (10 нафар) ва Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (11 нафар) мебошад, ки ин нишондиҳанда хеле кам ба назар мерасад.

Дар робита ба ин, муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро зарур аст, ки ҷиҳати дуруст ба роҳ мондани табодули донишҷӯёну омӯзгорон ҳам дар дохил ва ҳам бо муассисаҳои таҳсилоти олии касбии хориҷӣ чораҳои амалӣ андешанд.

Дар ҷадвали зерин маълумот оид ба табодули донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ дар соли 2018-2023 нишон дода шудааст:

***Ҷадвали 6. Табодули донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи созишномаҳои ҳамкорӣ дар соли 2018-2023***

| **Номи донишгоҳ** | | **Табодули донишҷӯён тибқи созишномаҳои ҳамкорӣ** | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **№** | | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | **2023** | **ҳамагӣ** |
| 1 | Донишгоҳи миллии Тоҷикистон | 84 | 61 | - | - | 15 | 36 | **196** |
| 2 | Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ | - | - | - | - | 3 | 18 | **21** |
| 3 | Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуали ибни Сино | 3 | 41 | - | - | 19 | 38 | **101** |
| 4 | Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон | 82 | 4 | - | 1 | 12 | 18 | **117** |
| 5 | Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи | 7 | 5 | - | 10 | 10 | 24 | **56** |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ширииншоҳ Шоҳтемур | | | | | | | |
| 6 | Донишгоҳи технологии Тоҷикистон | 5 | 1 | - | - | 1 | 3 | **10** |
| 7 | Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон | 37 | 42 | - | - | 12 | 10 | **101** |
| 8 | Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода | 5 | 2 | - | - | 8 | 2 | **17** |
| 9 | Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон | 10 | 20 | - | 20 | 25 | 12 | **87** |
| 10 | Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ | 3 | 5 | - | 33 | 19 | 33 | **93** |
| 11 | Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон | 2 | 2 | - | 1 | 4 | 22 | **31** |
| 12 | Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев | - | - | - | - | - | - | **-** |
| 13 | Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон | 16 | 8 | - | 2 | - | 18 | **44** |
| 14 | Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров | 5 | 5 | - | 5 | 6 | 23 | **44** |
| 15 | Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ | - | 3 | - | 3 | 3 | 2 | **11** |
| 16 | Донишкадаи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода | 4 | 4 | - | 4 | 5 | 28 | **45** |

Ҷалби донишҷӯёни хориҷӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар фаъолияти байналмилалӣ яке аз самтҳои муҳим буда, барои бахши молиявии донишгоҳ хеле муфид арзёбӣ мегардад. Чанд соли охир, ҳарчанд таваҷҷуҳи шаҳрвандони кишварҳои хориҷии дуру наздик барои таҳсил ба муассисаҳои олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёд гашта бошад ҳам, вале қабули шаҳрвандони хориҷӣ ба онҳо дар соли таҳсили 2022-2023 нисбат ба соли таҳсили 2021-2022 камтар ба назар мерасад. Тибқи маълумотҳои оморӣ, дар соли таҳсили 2021-2022 дар маҷмӯъ 4803 нафар шаҳрвандони хориҷӣ дар 27 муассисаи таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таҳсил фаро гирифта шуданд. Дар соли таҳсили 2022-2023 бошад, бо сабабҳои гуногун ҳамагӣ 2314 нафар барои таҳсил дар 23 муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дохил шудаанд, ки нисбат ба солҳои гузашта 2489 нафар кам мебошад. Муайян гардид, ки айни замон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ 6589 нафар шаҳрвандони хориҷӣ аз 14 давлати дунё таҳсил мекунанд.

***Диаграмаи 5. Табодули донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи созишномаҳои ҳамкорӣ дар соли 2018-2023***




Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар ҷалби донишҷӯёни хориҷӣ ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ (8350 нафар) дар ҷойи аввал аст. Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров (8076 нафар) ва Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (2737 нафар) низ дар қабули донишҷӯёни хориҷӣ пешсафанд. Аммо Донишгоҳи технологии Тоҷикистон (143 нафар) ва Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (86 нафар) ба ин масъала камтар таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд.

Дар робита ба ин, роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро зарур аст, ки ҷиҳати ҷалби бештари довталабони хориҷӣ ба муассисаҳои олии касбии ҷумҳурӣ корҳои тарғиботию ташвиқотиро дар доираи қонуну қоидаҳои амалкунанда ҷоннок намоянд.

Дар ҷадвали зерин маълумот оид ба қабули донишҷӯёни хориҷӣ ба донишгоҳҳо дар солҳои 2018-2023нишон дода мешавад:

***Ҷадвали 7. Қабули донишҷӯёни шаҳрвандони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳури дар соли 2028-2023***

| **Номи донишгоҳ** | | **Қабули донишҷӯёни хориҷӣ** | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **№** | | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | **2023** | **ҳамагӣ** |
| 1 | Донишгоҳи миллии Тоҷикистон | 60 | 60 | 40 | 40 | 67 | 36 | **303** |
| 2 | Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ | 92 | 375 | 355 | 55 | 198 | 55 | **1130** |
| 3 | Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуали ибни Сино | 250 | 250 | 253 | 279 | 210 | 361 | **1603** |
| 4 | Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон | 242 | 291 | 213 | 168 | 107 | 89 | **1110** |
| 5 | Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур | 46 | 232 | 127 | 88 | 43 | 22 | **558** |
| 6 | Донишгоҳи технологии Тоҷикистон | 20 | 32 | 54 | 17 | 8 | 12 | **143** |
| 7 | Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон | 180 | 412 | 434 | 117 | 50 | 72 | **1265** |
| 8 | Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода | 16 | 60 | 31 | 35 | 15 | 23 | **180** |
| 9 | Донишгоҳи давлатии | 12 | 11 | 7 | 19 | 71 | 36 | **156** |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | тиҷорати Тоҷикистон | | | | | | | |
| 10 | Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ | 979 | 2787 | 3175 | 832 | 439 | 138 | **8350** |
| 11 | Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон | 50 | 40 | 58 | 62 | 29 | 36 | **275** |
| 12 | Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев | - | - | - | - | - | - | **-** |
| 13 | Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон | 22 | 67 | 255 | 781 | 1350 | 262 | **2737** |
| 14 | Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров | 147 | 1228 | 4159 | 1662 | 518 | 362 | **8076** |
| 15 | Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ | 13 | 15 | 15 | 15 | 15 | 13 | **86** |
| 16 | Донишкадаи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода | 250 | 250 | 500 | 500 | 515 | 46 | **2061** |

***Диаграммаи 6. Қабули донишҷӯёни шаҳрвандони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳури дар соли 2028-2023***



Яке аз вазифаҳои муҳимтарини низоми маорифи ҷумҳурӣ дар даврони истиқлолият ин дастгирии шаклҳои нави ҳамгироии илму маориф, таҳияи равишҳои муштарак ба эҷоди стандартҳои таълим дар асоси дастовардҳои навтарини илми ҷаҳонӣ, инчунин таҳияву баррасии якҷояи китобҳои дарсӣ ва барномаҳо, тайёр кардани дастурҳои якҷояи илмӣ оид ба мазмун ва мундариҷаи ҷараёни таълим мебошад.

Бо вуҷуди дастовардҳои зиёд дар ин самт, проблемаҳои ҳамгироии маориф ва илм дар педагогика ҳанӯз зиёд аст. Мо нағз медонем, ки муаллимони мактабҳои олӣ, чун қоида, дар баробари фаъолияти илмӣ-таълимӣ ҳамеша бо корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, илмӣ-методӣ низ машғуланд. Дар таркиби донишгоҳу донишкадаҳои олӣ (махсусан дар назди мактабҳои олӣ) институтҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва лабораторияҳои илмӣ мавҷуданд, ки ба татбиқи амалии идеяҳои илмии кормандони ин муассисаҳо нигаронида шудаанд. Ҳамин тавр, хати интиқоли донишу таҷриба «аз таълим ба илм» дар донишгоҳҳо муддати тӯлонӣ ва боэътимод амал мекунад, кормандони донишгоҳҳо ва пажӯҳишгоҳҳо ва лабораторияҳои илмӣ, чун қоида, дорои маълумоти олӣ, дараҷа ва унвонҳои илмӣ буда, натиҷаҳои фаъолияти педагогии онҳо ба болоравии сифати таҳсилоти олии касбӣ мусоидат менамояд.

Мутаассифона, расонидани ёрӣ дар татбиқи барномаҳои таҳсилотии мактаббачагон ва донишҷӯёни болаёқат ҳанӯз ҳам сусттар ба назар мерасад ва он мушкилиҳои худро дорад. Маҳз дар институтҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, лабораторияҳои илмӣ ташкил кардани «ячейкаҳо»-и таълимӣ ва бо ёрии онҳо ба кадрҳои педагогӣ ва донишҷӯён додани маълумот дар бораи комёбиҳои илми ҳозиразамон хеле кам ё хеле маҳдуд ба роҳ монда шудааст. Ҳарчанд бисёр олимони шинохтаи ҷумҳурӣ бо донишгоҳҳои олӣ фаъолона ҳамкорӣ мекунанд, мунтазам ба донишҷӯён аз рӯи ихтисосашон мувофиқи фанҳои таълимӣ лексияҳо мехонанд, аммо ин ҳама кифоя нест. Зеро лексияҳо бояд бо кори мураттаби амалии донишҷӯён дар лабораторияҳои илмии институтҳои илмӣ-таҳқиқотӣ аз рӯи ихтисоси интихобкарда пайваст карда шаванд. Аз

тарафи дигар, имрӯз бояд тамоми низоми маориф, муассисаҳои таҳсилотӣ дар робитаи байниҳамдигарӣ ба масъалаи тайёр намудани ҷавонон ба азхудкунии илму дониш, касбу ҳунар дартаҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, ба таҳқиқу баррасии илмии он машғул гарданд.

Ҳамин тариқ, таҷрибаи кишварҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафтаи ҷаҳон нишон медиҳад, ки шарти зарурии рушди бомуваффақияти маориф ва илм, аз ҷумла таъмини ҳамгироии онҳо ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи раванди илмӣ-таълимӣ, мавҷудияти муколамаи судманд дар байни мақомотҳои давлатӣ, сохторҳои илму маориф ва ҷомеа мебошад. Ба сабабҳои маълум, масалан, ба сабаби рақобат барои захираҳои молиявӣ, ин муколама на ҳамеша бомуваффақият мегузарад. Аммо дар фаъолияти дарозмуддат ҳукуматҳо ва ҷомеаҳои илмӣ-таълимии аксар кишварҳои пешрафта дар таъмини ҳамкориҳои мақомотҳои давлатӣ, сохторҳои илму маориф ва ҷомеа ҳамчун иттифоқчиёни табиӣ баромад мекунанд. Муносибати байни онҳо мунтазам вусъат меёбад, ки ин на танҳо ба пешравии соҳаи илму маориф ёрӣ мерасонад, балки барои такмили идораи рушди иҷтимоию иқтисодӣ низ имкон медиҳад.

## Хулосаи боби 1.

Яке аз масъалаҳои муҳим дар фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ баланд бардоштани сифати таҳсилот, сатҳи донишазхудкунии донишҷӯён ва дар ин замина омода намудани мутахассисони касбии дар бозори меҳнат рақобатпазир ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, мутобиқ намудани сатҳу сифати таълим ба меъёрҳои байналмилалӣ ва ба талаби замон ҷавобгӯ намудан масъулияти бештарро тақозо мекунад. Гузашта аз ин, бо мақсади мутобиқ намудани фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба талаботи замони муосир ва ба танзим даровардани фаъолияти онҳо лоиҳаи 4 санади меъёрии зерин бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шуданд: Стандарти давлатии

таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мақоми байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Тартиби гузаронидани имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Таснифоти давлатии равия ва ихтисосҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар навбати худ, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ нақшаҳои таълимии ихтисосҳои марбутаи низоми кредитии таҳсилотро вобаста ба талаботи имрӯзаи бозори меҳнат ва ҷаҳони муосир пайваста таҷдиди назар, таҳия ва тасдиқ менамояд.

Бояд тазаккур дод, ки санадҳои мазкур мазмуни таҳсилоти олии касбӣ, моҳияту муҳлати таълим ва усулҳои ташхиси сифати таҳсилоти олиро бо назардошти дастовардҳои умумибашарӣ муайян мекунад. Дар асоси стандарти давлатӣ зиёда аз 1350 барномаи таҳсилотӣ ва нақшаҳои таълимии ихтисосҳои бакалавриатураи зинаи таҳсилоти олии касбӣ таҳия, тасдиқ ва дастраси муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ гардонда шуд.

Мақсад аз гузариши муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ ба низоми кредитии таҳсилот ва ташаккули муносибати босалоҳият дар таълим, пеш аз ҳама, дар сатҳи байналмилалӣ эътироф гардидани барномаҳои таҳсилоти миллӣ, ҳамчунин, ҷиҳати баланд бардоштани сифати таҳсилот ва таъмини алоқамандӣ ва пайдарҳамии тамоми зинаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти баъд аз муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ифода мегардад.

Қабули даҳҳо ҳуҷҷати муҳими давлатӣ дар ин самт, аз ҷумла, низомномаҳои бакалавриат, мутахассис ва магистратура, Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи намунавии ташкили раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити низоми кредитии таҳсилот ва ташаккули муносибати босалоҳият дар таълим, ва ғайра аз санадҳое мебошанд, ки

мазмуну мундариҷаи онҳо аз амалӣ кардани ислоҳоти соҳаи таҳсилоти касбӣ ва омода кардани мутахассисони варзида иборат мебошад.

Тавре маълум аст, гузариш ба таҳсилоти ҷаҳонӣ яке аз иқдомҳои арзандаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад ва дар ин самт қадамҳои устувор гузошта шуда, корҳои муфид анҷом пазируфтааст, ки гузариш ба низоми кредитии таҳсилот ва ташаккули муносибати босалоҳият дар таълим аз муҳимтаринҳо мебошад. Инчунин, дар ин самт қонун ва санаду ҳуҷҷатҳои зиёде қабул гардид, ки муҳим будани ин низомро дар рушди зинаи таҳсилоти олии касбӣ бозгӯ мекунад.

Бояд гуфт, ки таваҷҷуҳи муассисаҳои таҳсилоти олии хориҷи кишвар низ барои таъсис додани филиалҳо дар Тоҷикистон ба таври назаррас бештар гардид, ки аз як тараф, аз пешрафти зинаи таҳсилоти олии касбӣ шаҳодат диҳад, аз ҷониби дигар, ба таъмини мутахассисони ҳирфаии ҷавобгӯ ба бозори дохилӣ ва хориҷи кишвар мусоидат мекунад. Дар замони Истиқлолияти давлатӣ филиалҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии хориҷи кишвар, муассисаҳои таҳсилоти олии касбии муштарак ва филиалҳои муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ таъсис дода шуд (аз ҷумла, 4 филиали муассисаҳои таълимии Федератсияи Россия, 1 филиали Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур, 1 муассисаи таҳсилоти олии касбии муштарак ва 3 филиали муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ).

Шоистаи таъкид аст, ки дар замони соҳибистиқлолӣ мақом ва мартабаи мактабҳои олии кишвар дар арсаи ҷаҳонӣ зина ба зина баланд мегардад ва таваҷҷуҳи довталабони хориҷӣ ба онҳо зиёд мешавад. Имрӯз теъдоди зиёди шаҳрвандони хориҷӣ дар мактабҳои олии кишвар ба таҳсил фаро гирифта шудаанд ва теъдоди довталабон сол то сол зиёд мегардад. Инчунин, гузаштан аз аккредитатсияи байналмилалӣ аз пешравиҳои чашмраси ин зинаи таҳсилот ба ҳисоб меравад, ки ба баланд гардидани сатҳу сифати таълим такони ҷиддӣ мебахшад.

# БОБИ 2. ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИННОВАТСИОНИИ ПЕДАГОГӢ ҶИҲАТИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТМАНДИИ КОММУНИКАТИВИИ ДОНИШҶӮЁНИ ИХТИСОСҲОИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ ДАР ҲАМКОРИҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

## 2.1. Истифодаи технологияҳои муосири таълим дар ташаккули ҳамкориҳои байналмилалӣ

Масъалаи технологияҳои муосири таълим ба қатори яке аз баҳсноктарин проблемаҳо дар методикаи муосири таълими забони хориҷӣ таалluқ дорад. Дар адабиёти псилогогӣ-педагогӣ нуқтаи назарҳои мухталиф ба фаҳмиши технологияҳои муосири таълим марбут ба раванди таълиму тарбия баррасӣ мегарданд. Мувофиқи таҳқиқотҳои муосир, технологияҳои инноватсионии педагогиро метавон дар се ҷанба муаррифӣ кард: илмӣ, тартиботӣ-тавсифӣ ва тартиботӣ-таъсирӣ. Таснифоте, ки Г. В. Селевко пешкаш намудааст, дар рафти таълими таҷрибавӣ технологияҳои инноватсионии педагогӣ бо истифодаи шаклҳо ва методҳои фаъолонаи таълим интихоб ва тафтиш карда шуданд, ки ба онҳо мутааллиқанд: методи ҳалли вазифаҳои ҳолатӣ (кейс-метод), методи бозигӣ, методи таълими байнифарҳангӣ, методи семинарии телекоммуникатсионӣ ва ғайра [140;265].

Доир ба коркарди назария ва амалияи технологияи инноватсионии педагогӣ В. П. Беспалко саҳми назаррас дорад. Асарҳои ӯ оид ба назарияи низомҳои педагогӣ ва маҳз технологияҳои инноватсионии педагогӣ мавриди таъкид мебошанд. Дар даҳсолаҳои ахир як зумра матлаби муаллифони гуногун оид ба технологияи инноватсионии педагогӣ ба табъ расидаанд (Т. В. Гускова, Е. И. Дмитриева, Е. С. Полат, Н. Е. Шуркова, И. С. Якиманская ва дигарон). Технологияи инноватсионии педагогӣ ҳамчун фанни таълимӣ имрӯз дар аксар муассисаҳои таҳсилоти олӣ касбии педагогӣ мавриди омӯзиш қарор дорад.

Мафҳуми «технологияи пеагогӣ» муайян карда шудааст. Табиист, ки тафсири ин мафҳум аз муаллифон ба таври гуногун тавзуҳ дода шудаанд, аз ҷумла яке аз онҳо ба ЮНЕСКО, дигаре ба Комиссия оид ба технологияҳои таълими дар ИМА тааллуқ доранд. Ба андешаи мо, технологияи педагогӣ низоми донишҳо, маҷмӯи методҳо, усулҳо ва амалиёти муттасили зарурии субъект ҷиҳати таъсир ба объект мебошад, ки аз он раванди таълиму тарбияи кафолатдиҳандаи бадастоварии мақсади ташхисӣ ба вуҷуд меояд. Яъне дар васф кардани мазкури корӣ чунин аломатҳои муҳимтарини технологияи педагогӣ инъикос ёфтаанд :

1 - ташхисӣ (ё низоми мақсадҳо);

2 -паёпайии қатъии амалиёти педагогӣ (усулҳо, методҳо, амалҳои таълимӣ-тарбиявӣ);

3 - кафолати бадастоварии он;

4 - идорашавандагии раванди таълиму тарбия [172;67].

Ҳамзамон, як қатор технологияҳои инноватсонии педагогиро ояндадор ҳисобидан мумкин аст: алгоритмӣ, проблемавӣ, моделӣ, амсилавӣ, «тандем-метод», «ҷузвдони забонӣ», технологияҳои компютерӣ ва ғайра. Дар байни омӯзгорони таҷрибадор технологияҳои инфиродии педагогии педагогҳои муосири нававар дастгирӣ ёфтаанд. Чунончӣ А. Маслоу [91;123] зикр менамояд, ангезаи фаъолияти инноватсионӣ вижагии муайянеро доро мебошад, ки аз он иборат аст: дар сохтори он нақши пешбарандаро хоҳиши ёфтани сабабҳои ноқаноатмандӣ аз натиҷаҳои заҳмати худ ва таълими муҳассилин бозӣ мекунад. Маҳз натиҷаи ғайриқаноатбахш барои инноватсияҳо такон медиҳад, ҷустуҷӯро фаъол мегардонад, ба падидаи нав мароқ бедор мекунонад.

Ба андешаи мо, яке аз аломатҳои махсуси технологияҳои муосири педагогӣ, ки онро аз методҳои замонавӣ ва дигар методҳо тафовут медиҳанд, *мақсадҳои ташхисӣ* ва *натиҷаҳои раванди таълиму тарбия* мебошанд. Ғайр аз ин, боз чунин аломатҳо вуҷуд доранд: *пешгӯишавандагии натиҷаҳои кор, давомнокии дақиқи амалиёт*. Пайдарҳамӣ метавонад силсилавӣ, яъне тибқи

давра такроршаванда бошад. Аломати дигар, ки *кафолати бадастоварии натиҷаҳои дараҷаи додашуда* (ё сифат) аст, таҷдидшавии ин натиҷаҳо мебошад. Хусусиятҳои номбаршуда аломати муҳимтарини ҳамгироишаванда - идорашавандагии раванди таълиму тарбия ҳастанд.

Яке аз технологияҳои муосири таълим, ки мо бо омӯзгорони ояндаи забони англисӣ дар машғулиятҳои забони англисӣ ҷиҳати ташаккули муоширати ғайрзабонӣ истифода намудем, технологияи интерактивӣ мебошад. Дар раванди таълим технологияи интерактивӣ таъминоти барномавиест, ки дар реҷаи гуфтугӯ бо истифодабаранда кор мекунад ва барои идоракунии раванди таълим мусоидат менамояд. Технологияҳои интерактивӣ кори муаллимонро эҷодӣ ва шавқовар мекунанд, самарабахшии таълими донишҷӯёнро меафзоянд, шавқу рағбат ва маҳсулнокии меҳнатии онхоро баланд мебардоранд [178;33].

Вобаста ба омӯзиш ва истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии хеш дар Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода қайд кардаанд: “ муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро зарур аст, ки дар ҷараёни таълим истифодаи технологияи иттилоотиву коммуникатсиониро васеъ ба роҳ монанд, таҷрибаи байналмилалиро омӯзанд ва нақшаву барномаҳои таълимиро ба талаботи меъёрҳои ҷаҳонии таҳсилот ва бозори дохиливу хориҷии меҳнат мутобиқ гардонанд” [124].

Дар робита ба ин даъвати Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мо таваҷҷуҳи мутахассисони ояндаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогиро ба зарурати азхудкунии ЗХ ва технологияҳои муосири таълим дар чунон дараҷае менигаронем, ки тавассути истифодаи технологияҳои инноватсионӣ забон худӣ, яъне модарии донишомӯзон дастрас, фаҳмо мешавад ва дар муколама бо ҳампешагони хориҷӣ ҳам оид ба мавзӯъҳои байнифарҳангӣ ва ҳам оид ба ихтисос мушкилот ошкор нахоҳанд гашт.

Дар факултети забони англисӣ ва забонҳои Шарқ ва факултети забонҳои романӣ-германии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, инчунин дар факултетҳои забони англисӣ ва забонҳои романӣ-германии ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода доир ба такмил додани омодагии забонии донишҷӯён ва маҳоратҳои технологияи компютерӣ бисёр корҳо ба анҷом расонда шудаанд. Дар ду донишгоҳи номбурда зиёда аз 20 маркази махсусонидашуда (маҷмӯи синфҳо) барои омӯзиши забони англисӣ, олмонӣ ва фаронсавӣ ташкил карда шудааст. Ҳар марказ бо воситаҳои техникӣ ва адабиёти таълимӣ-методӣ, аз ҷумла маводи чопии хориҷӣ (аз ИМА ва Британияи Кабир, Ҷумҳуриҳои Олмон ва Фаронса) муҷаҳҳаз гардонида шудааст, ки ин имкон медиҳад забонҳои хориҷӣ ба дараҷаи мутобиқи сертификатҳои байналмилалӣ омӯхта шаванд.

Инчунин, яке аз технологияҳои инноватсионӣ ҳоло методи лоиҳаҳо амал мекунад. Ба методи лоиҳаҳо И. Л. Бим, В. И. Горовая, И. А. Зимняя, Н. Н. Оголтсова, Е. С. Полат ва дигарон таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намудаанд. Тибқи қавоиди олимони номбаршуда, фаъолияти лоиҳавӣ ҳамчун қисмати муҳими низоми таҳсилоти маҳсулнок амал мекунад ва тарзи ғайристандартӣ, ғайрианъанавии ташкили равандҳои таҳсилот ба василаи тарзҳои фаъоли амалиёт, мисли нақшакашӣ, таҳлил, синтез мебошад, ки онҳо ба татбиқ гардонидани равияи тамоюли шахсиятӣ равона карда шудаанд.

Равандҳои ҳамгирой дар ҷомеаи муосир қариб ба тамоми соҳаҳои ҳаёти инсон ва пеш аз ҳама, низомҳои миллии таҳсилоти олӣ, ки дар якҷоягӣ шарти асосии ташаккули фазои ягонаи ҷаҳонии таҳсилот мебошанд, дар ҳамоҳангсозии стандартҳои таҳсилот, барномаҳои таълимӣ дар кишварҳои гуногун ифода ёфтаанд. Ҳамзамон, фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ, ки кушода аст, афзоиши ҳамкориҳо дар соҳаи таҳсилоти олиро дар назар дорад, ки тавассути ҳаракати академӣ ҳам омӯзгорон ва ҳам донишҷӯёни донишгоҳҳои ҷаҳон амалӣ мегардад.

Иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаккули фазои ягонаи ҷаҳонии таҳсилот дар назди роҳбарияти кишвар вазифа гузоштааст, ки ҳамкориҳоро

дар соҳаи таҳсилоти олӣ ва баъдидипломӣ диверсификатсия намоянд. Ин равандҳо, дар навбати худ, ба зинаи нав гузаштани низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар назар доранд, ки дар он дастовардҳои илми педагогика ва амалияи давлатҳои пешрафта ба назар гирифта шудааст. Дар солҳои истиқлолият дар соҳаи таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам аз ҷиҳати миқдорӣ (13 донишгоҳ дар соли 1992, 39 донишгоҳ дар соли 2020) ва ҳам аз ҷиҳати сифатӣ (аз 9 донишгоҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 14 донишгоҳ, 16 донишкада, як консерватория, 4 донишкадаи ҳарбӣ) пешравиҳо арзишманд ба назар мерасанд.

Бояд қайд кард, ки имзои Эъломияи Болония дар соли 2004 имкон дод, ки раванди ҳамгироии низоми таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фазои таҳсилоти аврупоӣ оғоз шавад, ки он яке аз афзалиятҳои стратегии рушди соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муддати тӯлонӣ гардидааст.

Маориф, илм, техника ва технологияҳои ҳозира, ҳамгироии ҳадафнокии онҳо омилҳои муҳимтарини рушди маорифи ҷумҳури ва шарти таъмини рушди устувор ва амнияти миллии он мебошанд.

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ дуруст қайд намуданд, ки мо метавонем дар лоиҳаҳои бузурги таҳқиқотии байналмилалӣ фаъолона иштирок кунем. Ин ба мо имкон медиҳад, ки кӯшишҳои олимони худро бо ҷомеаи таҳқиқотии хориҷӣ дар самтҳои инноватсионии стратегӣ муттаҳид созем. Мақсади мо қисми инқилоби технологии ҷаҳонӣ шудан аст. Сифати таҳсилоти олӣ бояд ба талаботи олии байналмилалӣ ҷавобгӯ бошад, ки бо ин барои рушди низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон уфуқҳои нав муқаррар менамояд [42;146]. Таҳсил дар Тоҷикистон, ба гуфтаи сарвари давлат, бояд босифат ва рақобатпазир бошад, ки ба хатмкунандагони мактабҳои олӣ имкон диҳад то таҳсили баъдидипломиро дар донишгоҳҳои хориҷӣ идома диҳанд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон самти стратегии рушди таҳсилоти олӣ ва баланд бардоштани сифати он – расидан ба стандартҳои баланди

таҳсилоти аврупоиро аниқ кардааст, ки омили асосии он ҳамкории байналмилалӣ мебошад.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» муқаррар шудааст, ки тартиби ҳамкории байналмилалии ташкилотҳои маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби мақоми ваколатдор дар соҳаи маориф, аз ҷумла Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад [130;198].

Айни ҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як донишгоҳи байнидавлатӣ – Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Россия, ҳамчунин филиалҳои се донишгоҳи пешбари Россия: филиали Донишгоҳи давлатии Москва, филиали МИСиС, филиали Донишгоҳи энергетикии Москва фаъолият мекунанд. Илова бар ин, дар доираи барномаҳои ТЕМПУС ва ТАСИС-и Иттиҳоди Аврупо донишгоҳҳои кишварҳои Аврупо ва донишгоҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкории самаранок доранд [142;139-146].

Ҳамкории судманд дар соҳаи маориф бо ЮНЕСКО низ идома дорад, ки дар он барномаҳои амалишаванда як навъ “роҳи кушод” ба фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ мебошанд. Ҳамзамон, олимони кишвари мо имкон пайдо карданд, ки аз хазинаҳои маълумотҳои ҷаҳонӣ истифода баранд, дар нишасту конфронсҳои байналмилалӣ, ки дар кишварҳои мухталифи ҷаҳон оид ба масъалаҳои илм, маориф, фарҳанг ва коммуникатсия баргузор мешаванд, ширкат варзида, бо намояндагони дигар давлатҳо дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт таҷриба мубодила намоянд [85;166 – 177].

Илова бар ин, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо як қатор созмонҳои байналмилалӣ ҳамкории зич дорад, ба монанди Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид (UNDP), Созмони Байналмилалии Муҳоҷират, Бунёди Оғохон, Ҷамъияти Олмон оид ба ҳамкории байналмилалӣ, Бонки Ҷаҳонӣ, Сандуқи Кувайт, Бонки Осиёии Рушд, USAID, Бонки Рушди Саудӣ, ЮНИСЕФ мебошанд, дафтари САҲА дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сафоратхонаҳои давлатҳои хориҷие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аккредитатсия шудаанд. Дар ин ҷо мехоҳем таъкид кунем, ки

лоиҳаҳои ТЕМПУС ва Эразмус-Мундус дар ислоҳоти таҳсилоти олӣ дар кишвар саҳми бузург доранд.

Дар доираи ҳаракати академӣ ва ҳамкориҳои байналмилалӣ шумораи донишҷӯёне, ки барои таҳсил ба донишгоҳҳо ва муассисаҳои илмии хориҷӣ фиристода мешаванд, сол то сол меафзояд ва ин ба тамоми зинаҳои таҳсилот – бакалавр, мутахассис, магистр, аспирант, докторант ва таҷрибаомӯз дахл дорад.

Ғайр аз ин, бо мақсади баланд бардоштани ҳавасмандӣ ба ҳамкориҳои байналмилалӣ ва ҳаракати академӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2009 Стипендияи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дурахшандагон» барои омодасозии кадрҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии хориҷӣ таъсис дода шуд.

Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки ҳамкориҳои байналмилалӣ василаи муҳими баланд бардоштани сифати таълим мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ буда, ҷузъи ҷудонашавандаи фаъолияти донишгоҳҳои пешбари Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ислоҳоти таҳсилоти олӣ ба шумор меравад.

Дар баробари ин, бояд қайд кунем, ки дар аксари кишварҳои ҷаҳон масъалаи баланд бардоштани сифати таълим дар раванди ислоҳоти низоми миллии маориф дар madди аввал гузошта шудааст. Дар марҳилаи ҳозираи тараққиёти ҷамъият ислоҳоти маориф бе баланд бардоштани сифати он ғайриимкон аст, зеро ин равандҳо бо ҳам алоқаманд ва ба ҳам вобастаанд.

Масъалаи таъмини сифати таҳсилот яке аз самтҳои муҳимтарини ислоҳоти соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, бахусус дар соҳаи таҳсилоти олии касбии кишвар, ки асоси таҳсилоти касбӣ ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, зарур аст, ки ба таҳсилоти олии касбӣ пайваста ва мунтазам тағйиротҳо ворид карда шавад, ки омили пешрафти он бояд идоракунӣ бошад, дар маҷмӯъ он сифати таҳсилотро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баланд мебардорад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо дарназардошти зарурияти баланд бардоштани сифати таълим, дар баромадҳои худ ба аҳамият ва ба мақсад мувофиқ будани гузаронидани ислоҳоти куллии соҳаи маорифро борҳо таъкид намудаанд. Пешвои муаззами миллат дар суханрониҳои худ мунтазам қайд кардаанд, ки пешратф ва ташкилдиҳии фаъолияти соҳаи маориф ба беҳтар намудани сифати омодасозии кадрҳои муосири рақобатпазир бо мақсади таъмини воридшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба бозори ҷаҳонии хизматрасонии таълимӣ равона карда шавад [126].

Дар асоси ин вазифаҳо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаҳоеро амалӣ гардонда истодааст, ки ба ислоҳоти минбаъдаи низоми таҳсилоти олӣ касбӣ ва таҳсилоти баъд аз муассисаи олии таълимӣ мусоидат мекунанд. Ҳадафи ин барномаҳо таъмини сифати таҳсилоти ҷавобгӯ ба стандартҳои ҷаҳонӣ ва эътирофи байналмилалии тахассус ва дипломҳои дар донишгоҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифташудаи мутахассисон мебошад.

Бояд қайд кард, ки ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи таҳсилоти олӣ барои пешбурди маорифи тоҷик дар арсаи байналмилалӣ имкониятҳои нав фароҳам оварда, ба донишгоҳҳои Тоҷикистон имкони ворид шудан ба фазои байналмилалии таҳсилотро фароҳам меоранд. Ин ба кишварҳои хориҷӣ имкон медиҳад, ки якҷоя дар соҳаи маориф ва таъмини сифати зиндагии арзишманди аъзои ҷомеа ба натиҷаҳои судманд ноил гарданд.

Дар баробари ин, метавон гуфт, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз намунаҳои гуногунии этнофарҳангӣ дар фазои пасошӯравӣ мебошад, ки дар он соҳаи маориф хусусиятҳои миллӣ ва забонии донишомӯзонро ба инобат гирифта, бо нигоҳдории самти навоварона кӯшиш менамояд.

Баёни мухтасари таърихи рушди маориф ва илм дар даврони Истиқлолияти давлатӣ шаҳодат аз он медиҳад, ки мардуми тоҷик дар даврони навин ҳам анъанаҳои қадимаи ниёгонро ҳамчун халқи соҳиби китобу девон, илму маърифат ва олиму омӯзгор будан идома додаанд ва ҷиҳати рушду равнақи ҳамаҷонибаи таълиму тарбияи шаҳрвандони ватандӯсту

инсонпарвар, соҳибилму соҳибмаърифат таваҷҷуҳи хоса зоҳир кардаанд. Бо шарофати Истиқлолияти давлатӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Сарвари он – Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соҳаи маориф ҳамчун соҳаи афзалиятнок ва калидӣ эълон гардида, дар натиҷаи чунин ғамхориҳо сол аз сол сохтмони муассисаҳои таълимӣ дар сар то сари ҷумҳурӣ зиёд гардид, сифати таълим ҳам рӯ ба беҳбудӣ овард, илму маърифат боло рафта истодааст.

Дар соҳаи маориф кишвари мо дар давраи Истиқлолияти давлатӣ бурду бохти зиёдро паси сар кард ва аз тарафи роҳбарияти давлат, ки соҳаи маорифро дар сиёсати кишвар аввалмақом эътироф намуд, ба мактабу омӯзгор ва таҳсили насли наврас таваҷҷуҳи зиёд зоҳир карда, барои пешрафти соҳа шароитҳои зарурӣ фароҳам оварда мешавад. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ваколатдор дар соҳаи маориф ва илм минбаъд низ кӯшиш мекунад, ки тамоми дастуру супоришоти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, алалхусус Сарвари он – Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро саривақт ва бо сифати баланд ба иҷро расонад. Албатта, новобаста аз корҳою фаъолияти ба сомонрасонида ҳоло ҳам камбудию мушкилот дар соҳаи маориф ва илми ҷумҳурӣ ба назар мерасад. Новобаста ба он, ки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон боварӣ дорад, ки проблемаҳои ҷойдошта тадриҷан ҳал гардида истодаанд, қариб 200 ислоҳоти соҳаи маориф ва илм дар солҳои минбаъда дар ҳамаи самтҳо давра ба давра амалӣ хоҳад шуд.

Афзалиятнок, калидӣ ва омили амнияти миллӣ номбар шудани маориф аз нигоҳи Роҳбари давлат дар замони имрӯза омӯзгорону кормандони муасиссаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбиро водор менамояд, ки дар иҷрои вазифаҳои худ боз ҳам масъулияти бештар эҳсос намоянд. Чунин баҳогузорӣ далели он аст, ки маориф ва илм ҳақиқатан дар ташаккули ҳаёти ҷомеа ва истиқлолияти кишвар нақши муҳим мебозад. Даврони истиқлолияти давлатӣ

исбот намуд, ки маориф ва илм неруи азим аст. Истифодаи ин неруи беназир дар корҳои созандагӣ метавонад на танҳо ба рушди соҳа мусоидат намояд, балки дар шукуфоии имрӯзу фардои ҳар диёр ва мафкураи ҳар як сокини он низ, ки мароми муҳимтарини сиёсати Пешвои миллати мост, саҳми бепоёни бузурге гузорад [130;198 -199].

Вазъи баамаломада ва масъалаҳои мавҷуда дар соҳаи илм зарурати таҳия ва қабули маҷмӯи чораҳоро доир ба дастгирии давлатӣ ва рушди илм тақозо мекунад, ки амалисозии онҳо бояд таъсири нерӯи илмиро ба рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат, рушди маориф ва фарҳанг ба қадри назаррас тақвият дода, барои комёб гардидан ба мақсадҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2015 мусоидат намояд.

Мақсади заминавии Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2011-2015 яке аз афзалиятҳои миллӣ эътироф кардани илм мебошад, ки бе такя ба он муваффақ шудан ба сатҳи баланди нерӯи ақлонии ҷамъият тасаввурнопазир аст, пешрафти мамлакати мо имкон надорад ва беҳтар кардани сифати зиндагонии аҳолӣ душвор аст [149;36].

Аз ин рӯ, роҳи инноватсионии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба тамоюлҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯ мебошад, омода намудани насли нави муҳаққиқон ва мутахассисони соҳибкасбро тақозо менамояд, ки барои пешбурди фаъолияти инноватсионӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ омодаанд. Вобаста ба ин, имрӯз зарур аст, ки барномаи мақсадноки «Ҳамгироии илм ва таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (минбаъд - Барнома) таҳия ва қабул карда шавад, ки он рушди низоми инноватсионию таҳқиқотии омодасозии кадрҳоро ҳамчун пешқадамтарин ва рақобатноктарин кадрҳо дар шароити иқтисоди бозор дар назар дорад.

Барнома бояд маҷмуи тадбирҳои таҳқиқоти илмӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилиро, ки аз ҷиҳати захираҳо ва мӯҳлатҳои татбиқи онҳо мутобиқ карда мешаванд, пешбинӣ намояд.

*Ҳадафҳои Барнома бояд аз инҳо иборат бошад:*

– рушди неруи илмию техникӣ ва кадрии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мутобиқ намудани он ба иқтисоди бозорӣ;

– ташаккули тафаккури нав дар ҷомеаи постиндустриалӣ.

Механизми расидан ба ҳадафҳо: ҳамгироии захираҳои зеҳнӣ ва моддию техникӣ дар соҳаи илм, таҳсилоти олӣ ва истеҳсолот.

Барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо ҳалли вазифаҳои зерин ба нақша гирифта шудааст:

1.Таъмини иштироки муштараки кормандони ташкилотҳои илмӣ, муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва сохторҳои инноватсионии онҳо, ки дар омодасозии кадрҳои баландихтисос, гузаронидани таҳқиқоти илмӣ, таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои илмию техникӣ ва инноватсионӣ ҳиссагузор ҳастанд.

2.Диққати мутахассисони болаёқат дар соҳаи илм, таҳсилоти олии касбӣ ва фаъолияти инноватсионӣ, фароҳам овардани шароит барои баланд бардоштани нуфузи фаъолияти илмӣ ва илмию педагогӣ.

3.Татбиқи технологияҳои иттилоотӣ дар равандҳои илмӣ-таълимӣ дар асоси заминаи ягонаи иттилоотии соҳаи илм, таҳсилоти олӣ ва фаъолияти инноватсионӣ.

4.Ташкили базаи таҷрибавию методӣ барои истифодаи муштараки он аз ҷониби олимон, омӯзгорон, донишҷӯён, магистрҳо ва докторантҳои PhD, унвонҷуёни мактабҳои олӣ ва ташкилотҳои илмӣ, кормандони сохторҳои инноватсионӣ.

Дар марҳалаи аввал чорабиниҳои барномавӣ бояд асосан барои таъмини самтҳои афзалиятноки пешрафти илмию техникӣ аз ҷониби мутахассисони соҳибкасб, таъсис ва мутобиқсозии низоми ягона ва таъминоти барномавӣ, технологияҳои ҳисоббарор ва иттилоотӣ, ташкили шабакаҳои ҳисоббарорӣ омодасозии муштараку самаранок бо донишгоҳҳо ва ташкилотҳои илмӣ барои омодасозии кормандони илмӣ амалӣ карда шаванд.

Татбиқи чорабиниҳои барномавӣ оид ба гузаронидани таҳқиқоти муштараки бунёдӣ ва соҳавӣ, татбиқи лоиҳаҳои табодули илмию техникӣ ва

омодасозии кадрҳо дар байни ташкилотҳои илмӣ-таълимӣ, ҷалби ҷавонони болаёқат ба соҳаи илму маориф, таҷҳизонидани объектҳои ин соҳа бояд дар тамоми давраи татбиқи барнома таъмин карда шавад.

Барои таъмини фаъолияти сохторҳои муттаҳидшудаи соҳаи илм ва таҳсилоти олӣ дар марҳилаи ибтидоии татбиқи Барнома санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор таҳия ва ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шаванд, инчунин тартиби татбиқи Барнома муайян гардида, ташкил, мақом ва вазифаҳои ин сохторҳо мутобиқ гардонда шаванд.

Дар доираи чорабиниҳои барномавӣ бояд баланд бардоштани самаранокии истифода ва рушди иқтидори илмию техникии кишвар, қонеъ гардонидани талаботи кадрҳои иқтисодиёти муосир ва ташаккули тафаккури навро дар ҷомеаи постиндустриалӣ дар асоси ҳамгироии захираҳои зеҳнӣ ва моддию техникӣ дар соҳаи илм ва таҳсилоти олӣ ба назар гирифта шаванд. Мақсади чорабиниҳои барномавӣ истифодаи оқилонаи маблағҳои буҷетӣ барои рушди илм ва таҳсилоти олӣ мебошад, ки дар чор самтҳои зерин амалӣ карда мешаванд:

*1.Таъмини ҳамкориҳо дар байни ташкилотҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҳсилоти олӣ, рушди шаклҳои нави фаъолияти илмӣ-таълимӣ.*

Пеш аз ҳама, дар доираи таҳқиқотҳои муштараки бунёдие, ки аз ҷониби кормандони донишгоҳҳо, институтҳои илмӣ-таҳқиқотии академӣ ва истеҳсолӣ, лабараторияҳои илмӣ гузаронида мешаванд, татбиқи лоиҳаҳои мубодилаи илмию техникӣ ва кадрҳоро дар байни ташкилотҳои илмӣ ва таълимӣ ҷиҳати таҳияи маҳсулоти баланди технологӣ ва рақобатпазирро таъмин кардан зарур аст. Илова бар ин, мусоидат ба татбиқи лоиҳаҳои муштараки ташкилотҳои илмӣ-таълимӣ оид ба коркарди маҳсулоти технологияҳои баландарзише, ки дар ташаккули сохторҳои муштараки инноватсионӣ ба нақша гирифта шудааст, таъмин карда шавад.

Барои омодасозии донишҷӯён, магистрҳо, унвонҷуён ва докторантҳои мактабҳои олӣ аз рӯи самтҳои афзалиятноки илму техника аз иқтидори марказҳои пешрафтаи илмии кишвар истифода бурдан лозим аст.

Омодасозии кадрҳои илмӣ ва илмию педагогӣ бе иштироки мутахассисони ташкилотҳои илмии академӣ ва пешбари истеҳсолӣ дар таҳияи барномаҳои таълимӣ имконнопазир аст.

Сохторҳои илмӣ-таълимӣ, ки бо иштироки шарикони хориҷӣ ташкил карда мешаванд, бояд воситаи самарабахши мустаҳкам намудани мавқеи мамлакати мо дар ҳамкории ҷаҳонии илмию техникӣ гарданд.

*2.Ҷалби ҷавонони лаёқатманд ба соҳаи илм, таҳсилоти олӣ, инноватсия ва фароҳам овардани шароит барои баланд бардоштани нуфузи фаъолияти илмӣ ва илмӣ-педагогӣ.*

Барои азхудкунии дастовардҳои илми ҷаҳонӣ ва технологияҳои навтарин дастгирии таҳқиқотҳои илмие, ки аз ҷониби мутахассисони муассисаҳои таълимӣ дар марказҳои пешбари илмию технологӣ гузаронида мешаванд, зарур аст. Илова бар ин, дар чунин марказҳо таълиму таҷрибаомӯзии муҳаққиқон ва олимони ҷавон, фароҳам овардани шароит барои инкишофи эҷодии ҷавони боистеъдод тавассути дастгирии иштироки онҳо дар конференсияҳо, семинарҳо ва симпозиумҳои байналмилалӣ бояд таъмин карда шавад.

*3.Татбиқи технологияҳои иттилоотӣ дар равандҳои илмӣ-таълимӣ дар заминаи ягонаи иттилоотӣ*

Воситаҳои коркарди иттилоот ва шабакаҳои компютерӣ барои татбиқи комплексҳои муттаҳидаи илмӣ, таълимӣ ва инноватсионӣ дар саросари ҷумҳурӣ шароит фароҳам меоранд. Ин ташаббус махсусан дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тақсимоти нобаробари неруи илмию техникӣ ва таълимӣ ба назар мерасад, муҳим аст.

Истифодаи пойгоҳи ягонаи иттилоотӣ имкон медиҳад, ки на танҳо дар фаъолияти илмӣ, таълимӣ ва инноватсионӣ самараи назаррас ба даст оварда шавад, балки хароҷоти марбут ба он кам карда шавад. Аз ин рӯ, вазифаҳои асосии ин самт ташаккули заминаи ягонаи иттилоотӣ барои татбиқи шаклу усулҳои пешрафтаи пешбурди равандҳои илмӣ-таълимӣ, технологияҳои таҳқиқотӣ ва такмили ихтисоси мутахассисони соҳибкасб дар асоси низоми

ягона ва таъминоти барномавӣ барои мактабҳои олӣ, муассисаҳои таҳқиқотӣ ва сохторҳои инноватсионӣ ба шумор меравад.

Китобхонаҳои илмӣ яке аз унсурҳои асосии сохторҳои муттаҳидаи корҳои илмӣ-таълимӣ мебошанд, бинобар ин, барои ҷорӣ намудани технологияҳои муосири иттилоотӣ ба китобхонаҳои калон маблағ ҷудо кардан лозим аст.

Шарти муҳими рушди соҳаи илм ва таҳсилоти олӣ тайёр кардани монографияҳо, китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимию методӣ буда, дар ин раванд дастгирии омодасозии муаллифон дар соҳаҳои афзалиятноки илм ва техника, ки якҷоя аз тарафи кормандони мактабҳои олӣ, ташкилотҳои илмӣ ва инноватсионӣ ба амал баровварда мешавад, пешбинӣ шудааст.

*4. Беҳтар намудани таъминоти моддию техникии ҳамгироии илм ва таҳсилоти олӣ*

Ташкили базаи ягонаи ҳисоббарорӣ, асбобӣ ва таҷҳизотҳои технологӣ барои ҳалли проблемаҳои омодасозии кадрҳои баландихтисос зарур аст. Бинобар ин, муассисаҳои пешқадами илмӣ ва мактабҳои олии ҷумҳуриро бо техникаи ҳозиразамон таъмин кардан лозим аст.

Тахмин меравад, ки аз татбиқи Барнома ба натиҷаҳои зерин ноил шудан мумкин аст:

1.Сатҳи омодагии мутахассисони таҳсилоти олидошта аҳамиятнокӣ ва рақобатпазирии онҳоро дар ҷомеаи илмии ҷаҳонӣ кафолат медиҳад.

2.Ба таъмини кадрҳо бо мақсади татбиқи маҷмуи барномаҳои мақсадноки давлатӣ барои давраи миёнамуҳлат шароит фароҳам оварда мешавад.

3.Такмили омодагии тахассусии кадрҳо дар ташкилотҳои илмию техникӣ ва мактабҳои олӣ, нигоҳ доштан ва инкишоф додани коллективҳои пешқадами илмӣ ва илмию педагогӣ таъмин карда мешавад.

4.Натиҷаҳои нави илмӣ ва илмию техникӣ, ки барои ба сатҳи баланди технологӣ гузаштани иқтисодиёти кишвар, инчунин ба беҳтар гардидани

вазъи экологӣ ва баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ мусоидат мекунанд, ҳосил мешаванд.

5.Сарфаи захираҳо бо роҳи ташкили базаи ягонаи иттилоотӣ, марказонидани заминаи асбобию технологӣ дар соҳаи илм ва таҳсилоти олӣ таъмин карда мешавад.

6.Шароит барои баланд бардоштани сифати фаъолияти таълимию илмӣ ва афзоиши миқдори корҳои таҳқиқотӣ фароҳам оварда мешавад.

7.Иштироки баробари илм ва таҳсилоти олӣ дар ҳамкориҳои байналмилалии илмию техникӣ бо мақсади пешгирии берун рафтани ҷавонони боистеъдод аз кишвар таъмин карда мешавад.

Аз гуфтаҳои боло ба хулоса омадан мумкин аст, ки зарурати ҳамкории байни маориф, пеш аз ҳама таҳсилоти олӣ ва касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ва илми фундаменталӣ пеш омадааст. Аммо дар бисёре аз санадҳои солҳои ахир қайд шудааст, ки яке аз камбудиҳои назарраси рушди нерӯи илмию техникии кишвар фосилаи байни маориф ва илми фундаменталӣ, байни илми академӣ ва донишгоҳӣ мебошад. Ин боиси пароканда шудани маблағ, парокандагии олимон, паст шудани сифати таълим гардида, лабораторияю иншооти нодири институтҳои Академияи илмҳоро барои донишҷӯён ва аспирантҳо дастнорас мегардонад. Аз сабаби нокифоя будани маблағгузорӣ самараи кори институтҳои таҳқиқоти илмии донишкадаҳои асосии олӣ ва кафедраҳои базавии зерсохторҳои Академияи илмҳо нисбатан паст гардид. Дар баробари ин, татбиқи консепсияи таҳсилоти доимӣ, такмили таъминоти иттилоотии илму маориф, тамоми маҷмӯи масъалаҳои баланд бардоштани сифати низомҳои таълиму тарбия дар ҷомеа ташаккули комплексҳои бузурги таълимию илмиро тақозо мекунад. Аз ин рӯ, масъалаи интегратсияи илми академӣ ва мактаби олӣ актуалӣ мебошад.

Бояд гуфт, ки зарурати ба ҳам наздик шудани илми академӣ ва маълумоти олӣ, ҳамкории онҳо ба мақсади тараққиёти иқтисодиёти мамлакат ва такмил додани раванди омодасозии мутахассисон аз ҷониби баъзе

донишкадаҳо ва кафедраҳои Академияи илмҳо даҳҳо сол пеш аллакай якчанд маротиба эътироф карда шуда буд.

Бинобар ин, барои он ки донишгоҳҳо тавони ҳалли мушкилоти нави ташаккули ҷомеаи маорифро доштa бошанд, дар низоми таҳсилоти олӣ низ тағйирот зарур аст. Технологияҳои замонавии таълим, аз ҷумла технологияҳои педагогии таълим, технологияҳои мултимедии таълим, пеш аз ҳама технологияи компютерӣ ва ҷорӣ намудани шаклҳои нави ташкили раванди таълим, таҳияи китобҳои нави дарсӣ ва воситаҳои таълимӣ ва бешубҳа, рушди таҳқиқоти илмӣ, илми донишгоҳӣ зарур аст, ки бояд асоси такмили ихтисоси раванди таълими мутахассиси асри XXI барои ҳалли ҳамаи ин проблемаҳо алоқаи доимии самарабахши зичи муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва илми фундаменталӣ зарур дониста мешавад.

Ҳамин тариқ, зимни баррасии ин қисмати кор ба хулоса метавон расид, ки ҷаҳонишавии таҳсилот ба таҳсилоти олӣ низ фаро гирифта шудааст. Барномаҳои таълимии универсалӣ (ҳамоҳангшуда) бо истифода аз технологияҳои муосири таълим таҳия карда мешаванд, ки барои мубодилаи мутақобилаи донишҷӯён, магистрантон ва аспирантон шароит фароҳам меоранд. Бояд қайд кард, ки низоми идеалии таълим дар ягон гӯшаи дунё вуҷуд надорад: ҳар як низоми миллӣ ба воқеияти иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии кишвар вобаста аст ва бояд на танҳо ба таҷриба ва тамоюлҳои мусбати ҷомеа ва маориф такя кунад, балки, чунин ки Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳояшон қайд кардаанд, таҷрибаи пешқадами ҷаҳониро низ ба инобат гирад.

## 2.2. Технологияи ташаккули ҳамбастагӣ ва шарикии байналмилалӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ

Мувофиқи таҳлилҳо, шумораи донишҷӯёни тоҷике, ки мехоҳанд дар барномаҳои табодули донишҷӯён ширкат варзида, дар донишгоҳҳои Аврупои Ғарбӣ ва ИМА таҳсил кунанд, аз шумораи донишҷӯёни кишварҳои хориҷӣ,

ки мехоҳанд дар Тоҷикистон маълумоти олӣ гиранд, зиёдтар аст. Теъдоди муассисаҳое, ки барои ташкили таҳсил дар хориҷа ва бакортаъминкунӣ сарикор доранд, меафзояд. Дар баробари ин, курсҳои кӯтоҳмуддати забономӯзӣ, аз ҷумла забонҳои кореягӣ, хитоӣ, англисӣ, арабӣ ва дигар забонҳо низ афзоиш ёфта, ҳадафи аксарияти забономӯзон ёфтани кор дар хориҷа аст. Масалан, 7-уми июни соли 2022 дар байни Маркази Ҳоллабук-дои Корея ва ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ меморандум ба имзо расид, мувофиқи он Донишгоҳ мувazzаф гардид, ки курсҳои кӯтоҳмуддати забони кореягиро ташкил кунад ва ҷониби Корея ба уҳда гирифт, ки ҳоҳишмандони омӯзиши забони кореягиро бо омӯзгор таъмин карда, дар оянда барои ин забономӯзон дар Корея ҷои кор муҳайё менамояд. Инчунин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор коллеҷу литсейҳо фаъолият мекунанд, ки дар онҳо курсҳои кӯтоҳмуддати кафшергарӣ, дӯзандагӣ, барқчӣ ва дигар ихтисосҳои сохтмонӣ ташкил карда шудаанд.

Дар таҳқиқоти олим А. К. Капишев *ҳамкориҳои ҷаҳонӣ* дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, муаллиф барои ҳалли як қатор масъалаҳои дар ин самт ҷойдошта вазифаҳои мушаххас мегузорад. Аз ҷумла, мувофиқати мундариҷа ва сатҳи таҳсилоти олии касбӣ ба талаботи соҳаҳои дахлдор; ташкили самараноки ҷараёни омодасозии мутахассисон дар мамлакатҳо ва минтақаҳои гуногун; таҳкими ҳамбастагӣ ва шарикии байналмилалӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ; мубодилаи донишу малакаҳо дар байни кишварҳо ва қитъаҳо; мусоидат ба рушди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, махсусан, дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ, тавассути маблағгузорӣ аз тарафи фондҳои байналмилалӣ; ҳамоҳангсозии фаъолияти муассисаҳои таълимӣ бо мақсади рушди таҳсилоти олии касбӣ; мусоидат ба рафъи сабабҳои «фирори мағзҳо»; таъмини рақобати созгор дар байни сохторҳои илмӣ ва низомҳои таълимӣ [57;28].

Дар густариши мунтазами робитаҳои байналмилалии илмию педагогии донишгоҳҳои Тоҷикистон ҳамкориҳои мутақобила бо созмонҳои байналмилалӣ, фондҳо ва барномаҳо дар соҳаи маориф ва илм нақши муҳим

мебозанд. Ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи илмию педагогии донишгоҳҳо, аз ҷумла бо мусоидати барномаҳои мақсадноки Иттиҳоди Аврупо, бо иштироки ташкилоту фондҳои миллӣ ба таври васеъ инкишоф ёфтааст. Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Иттиҳоди Аврупо аз рӯйи самтҳои гуногун ба роҳ монда шудааст, ки дар миёни онҳо соҳаҳои маориф ва илм мавқеи хосро ишғол менамоянд. Дар ин самт, нақши муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ назаррас аст. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари шарик ба барномаи Erasmus+ ва раванди Болония ҳамкориҳои мухталифро бо кишварҳои аъзои Иттиҳоди Аврупо ба роҳ монда, дар лоиҳаҳои зиёде, ки ба ислоҳоти соҳаи таҳсилоти олӣ равона гардидаанд, иштирок менамояд ва барои боз ҳам васеътар гардонидани доираи ингуна ҳамкориҳо шароитҳои мусоидро фароҳам меоварад. Аз солҳои аввали иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар барномаҳои TEMPUS, Erasmus Mundus ва Erasmus+ дар робита ба шумораи муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ, ки ба лоиҳаҳои ҳамкорӣ ҷалб мегарданд, динамикаи мусбат дида мешавад. Имрӯзҳо, аллакай 16 муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ дар 12 лоиҳаи ҳамкорӣ фаро гирифта шудааст. Дар доираи ҳамкориҳои байналмилалии академӣ донишҷӯёну олимон аз Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи зинаҳои бакалавр, магистр ва докторант (PhD) дар зиёда аз 32 донишгоҳи аврупоӣ ба таҳсил ва иҷрои таҷрибаомӯзиҳои илмӣ машғуланд.

Зимнан, бояд қайд кард, ки ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти байналмилалии донишгоҳҳои Тоҷикистон, рушди ҳаракати академӣ ва омодасозии мутахассисон аз кишварҳои хориҷӣ аз ҷониби муҳаққиқони ватанию хориҷӣ Қурбонов А. Ш., Тахминаи Турахон, Шарипов Ф., Авғонов С., Акмаев К. Х., Акимов Ю. П., Богуш А. И., Билибин Д. П., Волкова Л. П., Веревкин В. С., Гетманова Г. И., Галишникова Т. И. ва дигарон таҳқиқ гардидаанд.

Дохил шудани Тоҷикистон ба раванди Болония имкон медиҳад, ки таҳсилоти олӣ имкониятҳои зиёде пайдо гардид: аз ҷумла эътирофи сатҳ,

дараҷа ва унвонҳои илмӣ, баробарҳуқуқии хатмкунандагон ба кор дар ҳама кишварҳо, эътироф шудани дипломҳои таҳсилоти олии Тоҷикистон дар минтақаи Аврупо, таъмини ҳаракати академии омӯзгорон ва донишҷӯён, имкони донишгоҳҳо дар татбиқи лоиҳаҳои байналмилалӣ ва барномаҳои дудипломии таҳсилот, ки дар онҳо вазифаҳои омодагии касбӣ аниқ карда мешаванд ва ҷалби донишгоҳҳои Тоҷикистон ба рейтингҳои байналмилалӣ ва конвертатсияи дипломҳои таҳсилоти олии Тоҷикистон, эътирофи онҳо дар сатҳи байналмилалӣ.

Дар ин замина, таҷдиди сохтори тамоми низоми таҳсилоти олӣ дар Тоҷикистон сурат гирифт, ҷаҳонбинии муносиби омӯзгорону донишҷӯён ташаккул ёфт, ки дар натиҷа онҳо дар раванди ҳаракати академӣ фаъолона ширкат варзиданд. Ин раванд ҳаракати омӯзгорон-муҳаққиқон ва донишҷӯёнро ба давраи муайяни таълимӣ дар назар дорад. Аз ҷумла, гузаштани таҷрибаи истеҳсолӣ ё таълимӣ дар давоми як семестр ё соли таҳсил дар дигар муассисаи олии таълимии ватанӣ ё хориҷӣ барои гузаронидани таҳқиқот ё такмили ихтисос бо тартиби муқарраргардида амалӣ шуда истодааст.

Ҷойивазкунии академии омӯзгорон, донишҷӯён ва кормандон яке аз самтҳои муҳими фаъолияти муассисаи таълимии муосир ва яке аз принсипҳои асосии раванди Болония мебошад, ки барои баланд бардоштани самаранокии таҳқиқотҳои илмӣ ва сифати таҳсилоти олии касбӣ пешбинӣ шудааст. Мақсади гузариш ба низоми Болония кӯшиши пайвастан ба стандартҳои аврупоии таҳсилот ва барои мутахассисони тоҷик дар ҷаҳон роҳ кушодан аст. Ғайр аз ин, пайвастан ба раванди Болония имкони иштироки донишгоҳҳои Тоҷикистонро дар лоиҳаҳои байналмилалӣ ва ҳуқуқи таҳсилро ба донишҷӯён дар донишгоҳҳои Аврупо фароҳам меоварад.

Дар робита ба ин, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаҳои таълимии зинаҳои гуногуни таҳсилот, аз ҷумла, муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар ҳамкориҳои муфиду тарафайнро бо як қатор

кишварҳо ва ташкилотҳои байналмилалие, ки дар соҳаҳои илму маориф ба дастовардҳои ҷадидтарин комёб гардидаанд, ба роҳ мондаанд.

Ҳадафи Эъломияи Болония таъсиси минтақаи таҳсилоти олии аврупоӣ ва эҳёи сохтори таҳсилоти олии Аврупоӣ дар миқёси ҷаҳон мебошад, ки шаш нуқтаи асосиро дар бар мегирад:

1.Дониши мукаммали хатмкунандагон: яке аз шартҳои муҳими равади Болония ба роҳ мондани натиҷаҳои ниҳоии хатмкунандагони муассисаҳоитаҳсилоти олӣ мебошад, дониши хатмкунандагон бояд ба манфиати ҳам мардуми худ ва ҳам дар кишварҳои дигари Аврупо истифода шавад.

2.Низоми думарҳилагии таҳсилоти олӣ ва аспирантура (бакалавр ва магистр): бакалавр мутахассисест, ки метавонад, аз рӯи ихтисос кор кунад ё таҳсили худро идома дода, ба зинаи дуюм-магистратура гузарад. Омӯзиш дар давраи аввал бояд 3-4 сол ва дар марҳилаи дуюм 1-2 солро дар бар гирад.

3.Ташкили сохтори кредитӣ тибқи сохтори аврупоии интиқоли кредит (ECTS): барои гирифтани дараҷаи бакалаврии аврупоӣ бояд 180-240 кредит ва барои дараҷаи магистр 60-120 кредит ҷудо карда шавад. Аз рӯи ҷамъоварии кредитҳо донишҷӯ метавонад дар як кишвар ба донишгоҳ дохил шуда, дар дигар кишвар таҳсил намояд, дар ҷараёни таҳсил донишгоҳ ё ихтисоси интихобшударо иваз кунад, омӯзиши пурраро дар ҳарду марҳила (бакалавр, магистр) гирифта, таҳсилро дар давраи мутобиқ ба зиндагии худ идома диҳад. Дар низоми интиқоли кредитии аврупоӣ, дар як семестр 30 кредити академӣ ва барои соли хониш 60 кредити академӣ ҷудо карда мешавад.

Барои гирифтани дараҷаи бакалавр бояд ҳадди аққал 180 кредит (се соли таҳсил) ё 240 кредитро (чор соли таҳсил) аз худ кард. Барои гирифтани дараҷаи магистр донишҷӯ бояд ҳадди аққал 300 кредит (дар панҷ соли таҳсил) ё 360 кредитро (дар шаш соли таҳсил) аз худ намояд.

4.Такмили сафарбарии донишҷӯён: ҳар як донишҷӯ бояд имкони як муддати кӯтоҳ дар хориҷи кишвар таҳсил карданро дошта бошад.

5.Баробаркунии стандартҳои ягонаи таҳсилоти олӣ дар кишварҳои гуногун: дар доираи таҳияи барнома ва нақшаҳои таълимӣ бо назардошти ҳувияти миллӣ.

6.Амалисозии консепсияи таҳсилоти якумрӣ: ба ҳар як шахс имконияти таҳсил дар муассисаҳои таълимии гуногун ва соҳиб шудан бо якчанд диплом ва унвони илмиро медиҳад [50;111].

Ҷуғрофияи ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи маориф ва илм сол то сол тавсеа ёфта, дар давоми солҳои 2021-2022 зиёда аз 7 ҳазор шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар зиёда аз 40 кишвари ҷаҳон таҳсил кардаанд, ки таҳсилашон дар хориҷа дар самтҳои асосии зерин сурат гирифтааст:

– бо истифода аз стипендияҳои ташкилотҳои байналмилалӣ ва давлатҳои хориҷӣ;

– мубодилаи байналмилалии таълимӣ;

– стипендияи байналмилалии президентии «Дурахшандагон»;

– маблағгузории хусусӣ.

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар татбиқи барномаҳои созмонҳои байналмилалии ACTR/ACCELS, ЮНЕСКО, БРСММ, Корпуси Сулҳ, Бунёди СОРОС, Хадамоти иттилоотии ИМА (USIS), Шӯрои Таҳқиқоти Байналмилалии Амрико (IREX), Шӯрои Британиё дар Тоҷикистон, Бюрои ҳамкории забонӣ ва омӯзгории Сафорати Фаронса дар Тоҷикистон, Хадамоти мубодилаи академии Олмон (DAAD) ва ғайра ҳамкорӣ дорад.

Яке аз ин барномаҳо Эрасмус+ (Erasmus+) барномаи Иттиҳоди Аврупо доир ба маориф, тайёр кардани кадрҳо, ҷавонон ва варзиш ба шумор меравад. Барномаи Эрасмус+ барои тақвияти ҳамкориҳо дар соҳаи мактабҳои олӣ равона карда шудааст. Дар доираи ин барнома ду самти ҳамкорӣ коркард гардидааст:

1.Key Action 1 (KA 1: Learning Mobility of Individuals) – Мубодилаи академӣ барои донишҷӯён ва омӯзгорон.

2.Key Action 2 (KA 2: Capacity building in the fields of Higher Education) – Тақвият додани иқтидори мактабҳои олӣ.

Барномаи Эрасмус+ аз ҷониби Комиссияи Аврупоӣ маблағгзорӣ карда мешавад. Маблағҳои ҷудогардида дар байни донишгоҳҳо, марказҳои таҳқиқотӣ, омӯзгорон ва донишҷӯён тақсим мешаванд. Барнома дар мадди аввал барои ба имзо расонидани созишномаи шарикии байни донишгоҳҳои Аврупо ва дигар минтақаҳо равона гардида, аз ин лиҳоз маблағгузории бештар ба мактабҳои олӣ пешбинӣ карда мешавад. Барномаи Эрасмус+ бевосита дар асоси шартномаҳои байни 2-3 муассисаи таълимӣ муайян карда шудааст.

Татбиқи барномаи Эрасмус+ аз ҷониби Агентии иҷроияи маориф, фарҳанг ва асбоби аудиовизуалӣ (EACEA – Education, Audiovisual and Culture Executive Agency) дар Брюссел амалӣ карда мешавад.

Дар кишварҳои шарики лоиҳа, аз ҷумла Тоҷикистон барномаи мазкур аз ҷониби Идораи миллии Эрасмус + (Erasmus Plus) ҳамоҳанг карда мешавад.

Key Action 1 (KA 1):

► қисмати якум доир ба мубодилаи академӣ барои донишҷӯён, интернҳо, ординаторон, магистрон ва PhD доктарантон бо мақсади таҳсил бо эътирофи пурраи кредитҳо таҳия гардидааст. Давомнокии иштирок дар барнома аз 3 то 12 моҳро фаро гирифта метавонад;

► ба роҳ мондани мубодилаи академӣ барои таҷрибаомӯзии донишҷӯён аз кишварҳои шарик (Тоҷикистон) – таҷрибаомӯзӣ дар ҷойҳои корӣ дар кишварҳои лоиҳа (кишварҳои Аврупо), ки давомнокии барнома аз 2 моҳ то 12 моҳ аст;

► мубодилаи академии омӯзгорон аз 5 то 60 рӯз;

Мушкилиҳои иштироки донишҷӯён дар барномаи мубодилаи академӣ:

► мавҷуд набудани шартномаҳои дуҷониба бо донишгоҳҳои кишварҳои лоиҳа (донишгоҳҳои Иттиҳоди Аврупо, ки донишгоҳи шарик дар Осиёи Марказиро интихоб мекунанд);

► интихоби донишҷӯён (магистрон ё донишҷӯёни курси 5 ё омӯзгорон) аз ҷониби донишгоҳҳои қабулкунандаи кишварҳои лоиҳа;

► паст будани натиҷаи GPA дар донишгоҳҳои таҳсилкунанда;

► мавҷуд набудани корҳои илмии донишҷӯ метавонад яке аз монеаҳои асосӣ дар давоми озмун гардад;

► нодуруст тартиб додани мактуби ҳавасмандӣ;

► ба таври кофӣ надонистан забони хориҷӣ – забони англисии академӣ дар сатҳи B2 (TOEFLiBTmin 72, IELTSmin 5.5).

Key Action 2 (KA 2):

Сохтори лоиҳаҳо (Structural Project), ки ба таъсири мунтазам ва пешбурди ислоҳот дар сатҳи миллӣ ё минтақавӣ бо дастгирии мақомоти иҷроияи давлатӣ дар мамлакатҳои шарик равона шудаанд:

•такмили сиёсати давлатӣ ва идораи низоми таҳсилоти олӣ;

•тақвияти муносибатҳо дар байни низоми таҳсилоти олӣ ва муҳити иҷтимоию иқтисодӣ.

Лоиҳаҳои муштарак (Joint Project), ки ба ҳамкории байниинститутсионалӣ дар сатҳи донишгоҳҳо равона карда шудааст:

• таҳия ва татбиқи барномаҳои таълимӣ;

•ташкили раванди идоракунӣ ва назорат дар донишгоҳҳо;

•таҳкими робитаҳои донишгоҳ бо муҳити иқтисодию иҷтимоии беруна.

Давомнокии лоиҳаҳо аз 24 то 36 моҳро дар бар гирифта, маблағи грантҳо аз 500 ҳазор то 1 миллион евро мебошад.

Дар озмун консорсиуми донишгоҳҳо иштирок мекунанд: аз кишварҳои лоиҳа на камтар аз 2 донишгоҳ ва аз кишварҳои шарики лоиҳа на камтар аз 2 донишгоҳ. Дар лоиҳаҳои сохторӣ раёсати дахлдори донишгоҳ ва вазорати маориф иштирок карда метавонад [197].

Дар охири асри бистум дар ҷаҳон як раванди нави махсуси рушди инсоният муайян гардид, ки он дар адабиёти илмӣ тахти истилоҳи «ҷаҳонишавӣ» ё «глобализатсия» сабт шудааст. Ҷаҳонишавӣ хусусияти

асосии низоми ҷаҳонии муосирро касб намуда, ба яке аз қувваҳои таъсирбахш табдил ёфт, ки ҷараёни минбаъдаи таърихи инсониятро пешгӯӣ мекунад. Мавҷудияти худро дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъият: дар иқтисодиёт, сиёсат, иҷтимоиёт, маориф, фарҳанг, экология, амният ва ғайра нишон додааст.

Муҳаққиқи рус В. Я. Нечаев се давраи ҷаҳонишавиро муайян кардааст, ки ҳар як давра ҳазор солро дар бар мегирад, давраи аввали ҷаҳонишавӣ ба давраи пайдоиши динҳои ҷаҳонӣ дар ибтидои эраи мо дахл дорад. Давраи дуюм ба зуҳуроти аввалин мактабҳои олӣ, яъне ба ибтидои ҳазорсолаи дуюм ва давраи сеюм ба замони ҳозира, яъне ба давраи пайдоиши интернет ва шабакаҳои иттилооту коммуникатсия марбут аст [106, с.27-34].

Раванди ҷаҳонишавӣ ҷомеа ва муассисаҳои ҷамъиятиро ҳаматарафа фаро мегирад, дар низоми маориф ҷаҳонишавӣ ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ ворид шудани низомҳои таълимии бисёр кишварҳоро ташкил медиҳад.

Имрӯз дар низоми маориф майли ҷаҳонишавӣ дар дохили худи низом мушоҳида гардида, дар низоми маориф инҳоро дар бар мегирад:

– стандарти ягонаи таълимӣ барои касбҳои мавҷуда;

– забони ягонаи илмӣ;

– вазифаҳои умумии маориф ҳамчун мақомоти давлатӣ;

– ташаккули муносибати салоҳиятнок ба таълим.

Бояд қайд кард, ки ҳар як низоми маориф ба арзишҳои фарҳангӣ, анъанавӣ ва миллӣ, ки решаҳои қавии таърихӣ доранд, зич алоқаманд аст. Ҷанбаи мусбати ҷаҳонишавӣ дар соҳаи маориф дар он аст, ки ин падида ба ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи маориф ва инчунин омодасозии мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботҳои бозори ҷаҳонии меҳнат таъсири мусбат мерасонад.

Дар баробари ин, ҷаҳонишавӣ ба тарбияи анъанавии миллӣ таъсири манфӣ мерасонад. Аз ҷумла, баъзан ба таълими анъанавӣ зарбаи ҷиддӣ

мезанад, ки дар натиҷа нигоҳ доштани якпорчагии он душвор мегардад. Тавре муҳаққиқ Р.Назаров қайд мекунад, ҷаҳоншавӣ, аз як тараф, раванди объективӣ бошад, аз тарафи дигар, раванди субъективӣ аст. Мусаллам аст, ки Тоҷикистон наметавонад аз ширкат дар равандҳои ҷаҳонишавӣ канорагирӣ кунад, аммо вазифаи асосӣ ҳифзи ҳувият, моҳияти фарҳангсоз ва тафаккури шахсият мебошад [102;198].

Ҳамин тавр, сарфи назар аз ҷанбаҳои мусбат ва манфии ҷаҳонишавӣ, мехоҳем қайд намоем, ки ин раванд бебозгашт нест ва мо, хоҳем-нахоҳем, дер ё зуд ҳамаи кишварҳоро ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ ҷалб менамояд. Зимнан, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми таҳсилоти сезинагӣ дар сатҳи қонунгузорӣ қабул шудааст: бакалавр, магистратура ва докторантура (PhD). Инчунин аз рӯи низоми кредитии таълим мониторинги сифати дониши донишҷӯён ҷорӣ карда шудааст.

Низоми кредитии таълим маъмултарин модели таҳсилот дар ҷаҳон мебошад. Он ба низомҳои таълимии Аврупо ва ИМА мутобиқ гардонда шудааст. Мутаассифона, дар Тоҷикистон ҷорӣ намудани низоми таҳсилоти аврупоӣ (Болония) бо мушкилоти зиёде рӯ ба рӯ шуд. Аз ин лиҳоз, дар Тоҷикистон таъмини ҳамгироии самараноки низоми таҳсилоти аврупоӣ бо таҳсилоти анъанавӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад. Дар ҳоли ҳозир низоми маорифи Тоҷикистон ногузир бояд ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ ворид шавад, ки аз ин ҷиҳат масъалаи баланд бардоштани сатҳи донишу маҳорат ва малакаҳои олимону омӯзгорон ва донишҷӯёнро мувофиқи талаботҳои муосир ҳал кардан лозим аст.

Ҳолати ҷорӣ намудани низоми кредитии таҳсилот дар таҳқиқоти Д.Сангинов мавриди таҳлил қарор гирифта, муҳаққиқ мушкилиҳои асосии низоми маорифи Тоҷикистонро, ки ҳангоми ислоҳоти соҳа ба онҳо таваҷҷуҳи хоса додан лозим аст, ба таври зайл муайян намуд [138;13]:

– номутобиқ будани низоми мавҷудаи идоракунии маориф ба технологияҳои муосири таълим, ки истифодаи бесамари захираҳоро дар истеҳсолот пешакӣ муайян мекунад;

– сатҳи пасти омодагӣ дар зинаҳои ибтидоӣ ва миёнаи таҳсилот ба низоми таҳсилоти кредитӣ, ки боиси паст шудани сифати таълим дар зинаҳои минбаъдаи таҳсилот мегардад;

– нокифоя будани маоши муаллимони мактабҳои миёна, ки боиси норасоии доимии кадрҳои педагогии соҳибихтисос, бахусус аз фанҳои табиӣ, забонҳои русӣ ва англисӣ дар деҳот мегардад;

– дониши нокифояи омӯзгорон дар бораи усулҳои муосири таълим ва нокифоя будани маводи таълимию методӣ;

– ба талаботи замон ҷавобгӯ набудани таҷҳизоти таълимии мавҷудаи муассисаҳои таълимӣ, бо назардошти афсурдашавии маънавию ҷисмонии онҳо;

– истифодаи сусти технологияҳои муосири иттилоотӣ дар раванди таълим, аз ҷумла дастрасӣ ба интернет ва истифодаи воситаҳои аудиоӣ, видеоӣ ва электронии таълим ба сабаби маҳдудиятҳо дар таъмини қувваи барқ.

Зарурати гузариш ба низоми аврупоии таҳсил дар мактабҳои олии Тоҷикистон дар он аст, ки дар шароити иқтисоди бозорӣ мутахассис дар бозори меҳнат ҳамчун «маҳсулоти асосӣ» баромад мекунад ва ӯ бояд талаботи ин бозорро қонеъ гардонад. Меъёрҳои асосии рақобатпазирии мутахассис дар бозори меҳнат аз рӯи фаъолияти ӯ муайян карда мешавад. Таҳлили тамоюли инкишофи талаботи бозори ҷаҳонии меҳнат нишон медиҳад, ки сабаби афзудани динамикаи муҳоҷират проблемаи мутобиқ ба талаботи технология ва пешрафти илмӣ омодасозии кадрҳои коргарӣ дар мадди аввал меистад. Аз ин рӯ, вобаста ба ин зарурат стандартҳои таълимро такмил додан лозим аст, то ин ки мувофиқи онҳо мутахассисони ҷавонон

ҷавобгӯ ба талаботҳои бозори меҳнат омода гардида, ба тағйирёбии он аксуламали фаврӣ нишон дода тавонанд.

Бояд гуфт, ки татбиқи раванди Болония дар Тоҷикистон якранг аст. Аз лаҳзаи муаррифӣ шуданаш то имрӯз дар байни омӯзгорон тарафдорону мухолифони он вуҷуд доранд. Мухолифони он низоми суннатии маорифи шӯравиро барои марҳилаи кунунии рушди маорифи Тоҷикистон бештар қобили қабул медонанд. Тарафдорони таҳсилоти аврупоӣ бар ин назаранд, ки дар воқеияти нави рушди ҷомеаи Тоҷикистон низоми кӯҳнаи шӯравии таҳсилот ба ниёзҳои имрӯза ҷавоб дода наметавонад ва низоми нав, ки барои шароити иқтисоди бозорӣ тарҳрезӣ шудааст, муассиртар аст. Масалан, тарафдорони низоми нав, муҳаққиқони тоҷик Д. Н. Сангинов ва Н. Салимов қайд мекунанд, ки низоми таҳсилоти шӯравӣ ҳоло дар бозори байналмилалии меҳнат омодасозии мутахассисони соҳибкасб ва рақобатпазирро таъмин карда наметавонад, зеро:

1.Миқдори зиёди маводи таълимӣ, тағйирнопазирӣ ва мураккабии барномаҳои таълимӣ ба омӯзгор имкон намедиҳад, ки қобилият ва маҳорати худро дар дарс истифода барад. Илова бар ин, қариб 90% фанҳои омӯхташуда мустақилияти донишҷӯро маҳдуд мекунанд.

2.Номукаммалии низоми назорат ва қабули кори мустақилонаи донишҷӯён ҳисси масъулиятшиносии онҳоро ҳангоми машғулиятҳои беруназдинфӣ паст мекунад.

3.Усули анъанавии супоридани имтиҳонҳо қобилияти муайян кардани сатҳи дониши донишҷӯёнро надорад.

4.Мутобиқ набудани нақшаҳои таълимӣ ба стандартҳои байналмилалӣ, ки барои дар оянда дар давлатҳои хориҷӣ кор кардан метавонад мушкилиҳоро ба миён орад [138; 31-32].

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо омӯзиши таҷрибаи пешқадами кишварҳои дигар дар соҳаи таҳсилоти аврупоӣ ба хулосае омад, ки низоми кредитии таҳсил дар айни замон зарур буда, барои ба таври васеъ

ҷорӣ намудани он дар низоми таълим, дар асоси баҳисобгирии шароиту имкониятҳои муассисаҳои таҳсилоти олӣ, дастур дод.

Дар Тоҷикистон низоми маориф, ки таърихи ҳазорсола дошта, бо анъанаҳои хоси худ, ки дар муносибатҳои чандинасраи омӯзгор - шогирдон асос ёфтааст, ин падида ба ҳолати маънавию равонии ҳам омӯзгорон ва ҳам донишҷӯён таъсири манфӣ расонда метавонад. Тасаввур кунед, профессоре, ки собиқаи чандинсолаи омӯзгорӣ ва аз фанни худ дониши бунёдӣ дорад, ногаҳон аз лектори фаъол ба мушовир табдил меёбад ва чунин таассурот пайдо мешавад, ки дониши академии ӯ тамоман лозим нест. Ғайр аз ин, профессор-омӯзгор барои имтиҳонҳо бояд қариб ҳар рӯз конспектҳо, тестҳо тайёр кунад ва супоришҳои сершумори кори мустақилонаи донишҷӯёнро назорат намояд. Ӯ ҳар рӯз ба ин машғулият қувваю вақти зиёде сарф мекунад, барои илму фаъолияти эҷодӣ на вақт мемонад, на қувва. Аз ин рӯ, онҳо ин гузаришро манфӣ қабул мекунанд. Айнӣ замон ҳам онҳо асосан мухолифи низоми нав буда, дарислоҳоти низоми маориф ғайрифаъолона иштирок мекунанд. Амалия нишон дод: то замоне, ки субъектҳои асосии маориф, яъне омӯзгорони мактабҳои миёна ва устодони мактабҳои олӣ ба принсипу нақш ва мавқеи нав дар низоми таҳсилоти аврупоӣ (Болония) дар низоми маорифи Тоҷикистон сарфаҳм нараванд, низоми аврупоӣ проблеманок боқӣ мемонад.

Талаботи навбатии низоми таҳсилоти аврупоӣ ташаккул додани принсипи низоми доимӣ ва ҳамаҷонибаи мониторинги сифати таълим мебошад. Мониторинги сифати таълим аз рӯи чунин модели аврупоии таҳсилот амалӣ карда мешавад:

• Баҳодиҳӣ аз ҷониби худи донишҷӯён ҳар рӯз, ҳар ҳафта, ҳар моҳ ва дар охири ҳар як семестр. Ин раванд тавассути воҳидҳои кредитӣ амалӣ карда мешавад, ки дар он донишҷӯ аз рӯи ҳар як шакли фаъолият барои таҳияи маводи таълимӣ хол мегирад. Аз рӯи натиҷаҳои холҳои гирифтааш донишҷӯ ба фаъолияти таълимӣ ва сифати дониши худ баҳо медиҳад.

• Муаллим сатҳи пешрафти дониши донишҷӯёнро тавассути баҳодиҳии дониши онҳо аз рӯи маводи додашуда ҳар рӯз, ҳар ҳафта, ҳар моҳ ва дар охири семестр назорат мекунад. Бояд гуфт, ки баҳодиҳии дониши ошкоршуда тавассути тестҳо дар мониторҳои компютерӣ бе дахолати омӯзгор сурат мегирад.

• Мониторинги муассисаи таълимӣ тавассути таҳлили мунтазам, ки аз тарафи Шуъбаи назорати сифати дониши донишомӯзон, тавассути санҷишҳои гуногуне, ки аз ҷониби Вазорати маориф ва илм, Маркази мониторинги сифати таълим муқаррар ва тавсия карда мешаванд, амалӣ мегардад. Муассисаи таълимӣ аслан назорати асосии тамоми раванди мониторинги сифати таълимро ба зиммаи худ мегирад.

• Корфармоён дар низоми маорифи аврупоӣ, ҳамчун фармоишгарони асосии мутахассисон дар таҳияи стандартҳо ва нақшаҳои таълимӣ иштирок намуда, ба сифати таълим дар амалия, яъне дар истеҳсолот баҳо медиҳанд. Дар асоси натиҷаҳои мониторинги сифати таълим аз ҷониби корфармоён стандартҳо ва нақшаҳои муассисаҳои таълимӣ пайваста ислоҳ гардида, такмил дода мешаванд.

• Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии (мактабҳо, коллеҷҳо, гимназияҳо ва ғайра) дар низоми маорифи аврупоӣ нақш ва мавқеи ассотсиатсияҳои падару модарон ва омӯзгорон бузург аст. Ин ташкилот алоқаи доимии падару модаронро бо мактаб ва омӯзгорон таъмин менамояд. Фаъолияти якҷояи падару модарон ва омӯзгорон дар бобати баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбияи донишомӯзон самараи дилхоҳ медиҳад. Аз ин рӯ, волидоне, ки ба инкишофи босифати фарзанди худ таваҷҷуҳ доранд, дар назорати сифати таълим дар раванди таҳсилот фаъол мебошанд.

Дар асоси талаботи стандартҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон як соати академӣ барои 50 дақиқа пешбинӣ шудааст. Ин муқаррарот инчунин пешбинӣ мекунад, ки як ҳафтаи таълимӣ 54 соати академиро бояд ташкил диҳад. Аз ин соатҳои академии

ҷудошуда 27 соаташ дар синфхонаҳо мегузарад. Соатҳои боқимонда, ба ғайр аз дарси тарбияи ҷисмонӣ, кори амалӣ, лабораторӣ ва мустақилонаи донишҷӯ мебошанд [101;68-85].

Муҳаққиқони тоҷик Сангинов Д. Н. ва Салимов Н. С. қайд мекунанд, ки гузаштан ба низоми нави кредитии таълим, пеш аз ҳама, фароҳам овардани шароити нав барои татбиқи ин раванд ва мувофиқати инфраструктураи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба ин низомро тақозо мекунад [138;203].

Онҳо чунин мешуморанд, ки ба амал баровардани дигаргуниҳои куллӣ дар сохтори идоракунии мактабҳои олӣ он қадар осон нест, зеро ин маблағгузории кофиро талаб мекунад, ки дар навбати худ, кадрҳои баландихтисос ва соҳиби дараҷаю унвони илмӣ доштан лозим аст. Бинобар ин, ба андешаи онҳо, ин раванд бояд ду давраро дар бар гирад.

Давраи якум (давраи гузариш) давраи баъзе дигаргуниҳои куллӣ дар низоми идоракунии мактабҳои олӣ буда, бе он ҷорӣ намудани технологияи нави таълим ғайриимкон аст. Дар сохтори идоракунии муассисаҳои таҳсилоти олӣ, пеш аз ҳама, хадамоти машваратии академӣ ва шӯъбаи бақайдгирӣ (раҳбарӣ) таъсис дода, вазифаҳои функсионалии онҳо бояд муайян карда шаванд. Мақсад аз таъсиси ин сохторҳо ташкили раванди таълим бо назардошти ҳуқуқу озодиҳои донишҷӯён, инчунин назорати аз тарафи онҳо риояи шудани қоидаҳои нави муқарраршуда мебошад. Ҳамин тавр, татбиқи ин тағйироти куллӣ дар сохтори идоракунии мактабҳои олӣ ба самаранок гузаронидани дарсҳо, аз худ намудани мавод аз ҷониби донишҷӯён ва ба баланд бардоштани дониши онҳо мусоидат мекунад [138;21].

Давраи дуюм ин ҳолатест, ки ҳамаи донишгоҳҳо давраи ташкилиро ба итмом расонида, ба татбиқи принсипҳои асосии созишномаи Болония дар донишгоҳҳои худ шурӯъ карданд.

Ҳадафи асосии ҷорӣ намудани низоми кредитии таҳсил дар низоми маорифи Тоҷикистон баланд бардоштани сифати таълим ва тарбияи кадрҳои ҷавони соҳибихтисос, ки ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯянд, ба шумор

меравад. Коршиносон барои татбиқи бомуваффақияти ин низом зарур мешуморанд, ки дар сохтори идоракунии муассисаҳои таҳсилоти олӣ тағйироти зерин ворид карда шаванд:

– таъсиси шӯъбаи маркетинг ва робита бо истеҳсолот;

– ташкили шуъбаи назорат ва таъмини сифати дониш дар муассисаи таълимӣ;

– таъсиси кафедраи магистратура дар мактабҳои олӣ.

Раванди таълим аз рӯи низоми кредитии таҳсилот дар мактабҳои олӣ дар асоси низомномаи (оинномаи) муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, нақшаҳои таълимӣ, тақвими академӣ ва ҷадвали тасдиқшудаи дарсҳо сурат гирифта истодааст.

Ҳамин тавр, дар низоми кредитӣ дар ҷараёни таълим худфаъолии худи донишҷӯ дар раванди таҳсилот дар ҷои аввал меистад. Донишҷӯ, магистр мустақилона маводро меомӯзад ва тамоми супоришҳои пешниҳодкардаи омӯзгорро иҷро мекунад. Ин усул ба донишҷӯ имкон медиҳад, ки аз рӯи маводҳо мустақилона кор кунад ва омӯзгор ҳамчун машваратчӣ амал намояд. Дар ин равиши дар салоҳият асосёфта донишҷӯ малакаҳои салоҳиятнокиро инкишоф медиҳад, ки ӯро аз шунавандаи классикии лексияҳо ва дарсҳо ба субъекти мустақилу фаъоли таълим табдил медиҳад.

Низоми кредитии таълим маъмултарин модели таҳсил дар ҷаҳон аст. Он ба низомҳои таълимии Аврупо ва ИМА мутобиқ карда шудааст, ки муваффақияти ин модели таҳсилро собит кардаанд. Мутаассифона, низоми маорифи Тоҷикистон ҳанӯз дар марҳилаи ташаккули ин модел дар кишвар қарор дорад. Аз ин лиҳоз, дар Тоҷикистон масъалаи ҳамгироии мутобиқи низоми таҳсилоти кредитӣ бо низоми таҳсилоти миллӣ муҳим ба шумор меравад.

## 2.3. Тамоюлҳои глобализатсияи иттилоотӣ ва фарҳангӣ дар рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ

Охири ҳазораи дуюм ва ибтидои ҳазораи сеюм бо дигаргунсозии ҳаёти иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҷомеа ба тағйирёбии тамоми тартиботи мавҷудаи ҷаҳонӣ таъсиргузор гашт. Тартиботи нави ҷаҳонӣ мавриди таваҷҷуҳи зиёди олимону ҷомеашиносон гардид ва онҳо ин дигаргуниҳоро зери мафҳумҳои «ҷомеаи нави саноатӣ», «ҷомеаи постиндустриалӣ», «коммунизм», «ҷомеаи иттилоотӣ» ва ғайра арзёбӣ намуда, аз нуқтаи назари ҷараёни воқеии рӯйдодҳо мулоҳизаронӣ карданд. Дар даҳсолаҳои охири асри XX ва ибтидои асри XXI чунин арзёбиҳо, ба монанди «постмодернияти иҷтимоӣ», «тартиботи нави ҷаҳонӣ», «глобализм» васеъ паҳн шуданд. Аммо онҳо аз камбудиҳо холӣ нестанд ва дар таҳқиқотиҳои олимон мавриди таҳлилу интиқод қарор гирифтанд. Тартиботи нави ҷаҳонӣ аз схемаҳои спекулятивӣ, ба монанди «Ҷаҳони яккутба», ба таври назаррас фарқ мекунад ва баръакси ин, равандҳои азнавтақсимкунӣ ва парокандашавии иҷтимоию иқтисодии ҷаҳон торафт бештар аҳамият пайдо карда истодаанд.

Имрӯз олами мутаммадин, хусусан олимон ҷаҳонишавии ҷомеаро ҳамчун посух ба чолишҳои асри XXI, ҳамчун роҳи зинда мондан ва нигоҳдории инсоният арзёбӣ менамоянд. Воқеият нишон медиҳад, ки ҷаҳонишавӣ дар даҳсолаҳои наздик қариб ба тамоми соҳаҳои ҷомеа: иқтисод, сиёсат, илм, маориф ва фарҳанг таъсири ҳалкунанда расонда истодааст. Дар айни замон, эҳтимол, маҳз дар соҳаи фарҳанг зиёдтар дигаргуниҳои куллӣ ба амал омадааст, ки дар он инқилоби нави башардӯстонаеро, ки дар таърихи инсоният мислаш дида нашуда буд, интизор шудан мумкин аст. Доираи ин инқилоб даҳсолаҳои наздикро фаро мегирад ва имрӯз чунин ба назар мерасад, ки он на танҳо ба дигаргуниҳои куллии тарзи ҳаёти одамон оварда мерасонад, балки ба андозаи зиёд ҷаҳонбинӣ ва муносибати онҳоро нисбат ба табиат, нисбат ба худ ва одамони дигар тағйир медиҳад. Раванди

ҷаҳонишавии ҷомеаро аз нуқтаи назари синергетика метавон ҳамчун аксуламали табиии тамаддуни ҷаҳонӣ ба таҳдидҳои нав ба рушди минбаъдаи он арзёбӣ кард. Дар баробари ин, дар ин ҷо ду тамоюли асосии ба ҳам мухолифро ҷудо кардан лозим аст. Аз як тараф, афзоиши босуръати алоқамандии иттилоотии қисматҳои гуногуни ҷомеаи ҷаҳонӣ мушоҳида мешавад, ки устувории онро ҳамчун низоми мураккаби худташкилкунӣ зиёд мекунад [38;3-4]. Аз тарафи дигар, дар зери таъсири фарогирии ҳаматарафаи фарҳангӣ ва иттилоотии Ғарб, пеш аз ҳама Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, ба фарҳангҳои миллию суннатии кишварҳои сусттараққикарда ва рӯ ба тараққӣ эҳтимоли маҳв шудан таҳдид мекунад [38;4].

Дар Эъломияи рушди ҳазорсола, ки 8 сентябри соли 2000 аз ҷониби Маҷмааи умумии Созмони Милали Муттаҳид қабул шудааст, аз ҷумла гуфта мешавад: “...вазифаи асосие, ки имрӯз дар назди мо истодааст, он аст, ки ҷаҳонишавӣ омили мусбати тамоми мардуми ҷаҳон гардад. Глобализатсия ё ҷаҳонишавӣ метавонад танҳо тавассути саъю кӯшиши васеъ ва устувор барои ташаккулиояндаи умумӣ дар асоси мансубияти умумии мо ба насли башар дар тамоми гуногунии он комилан фарогир ва одилона гардад” [200].

Дар шароити ҷаҳонишавии фазои иҷтимоию фарҳангӣ таъсири навовариҳо ба фарҳанги миллии тоҷикон меафзояд. Вобаста ба ин масъалаи ҳифзи анъанаҳои фарҳангӣ ҳарчи бештар мубрам мегардад. Равандҳои ҷаҳонишавӣ хоҳиши мардумро ба ҳифзи фарҳанг ва ҳувияти худ тақвият медиҳанд. Бе ҳифзи фарҳанги анъанавӣ миллат дар раванди ҷаҳонишавӣ аз субъекти муносибатҳои байналмилалӣ ба объекти он мубаддал ёфтанаш мумкин аст. Дар ҳифзи фазои фарҳангии дилхоҳи ҷомеа ҳувияти миллӣ нақши муҳим мебозад. Ҳувияти миллӣ бисёр ҷузъҳо, ба монанди ҷаҳонбинӣ, менталитет, хислати миллӣ, хотираи таърихӣ, анъанаҳи миллӣ, афсонаҳо, рамзҳо, қолабҳои рафтор, забон ва ғайраро дар бар мегирад. Асоси ҳувияти миллиро монандӣ дар тарзи зиндагӣ, анъанаҳо, арзишҳо ташкил медиҳад [38;16].

Барои Тоҷикистон зарур аст, ки баҳри ҳифзи ҳувияти иҷтимоӣ-фарҳангии худ дар давраи ҷаҳонишавӣ ба таҳкими Ваҳдати миллӣ аҳамияти доимӣ диҳад ва маҳз ҳамин падида бояд ҷавҳари миллии инкишофи иҷтимоӣ-фарҳангии ҷомеаи Тоҷикистон қарор гирад. Ваҳдати миллӣ самараи ғояи миллии мост. Зеро маҳз ҳамин ғоя ва ҳувияти миллӣ буд, ки мардуми фарҳангии тоҷик сулҳу ваҳдатро барқарор намуд, якпорчагии қаламрави кишварро нигоҳ дошт ва миллатро аз тақсимшавӣ наҷот дод ва бо ин роҳ шароити мусоид барои рушди давлати соҳибихтиёр фароҳам овард. Ваҳдати миллӣ на танҳо заминаи сулҳу суботи ҷомеа, балки кафолати рушди давлат ва некуаҳволии мардум мебошад [38;17].

Дар ин замина метавон гуфт, ки ҷанбаҳои таҳлили маводи омӯзишӣ ва самти ҷаҳони онро метавон ҳамчун маҷмӯи омилҳои зерин баррасӣ кард:

Инъикоси мавзӯъҳои глобалӣ дар консепсияи миллии маориф дар Тоҷикистон бешубҳа ҷолиб аст. Инсоният, ки ба асри XXI ворид шудааст, худро ҳамчун узви ҷомеае, ки барои идомаи ҳаёт дар рӯйи замин масъул аст, дарк мекунад. Ягонагӣ бо табиат ва дар миқёси сайёра нигоҳ доштани сарватҳои он, иштирок дар равандҳои инкишофи ноосфера, ба тамаддуни техникӣ ҳамроҳ шудан одамонро муттаҳид менамояд.

Яке аз хусусиятҳои хоси асри XXI он аст, ки маориф, сатҳ ва доираи фаъолияти он ба яке аз омилҳои муҳими рушди иқтисодӣ, тағйироти пешрафтаи иҷтимоӣ ва дигаргунсозиҳои фарҳангӣ табдил ёфтаанд, ки сиёсати давлатӣ ба афзалиятҳои он асос меёбад.

Дар ҷомеаи муосир мавқеи инсон, некуаҳволии моддию маънавӣ, истеъдоди қонеъ гардондани эҳтиёҷоти моддию маънавӣ, ҳатто нигаҳдории тандурустии худ бештар ба маърифати ӯ вобаста аст. Нерӯи зеҳнӣ омили муайянкунандаи имкони рушди ҷомеаи тараққикарда мегардад. Таҷрибаи охири садаи XX бо истифода аз мисолҳои Ҷопон, Кореяи Ҷанубӣ ва ИМА нишон медиҳад, ки имкониятҳои инкишофи босуръат ва самараноки давлатро дар асоси баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии шаҳрвандон имконпазир мебошад.

Бисёре аз муҳаққиқони хориҷӣ таъкид мекунанд, ки дар шароити ҷаҳонишавии иқтисоди ҷаҳонӣ ва афзоиши муборизаи байналмилалӣ сармоягузорӣ ба соҳаи маориф як шарти муҳими рушди иқтисодии оянда мебошанд. Бе чунин сармоягузорӣ, бидуни ҳавасмандгардонии аҳли ҷомеа ба рушди маориф рақобатпазирии кишварҳои саноатӣ метавонад ба таври ҷиддӣ коҳиш ёбад.

Монанди дигар муассисаҳои давлатӣ маориф низ дар ҳамкориҳои байналмилалӣ бештар рушд меёбад. Гузашта аз ин, ба далели нақши махсуси дониш дар давраи постиндустриалӣ маориф дар қатори унсурҳои ҳалкунандаи сиёсати «баланд»-и ҷаҳонӣ гузошта шуда, ба яке аз омилҳои таъмини амнияти миллии кишварҳо аз ҳисоби афзоиши равандҳои муносибатҳои байниҳамдигарӣ табдил меёбад. Таҳти таъсири дигаргуниҳои бузурги сиёсӣ ва иқтисодии ҷаҳон, таҳаввулоти низомҳои арзишҳои бисёр кишварҳо, инчунин дар баробари мушкилоти глобалии башарият, маорифи муосир характери глобалӣ пайдо мекунад. Вобаста ба ин, масъалаи навсозии соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле тезутунд аст. Талаботи муосири иҷтимоӣ ба низоми маорифи миллӣ ва мушкилоти хоси он тағйир додани низомӣ ва афзалиятҳои иҷтимоиро зарурияти рушди иқтисодӣ ва дигаргуниҳои сиёсиро давраи гузариш ба миён овардааст.

Воқеан, ҷаҳонишавӣ як падидаест, ки тамоми ҷаҳонро фаро гирифтааст ва он навобаста ба хоҳиши мо ба фарҳанги мо низ таъсир мерасонад. Барои ворид шудан ба ин раванд, моро зарур аст, ки дар баробари пазируфтани он манфиатҳои миллию давлатиамонро ҳифз намоем. Табиист, ки барои ҳама гуна пешрафт, хусусан дар соҳаи маориф мутобиққунонии барномаҳои таълимӣ ва стандартикунонии ихтисосҳо бо стандартҳои байналмилалӣ зарур мебошад. Аз ин рӯ, Ҷумҳурии Тоҷикистон низ пайваста барномаву стандартҳоро бо тақозои замон нав мекунад, ки бевосита ба сатҳу сифати таҳсил таъсири мусбии худро мерасонад. Зимнан бояд ёдовар шуд, ки соли 2021 аксари стандартҳои ихтисосҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии

ҷумҳурӣ аз нав бознигарӣ шуда, ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дастрас гардиданд.

Бояд қайд кард, ки дар рушди ҷомеа нақши таҳсилот бояд дар ҷои аввал бошад. Ин аксиомаест, ки кайҳо ба як амри маъмулӣ табдил ёфтааст. Вақте, ки маориф воқеан пештар кор мекунад, чунин падидаҳо ба назар мерасанд, масалан, Донишгоҳи Колифорнияи Беркли ИМА, ки ҳамчун муассисаи таълимӣ боқӣ мондааст, дар айни замон як маркази таҳқиқотӣ мебошад ва технологияҳоеро ба вуҷуд меорад, ки тамоми ҷаҳонро тасхир мекунанд.

Чӣ тавр таҳсилот метавонад дар ҷои аввал бошад? Маълум аст: чизеро таълим додан мумкин нест, ки ҳануз вуҷуд надорад. Вале ба донишомӯз дониши муҳимтарин додан мумкин аст, дар айни замон имкониятҳои ақлию зеҳнии вайро ба ҳалли масъалаҳои фундаменталӣ, консептуалӣ равона кардан мумкин аст. Маҳз мафҳуми таълим дар низом ин огоҳӣ навгониҳо ва амали мушаххасест, ки он ҷустуҷӯӣ ва дарёфти роҳи нави ҳалли масъала, истифодаи усулҳои пешрафтатар ва ҷасоратро таъмин мекунад.

Ҳукуматдорон аксар вақт сабаби коҳиши рақобатпазирии иқтисодро дар низоми маориф медонанд, ки ба гуфтаи онҳо, ҷавононро барои иқтисоди нави ҷаҳонӣ ба қадри кофӣ омода намекунад [183;4].

Бисёре аз нашрияҳои созмонҳои байналмилалӣ, ки ба мушкилоти маориф бахшида шудаанд, бе истинод ба ҷаҳонишавӣ ба нашр намерасанд. Масалан, дар гузориши “Вазъи маориф дар ҷаҳон”-и ЮНЕСКО дар соли 2000 омадааст, ки зарурати беҳтар намудани фаъолияти низоми маориф, дар ҳоле ки дар ҷаҳон тағйироти ҷиддӣ дар натиҷаи ҷаҳонишавӣ ва инқилоб дар технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба вуҷуд омадааст, муҳимтар мегардад [28;5].

Айни ҳол метавон гуфт, ки афзоиши назарраси тамоюлҳои байналмилаликунонии таҳсилот ва рушди байналмилалии он мулоҳиза ронд, ки аз ҷумла, дар зери таъсири ҷамбаҳои ҷаҳонишавии иқтисод, рушди соҳаи муосири шабакаҳои иттилоотии ҷаҳонӣ рушд кардааст. Барои муайян кардани он, ки самтҳои анъанавии фаъолияти байналмилалии таҳсилоти олӣ

дар шароити ҷаҳонишавӣ чӣ гуна дигаргун шудаанд ва шаклҳои нави муносибатҳои байналмилалие, ки ба вуҷуд омадаанд, дар таҳсилоти олии муосир ҷойгоҳро ишғол мекунанд, дар асоси истифодаи технологияи навтарини информатсионӣ таҳқиқоти амиқи илмӣ гузаронидан лозим аст.

Дар ин замина суоле ба миён меояд, ки фарқи байни глобализатсия ва байналмилаликунонӣ чист? Байналмилаликунонӣ бо чунин тартиби ҷаҳонӣ алоқаманди дорад, ки дар он доштани нақши бартарӣ ба кишварҳои миллӣ тааллуқ дорад. Дар кишварҳои миллӣ сарҳадҳои сиёсӣ вуҷуд доранд, ки тавассути онҳо фаъолиятҳои анъанавӣ оид ба байналмилаликунонии таълим (табодули донишҷӯён, мутахасисон, ҳамкории муассисаҳои олӣ, корҳои муштараки таҳқиқотӣ) амалӣ карда мешаванд.

Глобализатсия, ба ақидаи бархе муҳаққиқони ғарбӣ, бунёдитарин мушкилоти донишгоҳ дар таърихи тӯлонии худ аст. Глобализатсия қобилияти мавҷудияти донишгоҳро ҳамчун муассисаи давлатӣ зери шубҳа мегузорад. Ба ақидаи П.Скотт, глобализатсияро шакли олии байналмилаликунонӣ шумурдан мумкин нест, зеро байналмилаликунонӣ мавҷудияти давлати миллиро пешбинӣ менамояд, дар ҳоле ки глобализатсия онро инкор мекунад [141;3-8].

Айни ҳол саволе ба миён меояд, ки чаро муассисаҳои олии касбӣ ё муассисаҳои миёнаи касбӣ бояд байналмилаликунонӣ шавад, то ҳол ҷавоби аниқ надорад. Бояд даққиқтар дарк кард, ки муваффақияти давлатҳои тараққикардаи саноатӣ дар иқтисоди оянда ба дониш ва хидматрасонӣ на танҳо такмили таҳсилоти олӣ, балки кулли зинаҳои таҳсилотро тақозо кунад, ки бо рушди байналмилалии ҳукуматҳо ва бахши хусусӣ муттаҳид карда шавад. Хар як вазифа аз он иборат аст, ки ба ин ҳамгироӣ бо нигоҳ доштани мақсадҳои анъанавии универсалии таҳсилоти олӣ ноил гардонидани кишварҳои мо низ зарур мебошад. Собит кардани ин дар он аст, ки ҷаҳонишавии иқтисод ва пешравии технологияи ҷаҳонии донишеро ба вуҷуд меорад, ки байналмилаликунонии истеҳсолкунандагон ва маҳсулоти он, аз

ҷумла донишгоҳҳо ва дигар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва барномаҳои таълимии пешниҳодкардаи онҳоро дар бар мегирад [47; 41].

Барои пешрафти шаклҳои муосири таълими фосилавӣ бо истифодаи интернет ва рушди глобалии шумораи провайдерҳои алтернативии чунин таълим татбиқи технологияҳои муосири иттилоотӣ ба он оварда мерасонад, ки ҳарчанд ҳаракати воқеӣ аҳамияти муҳим дорад, аммо дар он торафт бештар танҳо як унсури байналмилаликунонӣ дида мешавад.

Баъзе мутахассисон таъсири ҷаҳонишавӣ ва афзоиши маорифро меомӯзанд ва ба он таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд, ки шароити рушди таҳсилоти олӣ, ки таҳти таъсири он тағйир ёфтаанд (пеш аз ҳама коҳиши маблағгузории давлатӣ) ба асосҳои фаъолият ва ташкили муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ чӣ гуна таъсир расонидааст; низоми таҳсилоти олӣ, фаъолияти муассисаҳои он, он сухан дар бораи тиҷоратикунонии таҳсилоти олӣ, дигаргуниҳо дар идоракунии муассисаҳо, ки рушди рақобат дар бозори хизматрасонии таълимӣ меравад, диққати ҷиддӣ медиҳанд. Дар ҳамин ҳол, гуруҳе бар ин назаранд, ки маҳз дар заминаи истифода аз фановариҳои электронии навтарин раванди ҷаҳонишавии худи маориф низ фаъолияти хуб доранд.

Ҳамин тавр, то ҳол касе таърифи ба қадри кофӣ возеҳу асосноки ҷаҳонишавии таҳсилотро надодааст (ҳарчанд сарварони баъзе донишгоҳҳо бо мақсади реклама шитоб мекунанд, ки худро ҷаҳонӣ ё хоксортараш, донишгоҳи дорои тамоюли глобалӣ номид). Дар робита ба ин, ҷаҳонишавии маорифро метавон аз чанд ҷиҳат баррасӣ кард:

– ҳамчун марҳилаи таҳаввулоти маориф, ки хоси ҷомеаи нави иттилоотӣ мебошад;

– ҳамчун хусусияти фазои иқтисодӣ, ки тавассути низоми робитаҳои мустақим ва бозгашти илм, фарҳанг, маориф ва соҳибкорӣ, ки муҳити зисти субъектҳои хоҷагидориро ташкил медиҳанд, зуҳур меёбад;

– ҳамчун раванди конвергенсия, ба характеристикаҳои ягонаи структурӣ расондани низомҳои маорифи миллӣ дар асоси стандартикунонии

талабот ба дараҷа ва сифати омодасозии мутахассиси баландихтисос, имкон медиҳад, ки шахс шаҳрванди ҷаҳон шавад.

Ин ҷо зарур мешуморем ба ин масъалаву муқаррарот муфассалтар назар андозем.

Махсусан бояд таъкид гардад, ки маориф омили муайянкунандаи рушди ҷомеа буда, бояд ба ҷавонон барои мутобиқ шудан ба ҷаҳони нави иттилоотӣ, ки аз имрӯз фарқ мекунад ва салоҳиятҳои навро тақозо мекунад, кумак кунад. Ба андешаи мутахассиси фаронсавӣ А. Мишел маориф бояд пеш аз ҳама донишомӯзонро дар шароити пешрафти босуръати илмию техникӣ ба ҳаёт омода созад. Низоми маориф бояд натиҷаҳои фоиданоки пешрафти илму техникаро интихоб карда, баъзе натиҷаҳоро зери шубҳа гузорад. Дар назди маориф вазифаи рафъи ба ном бесаводии функсионалӣ истодааст. Тахмин карда мешавад, ки он ҳоло қариб 20 фоизи аҳолии мамлакатҳои саноатиро фаро мегирад [190;9-16]. Ғайр аз ин, дар шароити пешрафти илму техника зарурати мунтазам такмил додани ихтисоси муаллимон ба миён омадаст.

Аз гуфтаҳои боло ба ин натиҷа метавон расид, ки муносибати илмӣ ба ҳалли масъалаҳои ҷаҳонишавӣ ва иттилоотикунонии маориф вазифаи азхудкунии маҷмӯи донишу маҳорат ва малакаҳои касбӣ аз ҷониби донишомӯзон, ташаккул додани чунин сифатҳои шахсиро, ки иҷрои бомуваффақияти вазифаҳои фаъолияти касбиро таъмин карда метавонанд, аҳамиятнок мегардонад.

## 2.4. **Санҷиши самаранокии модели ҳамкориҳои байналмилалӣ ва равияи шахсиятӣ-фаъолмандии донишҷуён дар озмоиши таълимӣ**

Дар бахши мазкур ҷараён, мундариҷа, натиҷаҳои таҳқиқоти кори таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба самаранокии модели ҳамкориҳои байналмилалӣ ва равияи шахсиятӣ-фаъолнокии донишҷуён ҷиҳати ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни донишгоҳҳои омӯзгорӣ ҳангоми таълими забонҳои хориҷӣ таҷассум мегардад.

Озмоиш дар доираи факултети забони англисӣ ва забонҳои Шарқ, инчунин факултети забонҳои романӣ-германии ДДОТ ба номи С. Айнӣ ва факултетҳои забони англисӣ ва забонҳои романӣ-германии ДБЗХТ ба номи С.Улуғзода гузаронда шуд.

Барои ташхиси самаранокии модели ҳамкориҳои байналмилалӣ ва равияи шахсиятӣ-фаъолнокии донишҷуён ҷиҳати ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии онҳо мо гурӯҳҳои озмоишӣ (ГО) ва гуруҳҳои санҷишӣ (ГС) ташкил кардем, ки донишҷӯёни курсҳои I-IV-ро дар бар мегирифт.

Мақсади таҳқиқот - аз ҷиҳати озмоишӣ тафтиш кардани маҷмӯи шароитҳои педагогӣ ва модели ҳамкориҳои байналмилалӣ ва амалигардонии равияи шахсиятӣ-фаъолнокии донишҷуён ҷиҳати ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии онҳо дар раванди таълими муошират бо забони хориҷӣ, инчунин дақиқ кардани хулосаҳои қавоиди назариявӣ мебошад.

Тибқи мақсади таҳқиқот чунин вазифаҳои озмоиш муайян карда шуданд:

1.Дақиқ кардани моҳият ва сохтори салоҳиятмандии коммуникативии омӯзгорониояндаи забонҳои хориҷии донишгоҳҳои педагогӣ оид ба ҷавобгӯ будан ба талаботи ихтисосманд.

2. Таҳқиқи инкишофёбии салоҳиятмандии коммуникативии омӯзгорониояндаи забонҳои хориҷии донишгоҳҳои омӯзгорӣ дар раванди таълими муошират бо забони хориҷӣ.

3.Ба раванди таълими муассисаҳои таҳсилоти олӣ татбиқ гардондани шароитҳои педагогии ҳолати рушд ва ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии омӯзгорониояндаи забонҳои хориҷии донишгоҳҳои омӯзгорӣ дар раванди таълими муошират бо забони хориҷӣ.

4.Омӯзиш ва таҳлили таҳарруки нишондодҳои рушд ва ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии омӯзгорониояндаи забонҳои хориҷии донишгоҳҳои омӯзгорӣ дар раванди таълими муошират бо забони хориҷӣ.

5.Ҷамъбасти натиҷаҳои таълими таҷрибавӣ-озмоишӣ.

Дар раванди марҳилаи озмоиши муқарраркунанда маҷмуи усулҳое мавриди истифода қарор гирифтанд, ки самаранокии модели таҳиянамударо оид ба ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷуён дар таълими забонҳои хориҷӣ: мушоҳида, анкетагузаронӣ, тест, мусоҳиба ва ғайра таъмин мекарданд.

Дар давраи муқарраркунандаи кори таҷрибавӣ-озмоишӣ таҳлили вазъи проблемаи ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни факултети забони англисӣ ва факултети забонҳои романӣ-германии ДДОТ ба номи С.Айнӣ ва факултетҳои забони англисӣ ва забонҳои романӣ-германии ДБЗХТ баном С.Улуғзода тибқи ҳамкориҳои байналмилалӣ гузаронда шуд, самтҳои афзалиятнок дар мундариҷаи кор оид ба ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии толибилмон муайян карда шуданд, меъёрҳо, нишондодҳо ва дараҷаҳои ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни донишгоҳҳои омӯзгорӣ коркард карда шуданд, ташхиси дараҷаи ибтидоии салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯён ба роҳандозӣ гардид, шартҳои дидактикие, ки ҷиҳати рушди самараноки салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни донишгоҳҳои омӯзгорӣ кӯмак намуданд, ошкор ва аз лиҳози назариявӣ асоснок карда шуданд.

Дар марҳилаи номбаршуда мо мақсади таҳлили дараҷаи ибтидоии салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни донишгоҳҳои омӯзгорӣ ва малакаҳои кори онҳоро ҷиҳати ҳамкориҳои байналмилалӣ ва технологияҳои мултимедиро пайгирӣ намудем. Ба ин маъно натиҷаҳои пурсиши анкетавии донишҷуён қобили тазаккуранд: 7,6 % донишҷӯён чунин мешуморанд, ки фанни аз ҷониби онҳо омӯхташавандаи «Амалияи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ аз забони англисӣ» дар фаъолияти минбаъдаи онҳо боиси дархосташон намегардад; 22,7 % меандешанд, ки вақти пайдо шудани майлу рағбат ва зарурат метавонанд фанни пешниҳодшударо мустақилона омӯзанд; 36,9 % оид ба зарурати азхудкунии фанни «Амалияи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ аз забони англисӣ» дар доираи таълими ҳамгиро ва ҳамфаъол ҷиҳати инкишофи касбияти муаллими оянда боварӣ доранд.

Аз натиҷаи буришҳо чунин хулоса карда шуд:

1. Дар аксарияти донишҷӯён қобилият ба шарикии коммуникативӣ ташаккул наёфтааст. Муҳассилин техникаи оростани суҳбат, меъёрҳои фарҳанги нутқӣ ва рафтори нутқиро намедонанд. Аз рӯйи натиҷаҳои ташхиси соли 2019 фақат 23,4 % муҳассилини ГО ва 21, 7 % ГС техникаи суҳбатороиро ба дараҷаи баланд медонанд.

2. Дар бештари муҳассилин дараҷаи поёни таҳаммулпазирӣ (55,4 % дар ГО, 44,6 % дар ГС тибқи натиҷаҳои соли 2021) ба қайд гирифта шуд. Чунин далел онро нишон медиҳад, ки донишҷӯён ба гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ-фарҳангӣ эҳтиром дошта бошанд ҳам, муносибати онҳо шахсони дигар фарҳанг қолабӣ мебошад. Муҳасилини зиёд дараҷаи миёнаи ҳамраъӣ зоҳир менамояед.

3. Толибилмон ба азхуд кардани забон ва фарҳанги хориҷӣ иштиёқ доранд. Бино бар ин дараҷаи баланди иштиёқ ба мундариҷаи байнифарҳангии фанни «Амалияи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ аз забони англисӣ» шаҳодат медиҳад. Вале дар бисёрии донишҷӯён дараҷаи миёнаи ангеза ба азхудкунии салоҳиятмандии коммуникативӣ мушоҳида карда мешавад.

Ҳамин тариқ, аз рӯйи натиҷаҳои озмоиши муқарраркунанда, таҳқиқоти мо нишон дод, ки дар *давраи ибтидоии озмоиш* ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогӣ дар дараҷаи поён қарор дошт.

Аз таҳқиқот маълум гардид, ки бисёрии толибилмони донишгоҳҳои омӯзгорӣ доир ба инкишофи салоҳиятмандии коммуникативӣ соҳиби дараҷаҳои миёна (35, 7 % дар ГО ва 21, 4 % дар ГС) ва паст (16, 6 % дар ГО ва 43, 8 % дар ГС) мебошанд.

Кори бомақсадро оид ба ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогӣ мо ҳамчун раванди бутуне, ки ба мувофиқати қисматҳои пешбарандаи он асос ёфтааст, аз инҳо иборат донистем:

мақсадгузорӣ, ки талаботи ширкати яквақтаи кулли

донишҷӯёнро дар иҷрои вазифаҳои алоҳида инъикос мекард;

мундариҷавӣ, ки ба интихоби донишҳое, ки ба ташаккули бомуваффақияти салоҳиятмандии коммуникативӣ мусоидат мекунанд, асос ёфтааст;

технологӣ, ки шароитҳо, методҳо ва воситаҳои ташаккули салоҳиятмандии коммуникативиро муайян мекунад;

баҳодиҳӣ-натиҷавӣ, ки ба таҳияи методикаҳои муайянсозии салоҳиятмандии коммуникативӣ асос ёфтааст.

Дар рафти озмоиши педагогӣ мо шароитҳо ва маҷмӯи воситаҳои дидактикӣ-методии ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёнро ошкор намудем. Шароитҳо ҳам шароитҳои дохилӣ ва ҳам шароитҳои беруниро назардошт мекунанд.

Шароитҳои берунӣ мавҷудияти синфхонаии компютерӣ, лавозимоти дидактикӣ, маводҳои таълимӣ-методӣ, барномаҳои компютерии таълимдиҳанда ва қабатҳои тестӣ мебошад.

Таҳлили назариявии адабиёти педагогӣ, психологӣ ва методӣ оид ба проблемаҳои таълими фарҳанг, коммуникатсияи байнифарҳангӣ, таҷрибаи шахсӣ дар соҳаҳои мазкур ба мо имкон доданд, ки маҷмӯи зерини омилҳои объективӣ ва субъективии психологӣ-педагогии ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии омӯзгорониояндаи забонҳои хориҷиро ҷудо созем.

Омилҳои объективӣ:

- истифодаи низоми матнҳои саҳеҳи равияҳои коммуникативӣ, байнифарҳангӣ ва якфарҳангӣ;
- даврияти назорати донишҳо, малакаҳо ва маҳоратҳое, ки ба мундариҷаи салоҳиятмандии коммуникативӣ дохил мешаванд;
- тарҳрезии раванди таълими забони хориҷӣ бо ҷудосозии ҳиссаи аҳамиятноктари вақти таълимии омӯзиши фарҳанг;
- шахсияти омӯзгор: беғаразӣ, таҳаммулпазирӣ, эҳтиром ба донишҷӯ, қобилияти фаҳмидани ҳолати ботинии донишҷӯ, дилсӯзӣ кардан

ба ӯ, маҳорати фароҳамоварии фазои аз лиҳози психологӣ бароҳат дар машғулиятҳо, дараҷаи баланди салоҳиятмандии коммуникативӣ.

Омилҳои субъективӣ:

- бадастоварии маълумот оид ба моҳияти коммуникатсияи байнифарҳангӣ ва донишҳои иҷтимоӣ - фарҳангӣ;
- таҳлил ва муқоисаи падидаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ;
- мавҷудияти ангезаи ҳамгироии донишҷӯён;
- сифатҳои шахсиятии донишҷӯ: эҳсоси чизи нав, идроки ғояҳои нав, фаҳмиши ҳолати психологии ҳамсуҳбат, ҳамрайъӣ ба ӯ, таҳаммулпазирӣ ба номушобеҳӣ ба ақидаи бегона, муносибати мусбат ба фарҳанги ғайрзабонӣ, ба соҳибони он.

*Озмоиши ташаккулдиҳанда* омӯзиши босамари технологияи коркардаамонро пешбинӣ намуда, ҳангоми озмоиши ташаккулдиҳанда ба муносибати маҷмӯӣ ба пурмаҳсулгардонии иттилоотикунонии таълими касбӣ такя намудем. Тағйирёбӣ дар таносуби мақсадҳо ва мундариҷаи фанни «Амалияи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ аз забони англисӣ» ба қайд гирифта шуд:

гузариш ба татбиқи машғулиятҳои интерактивӣ на танҳо дар чорчӯбаи истифодаи интихобии барномаҳои компютерӣ, инчунин дар чаҳорчӯбаи машғулиятҳои аудиторӣ бо истифодаи на танҳо имкониятҳои моделсозӣ, инчунин бозиҳои нақшофари аз ҷиҳатитартиб ва татбиқ мураккаб;

тақвият бахшидан ба таваҷҷуҳ нисбати технологияҳои иттилоотӣ дар чаҳорчӯбаи машғулиятҳои аудиторӣ, аз ҷумла баргузории машғулиятҳо дар синфхонаи компютерӣ ҳангоми ҷустуҷӯи иттилоот оид ба мавзуъҳои алоҳида дар шабакаи Интернет, дар вақти тетстгузаронии ибтидоӣ ва дараҷавӣ оид ба мавзуъҳои алоҳидаи грамматикӣ ва лексикӣ, инчунин истифодаи интихобии имкониятҳои дастурҳои мултимедиавии таълимӣ.

Санҷиши амсилаи таҳиягардида ва ҷамии шартҳои дидактикӣ ҷиҳати инкишофи босамари салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯён ҳангоми таълими забонҳои хориҷӣ ба чунин тарз муайян намуд:

1.Коркард ва татбиқи амалии дар амал ҷорисозии барномаи созгори ташхисӣ барои муайянкунии дараҷаҳои салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯён чунин имкон доданд: ҳангоми ҳалли вазифаҳои педагогии вобаста ба ташаккули салоҳиятмандии коммуникативӣ усулҳои шавқовар ва босамари кор интихоб гарданд.

2.Тайёр кардани ҷиаҳтаҳои назариявӣ-методии омӯзгорон ҳангоми кор бо донишҷӯён дар ташаккули салоҳиятмандии коммуникативӣ.

3.Дар раванди ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогӣ истифода бурдани технологияҳои муосири иттилоотӣ ба роҳ монда шавад.

Дар давраи кори таҷрибавӣ-озмоишӣ дар раванди таълим модели асосноки ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷиҳати ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогӣ зимни таълими муошнрати ғайрзабонӣ коркард ва татбиқ карда шуд, маҷмӯи шароитҳои педагогӣ ва технологияҳои педагогӣ, ки ба рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷиҳати ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни донишгоҳи омӯзгорӣ мусоидат мекунад, санҷида шуд, шаклҳо ва методҳои беҳтари кор оид ба ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯён муайян карда шуданд.

Дар давраи мазкури ташаккулдиҳанда рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷиҳати ташаккули салоҳиятмандии коммуникативӣ дар машғулиятҳо оид ба забони англисӣ шиносоии минбаъдаро бо хусусиятҳои раванди муошират пешбинӣ мекунад. Дар ин ҷо, мо қарор додем бо такя ба имкониятҳои табиии донишҷӯён маҳдуд нашавем ва хусусиятҳои муносибати муоширатӣ ва фарҳангшиносиро зимни таълими забони хориҷӣ истифода барем. Фарҳангшиносии забоншиносӣ бояд ба татбиқи мавзӯии фарҳанги коммуникативӣ мусоидат намуда, мақсади асосии давраи мазкур аз ҷониби донишҷӯён азхудкунии дурнамоҳои мухталиф муошират дар заминаи ҳолати байнифарҳангӣ мебошад.

*Ҷамъбасти давраи дуюми озмоиш* маҷмӯи натиҷаҳои зеринро пешниҳод намуд: баландравии дараҷаи донишҳо ва маҳоратҳои коммуникативӣ ва байнифарҳангии донишҷӯён, дараҷаи таҳаммулпазирӣ ва ҳамрайъӣ, ҷалби донишҷӯён ба фаъолияти суръатноки байнифарҳангӣ ва ҳамчун пайомад баландравии ташаккули ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷиҳати ташаккули салоҳиятмандии коммуникативӣ дар гурӯҳҳои эксперименталии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогӣ.

Муошрати босамара «дар миёни намояндагони фарҳангҳои мухталиф барои рафъи монеаи забонӣ ва фарҳангӣ муҳим аст» [72; 27]. Ҷанбаи муҳими кори таълиму тарбияи омӯзгоронро барои факултети забони англисӣ ва забонҳои Шарқ, инчунин факултети забонҳои романӣ-германии ДДОТ ва факултетҳои забони англисӣ ва забонҳои романӣ-германии ДБЗХТ ташаккули салоҳиятмандиҳои коммуникативӣ ва этникӣ-фарҳангӣ таркиб медиҳад. Раванди педагогӣ ба омӯзиши хусусиятҳои фарҳанги кишвар равона карда шудааст. Аз худ кардани расму оин, таърих ва фарҳанги ватани хеш ва кишвари бегона аз фоида холӣ нест.

Натиҷаи давраи озмоишро мо баъди коркарди оморӣ дар ҷадвали зерин ифода намудем.

**а**

***Ҷадвали 8. Дараҷаи ташаккули таҳаммулпазирии байниэтникии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогӣ (бо %%)***

| р/т | Дараҷаи ташаккули таҳаммулпазирии байнифарҳангӣ | ГО | | ГС | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | Мусбат | Манфӣ | Мусбат | Манфӣ |
| 1 | Вақте ҳамкурсатон аз гурӯҳи этникии дигар, ҷойи | 83,6 | 16,4 | 37,9 | 62,1 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | ҷоизавиро мегирад, Шумо хурсанд мешавед? | | | | |
| 2 | Барои Шумо ба ҳамкурсатон аз гурӯҳи этникии дигар ёрӣ расондан писанд аст? | 85,1 | 14,9 | 38,4 | 61,6 |
| 3 | Вақте ҳамкурсатон аз гурӯҳи этникии дигар дар мубоҳиса ба Шумо ҳусни тафоҳум зоҳир мекунад, бароятон гуворост? | 82,3 | 17,7 | 39,2 | 60,8 |
| 4 | Ба Шумо дар таҷлили идҳо дидани меҳмонони хориҷӣ гуворост? | 81,5 | 18,5 | 36,2 | 63,8 |
| 5 | Вақте намояндаи гурӯҳи этникии дигар дар иди Меҳргон ҳосилоти худро нишон медиҳад, Шумо хурсанд мешавед? | 83,4 | 16,86 | 36,4 | 63,6 |
| Ба ҳисоби миёна | | 83,2 | 16,8 | 43,4 | 56,6 |

Тибқи нишондодҳои ҷадвал маълум мегардад, ки дар 83,2 % донишомӯзони курсҳои I-IV ДБЗХТ ба номи С.Улуғзода ва ДДОТ ба номи С.Айнӣ ҷиҳати амалисозии ҳамкориҳои байнишахсиятӣ дараҷаи баланди таҳаммулпазирӣ сабт гардид.

Сарфи назар аз ин 16,8 % донишомӯзон дараҷаи пасти таҳаммулпазирӣ нишон доданд. Ба чунин доништалабон қолаб ва муқаррароти ғайри таҳамулпазирӣ нисбат ба намояндагони миллатҳои дигар хос мебошанд.

Самарабахшии технологияи пешниҳодгардидаи ташаккули салоҳиятмандии коммуникативӣ зимни омӯзиши фанни «Амалияи нутқи шифоҳи ва хаттӣ аззабони англисӣ» мувофиқи маълумотҳои нишондодаи В.П. Беспалко муайян карда шуд: давомот, самаранокии фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён, самаранокии раванди таълим. Нишондодҳои дар рафти озмоиш бадастоварда самаранокии шаклҳои воридкардашудаи машғулиятҳоро миқдоран тасдиқ менамоянд (КСТ - кооффисенти самаранокии таълим - дар гурӯҳи эксперименталӣ - 0, 74, дар гурӯҳи санҷишӣ - 0, 32-ро ташкил дод). Салоҳияти ғайрзабонии донишҷӯён, ки дар маҷрои технологияи коркардшуда ташаккул ёфтааст, якчанд қисми таркибиро назардошт мекунад: салоҳиятҳои лингвистӣ, мавзӯӣ ва иҷтимоӣ-лингвистӣ.

Дар худинкишофёбии шахсият технологияи моделсохташуда мусоидат мекунад, маҷмуи сифатҳои барои мутахассиси ояндаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогӣ заруририро ташаккул медиҳад (мустақилият дар қабули қарорҳо, масъулиятшиносӣ, ҳамрайъӣ, таҳаммулпазирӣ, хайрхоҳӣ, омодагӣ барои ёрирасонӣ, талабот ба маърифат ва худшиносӣ, рефлексия, одоби муоширах, рушди малакаҳо, талабот ба фаъолияти тағйирёбанда, зеҳни мутараққӣ, рафтору гуфтори нек).

Таҳлили натиҷаҳои озмоиши ташаккулдиҳанда, суҳбатҳо, пурсиши анкетавӣ нишон дод, ки 64% муҳассилин ба вазифаҳои интерактивии нақшии пешниҳодкардашуда таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд; 75% донишҷӯён иброз намуданд, ки истифода намудани технологияҳои инноватсионӣ ва технологияи компютерӣ дар фаъолияти касбии ояндаи онҳо манфиати зиёд меорад.

Баъди кори таҷрибавӣ-озмоишӣ миқдори донишҷӯёне, ки дараҷаи баланди салоҳиятмандии коммуникативиро ноил гаштаанд, ба 54,6 % дар гурӯҳҳои озмоишӣ расид. Ҳиссаи фоизии донишҷӯёни гурӯҳҳои санҷишӣ, ки дараҷаи баланди салоҳиятмандии коммуникативӣ доштанд, кам тағйир ёфт.

Дар *саҷиши ҷамъбастӣ* доир ба одоби нутқ дар кишвари забони хориҷӣ, амсиласозии коммуникатсияи байнифарҳангӣ ва бозиҳои нақшофарӣ ҷиҳати салоҳияти коммуникативӣ дар амалисозии ҳамкориҳои байналмилалӣ анкета ва тест гузаронида шуданд.

Мутобиқи нишондодҳои пайдо гардида, 69, 2 % муҳассилин аз курсҳои I-IV ГО доир кишвари забони омӯзиш тассавуроти хуб доранд, дар ГС ин маълумот 30, 8 % -ташкил медиҳад. Ин натиҷаҳо аз самаранок будани таълими озмоиширо гувоҳ аст. (Ҷадвали 9.).

***Ҷадвали 9. Дараҷаи тасаввуроти донишҷӯён оид ба кишвари худ ва кишвари забони мавриди омӯзиш (бо %%)***

| р/т | Дараҷаи тасаввурот оид ба кишвари худ ва мамлакати забони мавриди омӯзиш | ГО | | ГС | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | Мусбат | Манфӣ | Мусбат | Манфӣ |
| 1. | Британияи Кабир дар кадом қитъа ҷойгир аст? | 70,3 | 29,7 | 34,7 | 65,3 |
| 2. | Шумо кадом нависандагон ва оҳангсозонги тоҷикро медонед? | 69,4 | 30,6 | 31,2 | 68,8 |
| 3. | Ҷашнҳои миллии тоҷикиро номбар кунед. | 72,9 | 27,1 | 33,5 | 66,5 |
| 4. | Пойтахти Англия кадом шаҳр аст? | 68,6 | 31,4 | 35,3 | 64,7 |
| 5. | Пойтахти ИМА кадом шаҳр аст? | 60,7 | 39,3 | 34,9 | 65,1 |
| 6. | Мақбараи А. Рӯдакӣ дар кадом мавзеи Тоҷикистон аст? | 71,5 | 28,5 | 33,6 | 66,4 |
| 7. | Ҷумҳурии Тоҷикистон чанд вилоятро дорост? | 70,7 | 29,3 | 32,4 | 67,6 |
| | Ба ҳисоби миёна | 69,2 | 30,8 | 33,7 | 66,3 |

Аз рӯйи маълумотҳои анкета оиди донишҷӯёни забонҳои хориҷии ДДОТ ба номи С. Айнӣ ва ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода хулоса бароварда мешавад, аксари муҳассилинро пурсиши анкетавӣ қонеъ гардонидааст.

Ба андешаи донишомӯзони зиёд аз ГО ва ГС (69, 2 % - 33, 7 %), донистани расму оини кишвари лисони омузишӣ мусоидат намуд, ки дониши худро сайқал дода, қобилияти суханрониро рушд бидиҳанд. Онҳо иброз доштанд, ки иштиёқашон нисбат хусусиятҳои фарҳангии ҶТ, Англия ва ШМА афзудааст.

Натиҷаҳои фаъолияти озмоишӣ нишон доданд, ки тағйирёбии нишондодҳои дараҷаи ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогӣ ба таври мусбат боло рафта, ангезаи мусбати толибилмон зиёд гардидааст.

Ҳамин тавр, натиҷаҳои ҳосилгаштаи кори таҷрибавӣ-озмоишӣ ба мо имкон медиҳанд тасдиқ намоем, ки дараҷаи ҳамкориҳои байналмилалӣ ва ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯён вобаста ба маълумотҳои асосӣ дар ГО нисбат ба ГС баландтаранд, ки ин аз самарабахшии таҳқиқоти мазкур дар давраи ташаккулдиҳандаи озмоиш гувоҳӣ медиҳад. Натиҷаҳои мазкур ба туфайли татбиқи модели коркардшудаи ҳамкориҳои байналмилалӣ ва ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯён дар раванди таълими забонҳои хориҷӣ ва шароитҳои зерини педагогӣ имкон пайдо кардааст:

-таҳлил ва ташхиси дараҷаи ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯён ва корҳои ислоҳӣ;

-иҷрои омодасозии мувофиқи назариявӣ-методии омӯзгорон ҳангоми кор бо донишҷӯён оид ба ташаккули салоҳиятмандии коммуникативӣ дар онҳо;

-истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ ва иттилоотӣ дар ҷараёни ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯён.

Ҳамин тавр, коркард ва санҷиши модели раванди ҳамкориҳои байналмилалӣ ва ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯён дар шароитҳои донишгоҳҳоии омӯзгорӣ зимни таълими муошират бо забони хориҷӣ, татбиқсозии шароитҳои педагогии дар боло зикрёфта имкон доданд:

1.Дараҷаи ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии аксарияти донишҷӯёни ба ҳайати гурӯҳҳои озмоишӣ воридбуда баланд бардошта шавад.

2. Барои азхудкунии донишҳо ва қобилиятҳои коммуникативӣ дараҷаи ангеза баланд бардошта шавад.

3.Дараҷаҳои таҳаммулпазирӣ ва ҳамрайъӣ, сифатҳои пешбари шахсиятие, ки ба ҷараёни муоширати байнифарҳангиву байналмилалӣ таъсири мусбат мерасонанд, баланд бардошта шаванд.

4.Ҷамъи душвориҳои донишҷӯён дар азхудкунии донишу маҳорат ва қобилиятҳои коммуникативӣ ошкор ва бо истифодаи технологияҳои муосири тамоюли шахсиятӣ саривақт кумаки зарурӣ расонда шавад.

5. Дараҷаи саводнокии коммуникативӣ ва байнифарҳангии омӯзгорони ояндаи забонҳои хориҷӣ баланд бардошта, иқтидори тарбиявии фанни «Амалияи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ аз забони англисӣ» барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогӣ босамара истифода бурда шавад.

6. Технологияҳои муосири педагогӣ ва иттилоотӣ дар раванди таълими забони хориҷӣ татбиқ карда шаванд.

*Давраи сеюм - ҷамъбасткунанда* мақсади хулосабарории натиҷаҳои таҳқиқот ва коркарди омории онҳоро дошт.

Мақсади асосии давраи ҷамъбасткунанда татбиқи технологияи тамоюли касбӣ барои рушди малакаҳои нутқи тамоюли касбӣ буд [9;39].

Баҳодиҳӣ ба дараҷаи инкишофи салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни донишгоҳҳои омӯзгорӣ ҳамчун яке аз шартҳои амалисозии амсилаи пешниҳоднамуда пиндошта мешавад. Озсоиш дар марҳилаҳои аввал ва ҷамъбастии таҳқиқот мувофиқи дастгоҳи коркарди меъёрӣ-арзёбӣ баргузор гардид. Нишондодҳои санҷиши ибтидоӣ ва ниҳоии таҳқиқот таззодҳои бузургро дар дараҷаҳои инкишофи салоҳиятмандии коммуникативии (СК) донишҷӯёни гурӯҳҳои озмоишӣ (ГО, п=160) ва санҷишӣ (ГС, п=148) тасдиқ карданд.

***Ҷадвали 10. Баҳои рушди дараҷаҳои ташаккули СК-и донишҷӯёни гурӯҳҳои озмоишӣ ва санҷишӣ дар давраҳои аввал (ДА) ва ҷамъбастии (ДҶ) кори таҷрибавӣ-озмоишӣ (бо %%) (баҳогузории коршиносон)***

| Гурӯҳҳо | ГО | | ГС | |
|---|---|---|---|---|
| Озмоишҳо // Дараҷаҳо | Оғози озмоиш | Охири озмоиш | Оғози озмоиш | Охири озмоиш |
| Дониши толибилм | 50,1 | 62,4 | 27,2 | 30,3 |
| Ангезаи муҳассилин | 51,2 | 60,7 | 27,6 | 29,5 |
| Омода будани толибилм ба коммуникатсия | 50,3 | 60,8 | 33,1 | 34,3 |
| Розигӣ аз муҳити психологии коллектив | 51,5 | 61,2 | 32,2 | 33,7 |
| Омода будани муҳассилин ба гуфтугӯ | 52,3 | 62,4 | 33,6 | 34,8 |

Тавре аз ҷадвал возеҳ мегардад, ҳангоми нишондодҳои қариб баробари ГО ва ГС дар оғози кори озмоишӣ болоравии маълумотҳои дараҷаи инкишофи салоҳиятмандии коммуникативӣ дар гурӯҳҳои санҷишӣ 1, 5 ва мутаносибан 1, 2 баробар камтар мебошанд.

Тибқи арзёбӣ ба самарабахшии амсилаи таҳиягардида дар инкишофи салоҳиятмандии коммуникативии муҳассилини донишгоҳҳои омӯзгорӣ муқоисаи дараҷаҳои рушду инкишофи он дар донишҷӯён дар давраҳои гуногуни кори озмоишӣ баррасӣ карда шуданд. Таҳарруки рушди дараҷаҳои маҳоратҳои коммуникативӣ дар фаъолияти донишҷӯёни гурӯҳҳои озмоишӣ ва санҷишӣ дар ибтидо ва охири кори таҷрибавӣ-озмоишӣ мароқангез мебошад.

***Ҷадвали 11. Тахарруки рушди дараҷаҳои маҳоратҳои коммуникативӣ дар фаъолияти донишҷӯён (бо % %)***

| Гурӯҳҳо | ГО | | ГС | |
|---|---|---|---|---|
| Озмоиш // Маҳорат | Оғози озмоиш | Охири озмоиш | Оғози озмоиш | Охири озмоиш |
| Пешгирии ҳисси тарс | 8,4 | 16,9 | 8,2 | 9,7 |
| Мутмаин гардонидани ҳамсуҳбат | 5,8 | 11,6 | 5,1 | 6,6 |
| Донитани истилоҳоти илмӣ ба забони англисӣ | 6,3 | 12,4 | 5,2 | 6,4 |
| Қобилияти байни фикр ба забони англисӣ | 8,5 | 15,8 | 6,3 | 7,5 |

Оид ба тақсимоти баробари донишомӯзони ГО ва ГС фарзияи асосии оморӣ аз рӯи дараҷаҳои ташаккули салоҳиятмандии коммуникативӣ дар зинаи аввали озмоиш бо ёрии меъёри Фишер-Снедекор бо ҷой доштани иштибоҳ 0, 05 (1, 22 <2, 97) асоснок мегардад.

Таҳлили маълумотҳои миқдорӣ ва тахарруки мусбати ошкоркардашуда самарабахшии истифодаи маҷмӯи ташаккули шароити педагогии фароҳамгаштаи салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбии педагогиро тасдиқ менамояд.

Ҳамин тавр, коркард ва санҷиши модели раванди ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар шароитҳои муассисаи таҳсилоти олии касбии педагогӣ ва ташкили шароитҳои муносиби педагогӣ имкон доданд:

- дараҷаи ангезаи донишҷӯён ҷиҳати азхудкунии донишҳо, маҳоратҳо, малакаҳо баланд бардошта шавад;

- ҷараёни ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар раванди таълим ва тарбияи муассисаи таҳсилотӣ дар амал татбиқ гардонда шавад;

- ҷамъи душвориҳои асосии донишҷӯён оид ба азхудкунии дониш, маҳорату малакаҳо ошкорва бо истифодаи технологияҳои тамоюли шахсӣ ва психологӣ-педагогӣ кумаки саривақтӣ расонида шавад;

- таълими забони англисӣ дар ҷараёни технологияҳои муосири иттилоотӣ татбиқ гардонда шаванд.

Методҳо, шаклҳо ва воситаҳои пешниҳодкардашудаи ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбии педагогӣ (ДДОТ ба номи С. Айнӣ ва ДБЗХТ ба номи С.Улуғзода) дар рафти кори озмоишӣ санҷида шуд, ки он 270 донишҷӯ (8 гурӯҳи академӣ)-ро фаро гирифт. Муносибати инноватсионӣ ба ҳалли проблемаи таҳқиқот дар рафти озмоиш ба донишҷӯён имкон дод, ки донишҳои илмӣ-назариявӣ ва амалиявии худшиносӣ, худбаҳодиҳӣ, худислоҳкунии хислатҳои инфиродӣ, шахсиятиро инкишоф бидиҳад. Коэффитсиенти азхудкунӣ дар ГО аз 5,2 % то 11,6%, коэффитсиенти азхудкунии сифатӣ аз 5,3 % то 12,4 % афзуда, маълумотҳои натиҷавӣ дар ГС поин фаромад.

Хулоса, натиҷаҳои кори таҷрибавӣ-озмоишӣ ба мо асос медиҳанд тасдиқ кунем, ки дараҷаи ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишомӯзон аз рӯйи маълумотҳо дар ГО нисбат ба ГС баланд аст, ки ин аз самаранок будани кори иҷрогардида ҳангоми марҳилаи ташаккулдиҳандаи озмоиш дарак медиҳад. Натиҷаҳои бадастовардашуда дар асоси татбиқи модели коркардшудаи ҷараёни ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва шароитҳои педагогии қаблан номбаршуда имконпазир шуданд. Таҳлили натиҷаҳои таълими озмоишӣ оид ба тасдиқи фарзияи пешниҳодшудаи таҳқиқоти илмӣ шаҳодат медиҳад ва имкон медиҳад, ки вазифаҳои онро ҳалшуда бишуморем.

## Хулосаи боби дуюм

Салоҳиятмандии коммуникативӣ, мавҷудияти донишҳои амиқ ва мураттаби хусусиятҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, танзими рафторҳо тавассути меъёрҳои дар ҷомеа пазируфташуда, қоидаҳои фарҳангӣ-анъанавии ҳамкорӣ, баназаргирии анъанаву ойинҳо, қобилияти иҷрои ҳамкории иҷтимоӣ-меъёрӣ, ҳамкорӣ дар фаъолияти иҷтимоӣ-касбиро пешбинӣ мекунад.

Дар рафти таҳқиқот чунин муқаррарот ба миён омаданд:

1.Талаботҳои нисбатан матлубе, ки интихоби технологияҳои педагогиро муайян месозанд иборатанд аз: талаботи ҳамгироии муошırати тамоюли касбӣ ва одоби корӣ, талаботи такя ба донишҳои байнифаннии фарҳангшиносии донишҷӯён, талаботи таълими муошırати тамоюли шахсӣ дар заминаи иҷтимоӣ, талаботи ягонагии таълими тамоюли касбӣ, тарбияи ахлоқӣ ва шаҳрвандӣ. Талаботҳои мазкур ба ташкили раванди таълиме мусоидат карданд, ки он хусусияти фаъолиятӣ, инкишофдиҳӣ ва фаъоли мазмуни иҷтимоӣ-фарҳангии раванди таълимро таъмин месозад.

2.Дар вақти ҳамкории байнифарҳангии донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ дар давраи аввал мушкилоти бо ҳосилсозии таҷрибаи нави ғайрзабонӣ вобастаро набоя фаромуш кард. Яъне б назардошти он, ки дарки ин гуна фарқиятҳо дар идроки воқеияти ғайрзабонӣ, омӯзонидани забонҳои хориҷӣ ба донишҷӯён ва дар он «зистан» муҳим аст, ҳангоми баррасӣ онҳоро дар ҷои аввал гузошта, дар ҳолати зарурат аз забони модарӣ (тоҷикӣ) истифода бурдан мумкин аст.

3.Омӯзиш ва таҳлили технологияҳои муосир дар соҳаи таҳсилоти ғайрзабонӣ имкон доданд, ки зинаҳои зеринро муайян кунем: технологияҳои тамоюли шахсӣ, технологияҳо дар асоси фаъолгардонӣ ва пурмаҳсулкунонии таълим, технологияҳои бозӣ ва фаъоли омодасозии касбии мутахассис-педагоги оянда. Ҳангоми мақсадгузории муносиб истифодаи онҳо ба рушди ҷанбаҳои алоҳидаи салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳанги донишҷӯён дар дараҷаҳои шахсиятӣ ва касбӣ мусоидат менамоянд, яъне ба рушди маҳоратҳои пешгӯӣ

кардани рафтори нутқии ҳамсӯҳбат, баҳо додани ҳолати муошират, танзим намудани рафтори худ, ошно гардидан бо шаклҳои фаъолиятиояндаи касбӣ мусоидат менамояд.

4.Натиҷаҳои кори таҷрибавӣ-озмоишӣ муайян ва тасдиқ мекунанд, ки модели коркарднамудаи мо оид ба ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар раванди таълими муошırати ғайрзабонӣ ва технологияҳои педагогӣ ба баландшавии назарраси дараҷаи ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии мутахассиси оянда дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар вақти риояи шартҳои зерин мусоидат менамоянд: муносибати тамоюли шахсиятӣ - фаъолӣ ба сифати асоси методологии рушди ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии мутахассиси оянда амал мекунад; раванди таҳсилоти ғайрзабонии касбии педагогӣ равиши коммуникативӣ-шахсиятӣ ва шахсиятӣ - фаъолиятмандӣ дорад; даврияти воридсозии технологияҳо ва тамоюл ба татбиқи ҳама ҷанбаҳои салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва инкишофи шахсияти донишҷӯён амалӣ карда мешавад.

Маълум гардид, ки дар раванди ҳамкориҳои байналмилалӣ барои ҳамгироии фарҳангҳои миллӣ ва хориҷӣ дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ заминаҳои муносибу мувофиқ ба вуҷуд омадаанд. Дар асоси муносибати иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар таълим мо вазифаи худро зимни ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогӣ дар бахши ҷомеашиносӣ нисбат ба таҳсилоти забонӣ, яъне дар густариши функсияи таҳсилотии забони хориҷӣ ҳамчун фанни таълимӣ мебинем. Воқеиятҳо ва падидаҳо аз ҳаёти иҷтимоӣ дар асоси омодагии касбии педагогӣ ва интихоб карда мешаванд, ва аз нигоҳи мо, бояд он ба ҳакориҳои байналмилалӣ, ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни ихтисосҳои забони хориҷӣ дар зинаи тахсилоти олии касбии педагогӣ мусоидат намоянд.

# ХУЛОСА ВА ТАВЗЕҲОТ

Масъалаи таҳқиқи диссертатсияи мазкур «Методикаи амалисозии ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷиҳати ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни ихтисосҳои забонҳои хориҷӣ дар зинаи таҳсилоти олии касбии педагогӣ» бо такя ба ғояҳои бисёрфарҳангӣ дар раванди таълими забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогӣ таҳия карда шудааст. Дар асоси омӯзиши манбаъҳои назариявӣ ва методологӣ, татбиқи равияҳое аз қабили равияҳои шахсиятӣ-фаъолмандӣ, фарҳангшиносӣ, бисёрэтникӣ ва ҳоказо, истифодаи технологияҳои муосир, аз ҷумла таълими интерактивӣ, гузаронидани дарс-муаррифиҳо, технологияҳои инноватсионии педагогӣ ҳамчун яке аз роҳҳои ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогӣ, омодагии донишҷӯён ба ҳамкориҳои байналмилалӣ дар ҳолати коммуникатсияи байнифарҳангӣ ва ғайра, шароитҳои дидактикӣ, принсипҳо ва модели ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷиҳати ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯён дар самаранокии технологияҳои педагогӣ зимни таълими муошират бо забони хориҷӣ натиҷаҳои кори таҳқиқотӣ пешниҳод карда шудаанд.

Барои татбиқи босамараи технологияи ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯён ҳангоми таълими забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогӣ коркард ва амалисозии барномаи таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ коркард карда шуд, ки он санҷиши шароитҳои педагогии пешниҳодшударо амалӣ гардонда шаванд.

Модели функсионалии ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷиҳати ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯён дар самаранокии технологияҳои педагогӣ зимни таълими муошират бо забони хориҷӣ ташкилаи сохториест, ки ҷанбаҳои когнитивӣ ва коммуникативро фаро мегирад, аз ин рӯ муттаҳидсозии фарҳангҳо зимни таълими ЗХ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ педагогӣ дар сатҳи байнифарҳангӣ

омӯхтани онро талаб менамояд. Ин дар ҳолати муқоисаи як фарҳанг бо фарҳанги дигар ва зуҳурёбии хусусиятҳои онҳо рӯй медиҳад.

Бар асоси маълумотҳои таҳқиқоте, ки дар факултетҳои забонҳои хориҷии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогии шаҳри Душанбе гузаронидем, мо тавонистем дараҷаҳои ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёнро, ки онҳо бояд ба мутахассиси ояндаи соҳаи педагогӣ мувофиқ бошанд: аз рӯйи қисмати ангезавӣ-шахсиятӣ, пуррагии низоми донишҳои психологӣ-педагогӣ, махсус ва методӣ; зудӣ ва дараҷаи зуҳури худназоратии амали таълимӣ-педагогӣ, ки бо худбаҳодиҳии ширкат дар амали якҷоя тавъам мебошад; рафтори худ ваислоҳи он ҷудо кунем.

Ташхис ва муқоисаи нишондодҳои асосии салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни муассисҳоаи таҳсилоти олии касбии педагогӣ барои ҷудокунии се дараҷаи ташаккули он мусоидат намуд: поён (паст, яъне каммаҳсул), миёна (маҳсулнок) ва баланд (касбӣ-эҷодӣ), ки ба онҳо омилҳои дохилӣ ва берунӣ таъсири муҳим расондаанд.

Ангезаҳое, ки хоҳишҳои бошууронаи донишҷӯро ба фаъолияти омӯзгори забонҳои хориҷӣ ва ташаккули шахсият ифода мекунанд, инҳоро дар бар мегиранд: ангезаҳои дорои хусусияти иҷтимоӣ-касбӣ ва шахсиятӣ; қисмати фаъолмандиро маҳоратҳо, малакаҳо ва қобилиятҳои инсон, ки бо маҳоратҳои конструктивӣ ва коммуникативӣ ифода меёбанд, ташкил медиҳанд; онҳо аз таҳлили амали худ, баҳодиҳӣ ва азнавбаҳодиҳии қобилиятҳо, маҳоратҳои ташкилотчигӣ ва лоиҳакашӣ иборатанд.

Ҳамчун асоси методологии ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯён дар гурӯҳҳои бисёрэтникӣ равияҳои шахсятӣ-фаъолмандӣ, аксиологӣ ва ҳамгироӣ-фарҳангшиносӣ амал мекунанд, ки онҳо муаллим ва омӯзгори ояндаи забонҳои хориҷиро ба он равона месозанд, ки чунин принсипҳо татбиқ ёбанд: субъективият, муколамавият, озодӣ ва масъулият, гуманистикунонӣ, фарҳангсозгорӣ, рефлексивият, таҳаммулпазирӣ ва ҳамрайъӣ. Хусусияти ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯён дар шароитҳои бисёрэтникии муассисаҳои таҳсилоти олии

касбии педагогӣ муайян карда шуд, ки он аз ташкили қадам ба қадами таҳқиқоти мазкур бо баҳисобгирии вақти озмоиш, захираҳо, натиҷаҳои мониторингҳо, имконияти дар давраҳо ислоҳ кардани номутобиқатӣ аз натиҷаҳои тарҳрезишуда иборат буд.

Модели коркарднамудаи мо оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷиҳати ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбии педагогӣ дар самарабахшии технологияҳои муосири педагогӣ дар раванди таълим, минбаъд истифодабарии воситаҳои аёнӣ (ҷадвалҳо, нақшаҳо, моделҳои созгор), васоити техникии таълим (истифодаи компютер, тахтаи интерактивӣ, проектори мултимедиавӣ), маводҳои чопии ВАО, адабиёти илмӣ ва маълумотӣ; иттилоот аз Интернет, муаррифиҳои электронӣ ва ҳоказоро пешбинӣ менамояд.

Натиҷаи модел дар таҳарруки мусбати болоравии дараҷа зимни ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогӣ дар самаранокии технологияҳои гурӯҳҳои бисёрэтникӣ зоҳир мешаванд. Ҳама қисматҳои модел бо ҳамдигар вобастагӣ доранд, онҳо ҳамчун як чизи бутун амал мекунанд. Кори озмоиширо мо бо тафтиши гуногунтарафа амалӣ кардем.

Омӯзиш, таҳлил ва ташхиси масъалаи таҳқиқоти мазкур имкон дод арзишмандии байнифарҳангии ҳамкории педагогие, ки маҳоратҳои зеринро ташаккул медиҳанд, муайян карда шаванд: зуҳури таҳаммулпазирӣ, ҳамрайъӣ, интиқодӣ, муқоисаи ақидаи худ бо дигарон, пешгирии эҳсоси карахтӣ, тарс ва нобоварӣ қабл аз муошират, даст кашидан аз сифатҳое мисли таассуб ва тасаввуроти қолабӣ; маҳорати зоҳир намудани чандирии зеҳнӣ, рафъи худмеҳварии фардӣ ва ғайраҳо.

Мо санҷиши модели коркарднамудаамонро дар ҷараёни таҳқиқоти озмоишие, ки дар заминаҳои ДДОТ ба номи С.Айнӣ ва ДБЗХТ ба номи С.Улуғзода дар вақти таълими забони англисӣ дар гурӯҳҳои бисёрэтникӣ гузаронидем, амалӣ намуда, он дар се давра гузашт: муқарраркунанда, ташаккулдиҳанда, ҷамъбасткунанда.

Дар рафти таҳқиқ тафтиши модели коркардшуда ва татбиқсозии шароитҳои педагогии пешниҳодшуда зимни ташаккули салоҳиятмандии коммуникативӣ дар омӯзгорони ояндаи забонҳои хориҷии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогӣ дар самаранокии технологияҳои муосири педагогӣ дар кори таълимӣ ва беруназаудиторӣ баррасӣ карда мешавад. Пуррагардонии мундариҷавии модели сохторӣ-функсионалии салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогӣ муайян карда шуд, ки бо ягонагӣ ва яклухтии қисмҳои таркибӣ (қисматҳои мақсаднокӣ, мундариҷавӣ, тартиботӣ, санҷишӣ-баҳодиҳӣ) тавсиф карда мешавад.

Дар озмоиш шароитҳои педагогии салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогӣ коркард ва санҷида шуданд, ки инҳоро дар бар мегиранд: актуаликунонии ташаккули сифатҳои шахсиятии донишҷӯён (масъулиятшиносӣ, мустақилият, ташаббускорӣ, ҷидду ҷаҳд, фарҳанги ботинӣ, босаводӣ ва ғ.) дар фазои тамоюли гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогӣ; истифодаи технологияҳои гуманитарӣ дар тайёрии касбии омӯзгорони ояндаи забонҳои хориҷӣ; баҳодиҳии сатҳи ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогӣ.

Натиҷаҳои муайянсозии ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогӣ дар аввал ва охири таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ дар гурӯҳҳои озмоишӣ ва санҷишӣ:

-миқдори донишҷӯёне, ки дараҷаи пешрафтаи ташаккули маҳоратҳои таҳқиқотшавандаро дар гурӯҳи экспериментали доранд, 27 % афзуд, дараҷаи миёна 25 % афзуд, дараҷаи поён бештар аз 48 % коҳиш ёфт;

-дар гурӯҳи санҷишӣ миқдори донишҷӯёне, ки дараҷаи пешрафта доранд, 7 % афзуд, дараҷаи миёна танҳо 9 % афзуд, дараҷаи поён 21 % коҳиш ёфт;

Тафтиши таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ ва шароитҳои ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии омӯзгорони оянда ҳангоми омӯзиши ЗХ

дар муҳити бисёрэтникии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогӣ ғояҳои асосии фарзияро тасдиқ карда, татбиқшавандагии амалӣ ва таъсирбахшии худро исбот намуд.

Мониторинги ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯён дар раванди таълими забони хориҷӣ имкон дод таҳарруки мусбати дараҷаҳои ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогӣ муқаррар карда шавад.

